З. ИСЛОМОВ, Д. РАҲИМҶОНОВ,
Ҷ. НАҶМИДДИНОВ, Н. ИСМАТОВА

# ТАЪРИХИ ДИНҲОИ ДУНЁ

**Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таълими миёна**

Нашри 1-ум

**Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст**

Тошканд
«Yangiyul Poligraph Service»
2018

UO‘K: 2-9(100)(075.3)
KBK: 86.2(0)
I-69 **Исломов, Зоҳидҷон.**
**Таърихи динҳои дунё**: Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таълими миёна. /З.Исломов, Д.Раҳимҷонов, Ҷ.Наҷмиддинов, Н.Исматова. – Нашри якум. – Тошканд: “Yangiyul Poligraph Service”, 2018. – 144 с.

**UO‘K: 2-9(100)(075.3)**
**ISBN 978-9943-5245-4-5** **KBK: 86.2(0)ya72**

**Муҳаррир масъул:**

**А. Ҳасанов** — доктори илмҳои таърих, профессор

**Тақризчиён:**

**Н. Муҳамедов** — номзади илмҳои таърих, дотсент
**М. Алимова** — номзади илмҳои таърих, дотсент
**А. Замонов** — доктори фалсафа (PhD) оид ба илмҳои таърих
**Ф. Каримов** — доктори илмҳои сиёсӣ
**Ҷ. Тоҳиров** — омӯзгори мактаби давлатии таълими умумии ихтисосии забонҳои хориҷӣ
**Ш. Қудратов** — омӯзгори фанни таърихи мактаби рақами 41-уми шаҳри Тошканд
**Б. Маҳмудбоев** — омӯзгори литсеи академии назди Донишгоҳи давлатии Гулистон

Ин китоби дарсӣ бар асоси тавсияи Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон таҳти рақами 2484 аз 1-уми майи соли 2018, хулосаи Шӯрои илмию методии фанни “Таърих”-и назди Маркази таълими республика ва Маркази мувофиқсозию методӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон таҳти рақами 34 аз 24-уми апрели соли 2018 ба нашр тавсия шудааст.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-5245-4-5

© З. Исломов, Д. Раҳимҷонов, Ҷ. Наҷмиддинов, Н. Исматова. 2018.
© Yangiyul Poligraph Service, 2018.

# Сарсухан

Ўзбекистон давлати аҳолиаш гуногунмиллат ва бисёрконфессиявӣ аст. Алҳол дар кишварамон намояндагони беш аз 130 миллату қавм дар амонӣ расму оинҳои худро давом дода, ба динҳояшон эътиқод карда меоянд. Самти панҷуми Стратегияи ҳаракатҳои оид ба панҷ самти уствори тараққӣ додани Республикаи Ўзбекистон дар солҳои 2017—2021, ки аз тарафи Президентамон Шавкат Мирзиёев пешниҳод гардид, айнан ба масъалаи таҳаммулпазирии байни динҳо бахшида шудааст. Ин китоби дарсӣ донишҳоеро, ки дар синфҳои поёнӣ андўхта будед, мустаҳкам ва ғанӣ менамояд.

**Донишомўзони азиз!**

Фанни “Таърихи динҳои дунё”-ро омўхта, сарфи назар аз эътиқодатон дигар динҳоро паст назада, ба қоидаҳои ҳурмат намудани ҳиссиёти динии дигарон бояд риоя кунед.

Мавзўъҳои китоби дарсӣ ба фаслҳо тақсим шудаанд. Дар ҳар як фасл мафҳумҳои асосии дар дарс омўхтаатон, маълумоти иловагӣ оид ба мавзўъ, фикрҳои ибратомези алломаҳо ва арбобони бузурги давлатӣ, факту далелҳои аҷиб, фаъолияти эҷодӣ ва барои мустаҳкам кардани донишатон саволҳо ҷой гирифтаанд. Шарҳи баъзе истилоҳҳоро, ки дар матн вомехўранд, аз луғати дар охири китоб ҷойгирифта ёфтан мумкин.

Зимни таҳияи китоби дарсӣ аз адабиётҳои илмӣ ва динию маърифии оиди мавзўъ, нашрҳои даврӣ, санадҳо ва китобҳои муқаддасе, ки дар онҳо назариёти ақидавии конфессияҳои динӣ қайд гаштаанд, маълумотҳои интернет, инчунин, аз адабиёти бадеӣ истифода шуд. Дар китоб аз манбаъҳои динии муқаддаси динҳои ҷаҳон иқтибосҳо оварда шудаанд. Аз ин сабаб онро дар ҷойҳои номуносиб набояд гузоред.

Ба воситаи фаъолияти эҷодӣ ва супоришҳо барои хониши иловагии китоби дарсӣ шумо фикрронии мустақилона ва мантиқиро, коммуникатив будан, кор бо манбаъҳои таърихиро меомўзед, ба арзишҳои миллию умумибашарӣ соҳиб шуда, маҳорати (компетенсияи) ахборот гирифтан ва истифодаи онҳо, фаъолии иҷтимоиро дар худ ташаккул медиҳед. Инҳо ҳама ба шумоён барои чун инсони комиле, ки вазифаю масъулиятро дар назди Ватан дарк кардааст, ёрӣ медиҳанд. Дар ин бобат ба шумо муваффақият орзумандем.

# § 1 ТАШАККУЛ ДОДАНИ МУҲИТИ БЕХАТАРӢ ВА СУБОТ ДАР ЎЗБЕКИСТОН



**ДАР ДАРСИ ИМРЎЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Таъмин намудани бехатарӣ--масъалаи муҳимтарин.
2. Аҳамияти ҳамбастагии байнимиллӣ дар таъмини бехатарӣ ва субот.

## ТАЪМИН НАМУДАНИ БЕХАТАРӢ — МАСЪАЛАИ МУҲИМТАРИН



Бо инсонҳои беадаб, бетарбия ва бадхулқ баҳсу талош накунед.

***Имом Ғаззолӣ***

Дар шароити имрўза бехатарию амният дар дунё яке аз масъалаи муҳимтарин касб намудааст. Беш аз пеш аз тарафи давлатҳо афзудани хароҷоти низоми мудофиа ва соҳаи ҳарбӣ фикрамонро тасдиқ менамояд. Аммо фақат доштани яроқу аслиҳаҳои замонавӣ амниятро таъмин намекунад.

Чунки қувваҳои замонавии ифротгар (вайронгар) мубориза ошкоро набурда, ногаҳон амалиёти ифротгарона содир намуда, на ҳарбиёнро, балки аҳолии осоиштаро зери нишон гирифта, ҳамин тавр аз усулҳои қабеҳтарин истифода бурда истодаанд.



*“Маълум аст, ки дар сарзамини бостонӣ ва пурсаховати мо аз қадимулайём намояндагони миллату қавм, маданият ва динҳои гуногун аҳлу тифоқ шуда зиста омадаанд. Меҳмондўстӣ, некӣ, саховати қалб ва таҳаммулпазирӣ ба маънои томаш ба мардуми мо хос будааст ва асоси менталитети онро ташкил мекунад”.*

***Шавкат Мирзиёев***

Зимни ин ҳаракатҳо барангехтани низоъҳои миллию динӣ мақсади асосӣ ҳисоб мешавад. Масалан, дар нимаи дуюми асри XX дар заминаи давлатию ҳуқуқӣ, этно-ҳудудӣ, этно-демографӣ беш аз 300 то низоъҳои калону хурд қайд шудаанд.

Президентамон Шавкат Мирзиёев дар барномаи пешазинтихоботӣ масъалаи таъмин кардани сулҳу осоиш, дастгирӣ намудани муҳити тифоқии миллатҳо ва байни динҳо, муборизаи зидди экстремизми зери ниқоби дин ва терроризм ҳамчун принсипи асосӣ пешниҳод гардид.

Дар диёри Ўзбекистон аз қадимулайём намояндагони тамаддунҳо, қабатҳои маданӣ, эътиқод ва таълимоти динии гуногун паҳлўи ҳамдигар зиндагӣ карда омадаанд. Ин сарзамин маъвои азалӣ ва муқаддаси аҷдодонамон аст. Ин диёр нуқтаи рў ба рў омадани Шарқ ва Ғарб, Шимол ва Ҷануб, таърихи мозӣ ва ояндаи бузург, қалби Осиёи Марказӣ, яке аз гаҳвораҳои тафаккур, илму фарҳанги қадимтарин аст. Дар ин замин решаҳои тамаддуни дунёро ба

*Афзалияти имон дар сабру таҳаммулпазирӣаш аст.*

***Ҳадис***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

**СТРАТЕГИЯИ ҲАРАКАТҲО 2017–2021**

Бо назардошти барномаи пешазинтихоботӣ бо ташаббуси Президентамон “Стратегияи ҳаракатҳо оид ба панҷ самти устувори тараққиёти Республикаи Ўзбекистон дар солҳои 2017—2021” таҳия шуд. Дар стратегия ҳамчун самти панҷум “Самтҳои устувори таъмин намудани бехатарӣ, ҳамбастагии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ ва соҳаи чуқур андешидашуда, ба ҳамдигар манфиатбахш ва амалии сиёсати хориҷӣ” муқаррар карда шуд. Ин ҳам аз эътибори махсус ба амнияти шаҳрвандон дар кишварамон, таҳаммулпазирии миллӣ ва байни динҳо далолат медиҳад.

> Инкишоф додани маданияти таҳаммулпазирӣ ва инсонпарварӣ, мустаҳкам намудани ҳамбастагию муросои байнимиллӣ ва байни шаҳрвандон, дар рӯҳи ҳамин замина, муҳаббат ва садоқат ба Ватан тарбия кардани насли ҷавон яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлат дар Ӯзбекистон мемонад.
>
> ***Шавкат Мирзиёев***

ҳайрат оварда ба вуҷуд омада, анъанаҳои қадимтарини динию фалсафии қадимтарини таърихи башарият ташаккул ёфтаанд. Файласуфи Юнони қадим Геракл бесабаб ин сарзаминро “Гаҳвораи тафаккури фалсафӣ” наномидааст. Таъкид намудан ҷоиз аст, ки тамаддуни мо ба ба услуби ба худ хоси тафаккури таҳаммулпазирӣ, дилфарохӣ такя мекунад.

Таърихи сеҳазорсолаамон гувоҳӣ медиҳад, ки оличанобӣ ва инсонпарварӣ, кӯшиш барои тифоқии байнимиллӣ яке аз фазилатҳои олитарини халқамон аст. Ин анъанаҳо аз насл ба насл гузашта меоянд.

## АҲАМИЯТИ ҲАМБАСТАГИИ БАЙНИМИЛЛӢ ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРӢ ВА СУБОТ

Ӯзбекистон баъди расидан ба истиқлолият на фақат барои халқи ӯзбек, ки номи давлат аз он гирифта шудааст, балки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти маънавию мадании аҳолии миллаташ гуногуни дар кишварамон зиндагӣ кардаистода марказҳои миллию фарҳангӣ ташкил карда шуд. Барои дастгирӣ кардани фаъолияти онҳо ва мустаҳкам намудани муносибатҳои байнимиллӣ 13-уми январи соли 1992 Маркази маданияти байналмилалии республика ташкил гардид.

Соли 2017 25-солагии ташкилёбии Маркази мадании миллии республика васеъ ҷашн гирифта шуд.

### НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Бино ба маълумотҳо сад сол муқаддам дар ҳудуди республикаи ҳозираамон намояндагони қариб 70 миллат истиқомат мекарданд. Соли 1926 дар республикаамон намояндагони 90 миллату қавм зиндагӣ дошта бошанд, соли 1959 шумораи онҳо ба 113, соли 1979 ба 123, соли 1989 ба 130 то расид.

19-уми майи ҳамон сол бо мақсади боз ҳам инкишоф додани фаъолияти марказ бо Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон он ба сифати Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дўстона бо кишварҳои хориҷӣ дар назди Девони Вазирон аз нав ташкил карда шуд.

Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон “Дар бораи чоравау тадбирҳои боз ҳам такмил додани муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дўстона ба кишварҳои хориҷӣ” ба таъмини суботу сулҳ ва тифоқӣ дар ҷамъият, мустаҳкам кардани ҳиссиёти мансубият ба оилаи бузургу ягонаи сермиллат дар шуури шаҳрвандон, ҳамаҷониба дастгирӣ кардан ва инкишоф додани марказҳои миллиии фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дўстӣ, вусъат додани робитаҳои мадание маърифӣ бо кишварҳои хориҷӣ равона карда шудааст.

Бар зиммаи ин кумита вазифаи таъмин сохтани тифоқӣ ва таҳаммулпазирии байнмимиллӣ, васеъ тарғиб кардани сиёсати сулҳхоҳона, муваффақиятҳои ноилшуда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат, исроргарона дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат доир ба мустаҳкам кардани дўстӣ ба ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла бо диаспораи ҳамватанон дар хориҷи кишвар гузошта шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини самти муносибатҳои байнимиллӣ ташкил намудани низоми таълиму тарбия бо назардошти таркиби миллии аҳолӣ мебошад. Бино ба маълумоти статистикии Вазорати таълими халқ дар соли таҳсили 2017-2018 дар миқёси республика 9628 то мактаб фаъолият менамояд, Аз онҳо дар 9018 мактаб таълим ба забони ўзбекӣ, 903 то мактаб ба русӣ, 365 то ба забони қароқалпоқӣ, 378 то мактаб ба қазоқӣ, 245 то мактаб ба забони тоҷикӣ, 44 то мактаб ба туркманӣ, 90 то мак-



Эй мардум!
Мо шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо тираҳо ва қабилаҳо қарор додем, то якдигарро бишиносед. (Инҳо молики имтиёз нест), гиромитарини шумо назди Худованд ботақвотарини шумост. Худованд Доно ва Огоҳ аст.

***Қуръони карим, сураи Ҳуҷурот, ояти 13-ум***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ин матнро хонед, истилоҳи “иммунитети мафкуравӣ”, ки дар ин ҷо оварда шудааст, эзоҳ диҳед.

*“Маълум аст, ки барои гирифтани пеши роҳи ҳар гуна беморӣ, аввало, дар организми инсон бар зидди он иммунитет ҳосил карда мешавад. Мо ҳам барои дар қалби фарзандонамон ташаккул додани муносибати солим ба Модар-Ватан, таърихи ғаниамон, дини муқаддаси аҷдодонамон, таъбир ҷоиз бошад, иммунитети мафкуравиашонро пурзӯр карданамон зарур аст”.*

таб ба забони қирғизӣ ба роҳ монда шудааст. Набояд фаромӯш кард: дар кучое, ки аҳамияти ғояи ҳамбастагии байни миллатҳо дарк нашавад, дар ҳаёти он ҷамъият ҳар гуна зиддиятҳо, муаммоҳо ба вуҷуд меоянд, онҳо ба сулҳу осоиш ва субот таҳдид мекунанд. Низоъҳои байнимиллие, ки имрӯз дар баъзе минтақаҳои дунё содир мешаванд, аз гуфтаҳои боло далолат медиҳанд.

Дар роҳи татбиқи амалии ғояи тифоқии байни миллатҳо мамонияти хатарноктарин миллатгароӣ ва шовинизми таҷовузгарона мебошад. Ҷамъияти ба доми ин иллат, ғояи зарарнок гирифторшуда ба





Республикаи Ўзбекистон ҳурмат шудани забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳамаи миллат ва қавмҳоеро, ки дар ҳудудаш истиқомат мекунанд, таъмин менамояд, барои инкишофи онҳо шароит фароҳам мекунад.

***Аз моддаи 4-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***

ҳалокат рӯ ба рӯ меояд. Оид ба ин ҳолат аз таърихи дуру наздик бисёр мисол овардан мумкин. Масалан, ғояи фашизм ба сари инсоният кулфат, офату балоҳои бисёр овард ва дар оқибат худаш ба ҳалокат рӯ ба рӯ омад.

Лекин имрӯз низ қувваҳое ҳастанд, ки барои зинда кардани ғояҳои фашизм, шовинизм, нажодпарастӣ, бар зидди ғояи ҳамбастагии миллӣ, тифоқӣ "юриши салибӣ" карданӣ ҳастанд. Мо айнан аз будани ҳамин қувваҳо ва ҳаракатҳои онҳо ҳушёр бояд бошем.Бино ба маълумотҳо ҳоло дар сартосари дунё қариб 500 то ташкилоти террористӣ мавҷуд аст. Дар мобайни як сол дар оқибати аз тарафи онҳо содир шудани амалҳои террористӣ чандин ҳазор нафар ҳалок шуданд, ки ин ҳам терроризм яке аз таҳдидҳои асосии аз маҷро баровардани ҳаёти осоишта ва хотирҷамъӣ буданашро нишон медиҳад.

Хулоса карда гӯем, модоме, ки дар диёрамон пешвозгирии субҳро, ором хуфтанро, таълим гирифтан ва барои оянда барнома сохтанро мехоҳем, таъмини сулҳу осоиш, бехатарӣ ва субот вазифаи аввалиндараҷа хоҳад монд. Барои татбиқи амалии онҳо ҳар яки мо чун як тану як ҷон бояд ҳаракат намоем.

> Мисли паррандаҳо дар ҳаво парвоз карданро омӯхтем. Мисли моҳиҳо дар баҳрҳо шино намуданро ёд гирифтем. Лекин ҳанӯз ҳам мисли бародарон дар ин сайёра зистанро наомӯхтем.
>
> ***Мартин Лютер Кинг***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Аҳамияти бехатарӣ ва суботро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
2. Аз кӯҳансолон фикрашонро дар бораи ҷанг ва сулҳ пурсидаед?
3. Аҳамияти тифоқии байни миллатҳо дар бобати таъмини бехатарӣ аз чиҳо иборат аст?
4. Ба фикри шумо ҳоло дар дунё хавфи калонтарине, ки ба суботу сулҳ таҳдид менамояд, чист?

# § 2 ТАМОИЛҲО ДАР ДИНШИНОСИИ МУОСИР

## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Таърихи инкишофи фанни диншиносӣ.
2. Тамоилҳои нав дар омӯзиши сотсиология, фалсафа, психология, феноменологияи дин.

## ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ ФАННИ ДИНШИНОСӢ

Барои холисона омӯхтани тамоми динҳо дунё ва чараёнҳои вобаста ба онҳо фанни “Диншиносӣ” мавҷуд аст. Соҳаҳои ин фан хеле зиёд буда, яке аз онҳо “Таърихи динҳои дунё” мебошад.

Дар замони императори Рим Константини I (асри IV) дини насронӣ баробари дигар динҳо ба як мавқеъ соҳиб шуд. Минбаъд дини давлатӣ эълон шудани дини насронӣ аз тарафи империяи Рим дар Европа ва дар натиҷаи оҳиста-оҳиста ҳокимиятро ба даст гирифтани калисо илму фан низ зери таъсири дини насронӣ монд. Дар ин давр тадқиқотҳо оид ба дин фақат дар шакли илоҳиёт буда, дини насронӣ, хусусан, мазҳаби католикии он аз дигарҳо боло гузошта мешуд.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ҷиҳати фарқкунандаи диншиносӣ аз дигар фанҳо ин аст, ки дар он дар бораи ҳар гуна дин холисона, бидуни танқид ва таҳқир маълумот дода мешавад.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар асарҳои нависандагони Юнон ва Рими қадим дар бораи динҳои халқҳои гуногун маълумотҳо оварда шудаанд. Масалан, Ҳеродот (асри V-уми пеш аз милод), ки номи “падари илми таърих”-ро гирифтааст, низ оид ба халқҳои тадқиқкардааш маълумот дода, аз хусуси дини онҳо низ сухан рондааст.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Маълумотҳоеро, ки дар бораи худоён ва қаҳрамонҳо дар асарҳои Гомер ва Гесиод оварда шудаанд, ба ёд оред.

Аз ин асарҳо дар бораи динҳои кадом давр маълумот гирифтан мумкин?

Дар асрҳои VII-VIII дар бораи динҳои мавҷудаи он давр рисолаҳои хурдакак пайдо шуданд. Аз асрҳои VIII-IX сар карда, дар бораи таърихи динҳо ва таълимотҳо китобҳои нахустин офарида шуданд.

Дар асри XIX таъсири калисо дар минтақаи Европа суст шуд. Дар натиҷа, дар баробари дигар фанҳо фанни диншиносӣ ҳам аз зери таъсири калисо баромад. Дар ин давр асарҳои Макс Мюллер бо номи “Мифологияи қиёсӣ”, “Маърӯзаҳо оид ба асос ва ташаккули динҳо” аз нашр баромаданд.

Баъдтар Мюллер дар Донишгоҳи машҳури Оксфорд аз таърихи динҳо маърӯзаҳо хонда, бори аввал истилоҳи “диншиносӣ”-ро истифода бурдааст. Ҳамин



*Тамъиди император Константин, Рафаэл*

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Бобокалони бузурги мо Абӯрайҳон Берунӣ ба маънои томаш ба номи падари фанни диншиносӣ дар шарқи мусулмонӣ муносиб аст.

Дар асарҳои вай аз қабили “Осор-ул-боқия”, “Ҳиндустон” дар бораи динҳои мухталиф маълумотҳо гирд оварда шудаанд.

тавр, диншиносӣ дар донишгоҳҳои Париж, Брюссел ва Рим ҳамчун фан омӯзонида мешуданд. Дар даври Иттиҳоди Шӯравии собиқ фанни диншиносӣ асосан барои танқиди динҳо ва исбот кардани “саркути дунёи кӯҳна” омӯхта мешуд. Бинобар ин ҳам номи вайро дигар карда “Атеизми илмӣ” номиданд. Бо мурури солҳо дар донишгоҳҳо кафедраҳои “Атеизми илмӣ” ташкил шуда, ба донишҷӯён ғояи “афюн будани дин” талқин карда мешуд.

Республикаи Ӯзбекистон ба мустақилӣ ноил шуду соҳаи диншиносӣ ҳам аз зери таъсири мафкураи атеистӣ берун шуд.

Бо мақсади дар байни насли ҷавон ташаккул додани тафаккури саҳеҳ ва холис дар бораи динҳо, тарбия кардани онҳо дар рӯҳи таҳаммулпазирии байнидинӣ дар миёнаҳои солҳои 90-ум дар барномаи таълими синфҳои 9-уми мактабҳои умумитаълимӣ фанни “Таърихи динҳои дунё” дохил карда шуд.

Мувофиқи тартиби нави дар соли 2017 қабулшуда акнун диншиносӣ ҳамчун фанни асосӣ эътироф шуд. Барои инкишоф додани ин соҳа соли 1999 Донишгоҳи исломии Тошканд ташкил карда шуд. Донишгоҳ мувофиқи самти фаъолияташ мутахассисони бакалавр ва магистрро тайёр карда меоянд.

Илм аз ҳама моли дунё беҳтар аст. Зеро илм туро ҳимоя мекунад, моли дунёро бошад бояд ту ҳимоя кунӣ. Моли дунё сарф гардад, кам мешавад, аммо илмро ба дигар кас омӯзонӣ боз ҳам зиёда мешавад.

***Алӣ ибни Абӯтолиб***

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар олами ислом дар соҳаи диншиносии қиёсӣ низ корҳои зиёд амалӣ шудаанд. Аз байни онҳо асари “Осор-ул-боқия”-и Абӯрайҳон Берунӣ, “Дастур”-и Ибни Ямин, “Китоби маъҷусият ва бисёрхудоӣ”-и Муҳаммад ибни ал-Ҳузайл, “Рисола дар бораи васфи мазҳабҳои собийён”-и Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Сарахсӣ, “Китоби шариатҳои динҳо”-и Абӯзайд ал-Балхиро қайд кардан мумкин аст.

16-уми апрели соли 2018 бино ба фармони Президенти мамлакат дар ҳузури Идораи мусулмонони Ўзбекистон Академияи исломии Ўзбекистон ва дар заминаи Донишгоҳи исломии Ўзбекистон Академияи исломии байналмилалии Ўзбекистон ташкил карда шуд.

## ТАМОИЛҲОИ НАВ ДАР ОМЎЗИШИ СОТСИОЛОГИЯ, ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ, ФЕНОМЕНОЛОГИЯИ ДИН

Диншиносӣ бо фанҳои ҷамъиятшиносӣ аз ҷумлаи фанҳои таърих, фалсафа, психология, сотсиология мустаҳкам вобаста аст. Дар натиҷаи ин вобастагӣ дар таркиби диншиносӣ якчанд соҳаҳо ба вуҷуд омаданд.

***Сотсиологияи дин*** соҳаи диншиносиест, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, натиҷаҳои аз паси ин муносибатҳоро ба вуҷуд меоянд, меомўзад. Ин соҳаи илм муносибати динро нисбат бо давлат, халқ, оила, воқеаҳову ҳодисаҳои иҷтимоие, ки дар соҳаи дин пайдо мешаванд, муносибатҳои байниҳамдигарии ҷамоаҳои динӣ бо ҷамъиятро тадқиқ менамояд. Сотсиологияи дин аз як тараф ба ҷамъият, аз дигар тараф ба илмҳои динӣ такя мекунад.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

**Таърихи дин** — соҳаи диншиносие, ки динҳоро аз нуқтаи назари таърихӣ меомўзад. Дар он асосан ба шарту шароити таърихии пайдоиши динҳо, асосҳои онҳо, ҷамоаҳои нахустин, марҳилаҳои инкишоф ва ҳолати имрўзаи онҳо аҳамият дода мешавад.

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ҳуҷҷати зеринро хонед ва муайян кунед, ки ин қоида дар қонунгузории миллӣ чӣ гуна инъикос ёфтааст?

*“Ҳар як инсон ҳуқуқи озодии фикр кардан, виҷдон ва динро дорад; ин ҳуқуқ ҳуқуқи дигар кардани дин ё маслаки худ, аз рўйи дин ё маслаки худ бо тартиби якка ё бо дигарон якҷоя таҳсил гирифтан, дар адо намудани тоату ибодат, маросимҳои динӣ ба таври ошкоро ё хусусӣ озодии эътиқод карданро дар бар мегирад”.*

***Моддаи 18-уми Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон***

Зиёда аз ин сотсиологияи дин эътиқоди динии инсонҳо, фаъолияти ташкилотҳои динӣ, тафаккури динии аъзоёни ҷамъиятро меомӯзад.

Модоме, ки ҷавоби донишмандонаро мехостӣ, саволро донишмандона бидеҳ.

***Гёте***

Дар сотсиология зимни омӯхтани ҳодисаи динӣ албатта ба функсияҳои дар ҳаёти иҷтимоӣ иҷрошуда дин бояд муроҷиат кард. Дар синфҳои аввал бо инҳо қисман шинос шуда будед.

***Психологияи дин.*** Соҳаи диншиносиест, ки ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти динии инсонро аз нуқтаи назари психологӣ меомӯзад.

Психологияи дин барои баён кардани таҷрибаи динии шахс ва зуҳуроти мухталифи ин таҷриба ҳа-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ба расмҳои зерин нигоҳ карда, барои эзоҳ додани функсияҳои дин дар ҳаёти иҷтимоӣ кӯшиш намоед.








## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Истилоҳи “сотсиология” аз ҷамъи калимаи лотинии “societas”—ҷамъият ва юнонии “logos”—таълимот гирифта шуда, маънои фан дар бораи ҷамъиятро дорад.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед. Ин матн ба кадом соҳаи диншиносӣ тааллуқ доштанашро таҳлил кунед.

*“...дар хазинаи подшоҳ Доро ибни Доро як нусхаи “Абисто” (“Авесто”), ки дар дувоздаҳ ҳазор пӯсти гав бо тилло навишташуда буд. Искандари Мақдунӣ ҳангоми оташкадаҳоро вайрон карда, куштани хизматгорони ӯ китобро сӯзонда буд. Аз ин боис аз ҳамон замон аз панҷ се қисми “Абисто” (яъне ҳаждаҳ наски он) нобуд шуда рафт. “Абисто” сӣ наск буд, ба назарамон дар дасти маъҷусиҳо дувоздаҳ наск (қисм) монд.”*

***Абӯрайҳон Берунӣ***

ракат мекунад. Эҳсосоти динӣ, маъно ва тарзи зисти инсон мавзӯи асосии психологияи дин мебошад.

***Фалсафаи дин.*** Соҳаи диншиносиест, ки моҳияти дин, вобастагии инсонро бо ҳақиқатҳои динӣ меомӯзад. Мавзӯи асосии дар маркази эътибори он буда мавҷуд будани Худо, сифатҳои он, муносибати парвардигор — коинот, офаридан, мақсад аз офаридани олам, аз нав зинда шудан, монанди пайғамбарӣ ва ваҳӣ барин масъалаҳо меистад.

***Феноменологияи дин*** — соҳаи илме, ки ҷиҳатҳои ба назар намоёни динро, дар зоҳир аксшавандаи онро меомӯзад.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Феномен чизи намоёншаванда, ба чашм зуҳуршаванда буда, феноменология ҳар як чизи ба назар намоёнро дар шакли системавӣ (аз рӯйи тартиб, назм) тадқиқ менамояд.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Тавзеҳи маънои зери рамзҳои (аломатҳои) динӣ маҳфузбуда ва инъикоси мазмуни муқаддаси суханони маҷозии динӣ ҳам яке аз вазифаҳои феноменология мебошад.

Феноменологияи дин ба эҳсосоти динӣ ва зуҳуроти қариб ҳамаи ин эҳсосот ба якдигар монандиашро таъкид карда, ба исбот намудани як будани асл ва ғояи ҳамаи динҳо ҳаракат менамояд. Он ибодат ва маросимҳои динҳои гуногун, ҷойҳои муқаддас, замон, чиз ва шахсиятҳоро тадқиқ карда, барои кашфи ҷиҳатҳои муштараки онҳо кӯшиш мекунад.

Дар замони сохти собиқ мустабид дар диёри мо қариб 80 то масҷид фаъолият нишон дода бошад, соли 2017 шумораи онҳо 2 ҳазору 42 торо ташкил намуд.

Таърихи дин соҳаи илмест, ки пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи динҳоро меомӯзад. Он ба якчанд фанҳо такя мекунад ва бо онҳо узван вобастааст. Масалан, фанни таърих баробари омӯхтани воқеаю ҳодисаҳо аз нигоҳи ташаккули таърихии гузашта ва имрӯз ба фанни "Таърихи динҳо" ёвари наздик аст.

Барои омӯхтани сарчашмаҳои динӣ фанни филология аҳамияти алоҳида касб менамояд. Ғайр аз ин дар тадқиқи таърих фанҳои ёрирасон мифология (ривоят ва афсонаҳо), этнология, археология, таърихи санъат, фолклор ва монанди инҳо барои омӯзиши таърихи худ вобастагӣ доранд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Миёни сотсиология, феноменология, фалсафа, психологияи дин чӣ гуна вобастагиҳо мавҷуданд?
2. Ҷадвали зеринро бо мисолҳо пур кунед.

| Сотсиологияи дин | Фалсафаи дин | Психологияи дин | Феноменологияи дин |
|---|---|---|---|
| | | | |

3. Барои омӯхтани таърихи дин кадом фанҳо фанҳои ёвар мешаванд ва чаро?
4. Аз www.lex.uz Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистонро аз 16 апрели соли 2018 "Дар бораи чораву тадбирҳои ба куллӣ такмил додани фаъолияти соҳаи динию маърифӣ"-ро ёфта хонед ва моҳияти онро фаҳмонед.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

| Солҳо | Шумораи онҳое, ки аз Ўзбекистон ба сафари ҳаҷ рафтанд | Шумораи онҳое, ки аз Ўзбекистон ба сафари умра рафтанд |
|---|---|---|
| 1991 | 350 | 0 |
| 1992 | 500 | 370 |
| 1993 | 1500 | 1126 |
| 1994 | 3000 | 2000 |
| 1995 | 3000 | 1943 |
| 1996 | 3675 | 2164 |
| 1997 | 3675 | 3670 |
| 1998 | 3850 | 2822 |
| 1999 | 3870 | 2136 |
| 2000 | 3841 | 1378 |
| 2001 | 3800 | 1197 |
| 2002 | 3800 | 1124 |
| 2003 | 3800 | 1228 |
| 2004 | 4180 | 1148 |

| Солҳо | Шумораи онҳое, ки аз Ўзбекистон ба сафари ҳаҷ рафтанд | Шумораи онҳое, ки аз Ўзбекистон ба сафари умра рафтанд |
|---|---|---|
| 2005 | 4500 | 2000 |
| 2006 | 5078 | 2354 |
| 2007 | 5088 | 4075 |
| 2008 | 5080 | 4325 |
| 2009 | 5080 | 4358 |
| 2010 | 5080 | 6162 |
| 2011 | 5080 | 6120 |
| 2012 | 5080 | 6120 |
| 2013 | 5200 | 5775 |
| 2014 | 5200 | 6567 |
| 2015 | 5200 | 6166 |
| 2016 | 5200 | 6172 |
| 2017 | 7350 | 6172 |





“Ва Парвардигори ту ҳукм кард, ки ба ҷуз Худаш [дигаре]-ро ибодат макунед; ва ба падару модар некўкорӣ бикунед; агар яке аз онҳо, ё ҳар ду назди ту ба калонсолӣ бирасанд, пас, ба онҳо «уф» магў ва бар онҳо бонг мазан ва ба онҳо сухани некў бигў".

***Қуръони карим, сураи Исро, ояти 23-юм***

# § 3 МУНОСИБАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ДИН



**ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Муносибатҳои давлат ва дин дар шароити ҳозира.
2. Асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои давлат ва дин.
3. Муносибатҳои давлат ва дин дар Ӯзбекистон.

## МУНОСИБАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ДИН ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

Решаҳои муносибатҳои давлат ва дин ба даврҳои хеле қадим рафта мерасад. Дар айни вақт ин муносибатҳо дар даврҳои мухталиф мазмуни гуногун касб намудаанд. Дар асрҳои миёна дин дар ҳамаи соҳаҳои ҷамъият, аз ҷумла дар ҳаёти давлат пурра ҳукмрон шуда буд. Дар баъзе давлатҳо дин тамоман инкор шуда, он ҷойҳо атеизм афзалият пайдо карда буд.

Дар ибтидои асри XXI дар бобати муносибатҳои байниякдигарии давлат ва дин давлатҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин:

- давлатҳое, ки дар онҳо ба дин мақоми давлатӣ дода шудаанд;
- давлатҳои зери таъсири доираи калисо;
- давлатҳои дунёвӣ ё давлатҳое, ки дар бобати муносибатҳои динӣ роҳи бетарафиро гирифтаанд;
- давлатҳое, ки дини расмӣ надоранд;
- давлатҳое, ки дин аз давлат ҷудост;
- давлатҳое, ки бо калисои католикӣ аҳду паймон доранд;



**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Ҳар кадом давлат муносибатҳояшро нисбат ба дин аз рӯйи ҳуҷҷатҳо ва қонунҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тартиб меорад.

- давлатҳое, ки гурӯҳҳои динииро ҳуқуқӣ муҳофизат мекунанд;
- давлатҳои дорои сохти динию ҷамоавӣ.

Ин тавр давлатҳоро гурӯҳбандӣ намудан албатта кори нисбист. Аммо он хусусиятҳои асосии муносибатҳои давлат ва динро ифода мекунад. Дар айни вақт як давлат аз рӯйи нишонаҳои худ ба якчанд гурӯҳ дохил шуданаш мумкин.

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ДИН

Ҳоло дар нисфи зиёди давлатҳои ҷаҳон аз давлат ҷудо будани дин ё бетарафии давлат нисбат ба ташкилотҳои динӣ дар сатҳи Конститутсия ё дар дараҷаи қонун муқаррар карда шудаанд.

Сарфи назар аз нигоҳи юридикӣ эътироф шудааст ё не ҳамаи давлатҳо муносибати эҳтиромонаро нисбат ба озодии дин ва эътиқод эълон кардаанд..

Ҳоло як қатор хусусиятҳои ба худ хоси муносибатҳои байни давлат ва динро таъкид кардан лозим аст. Баъди хотима ёфтани “ҷанги сард” тамоили ҳуҷум нисбат ба дин ва сиёсати назорати фаъолияти динӣ нармтар шуд. Дар натиҷаи он сектаҳои динӣ бисёр ва нав шуданд. Ин ҷараён дар сиёсати бетоқатӣ ва поймолкунӣ нисбат ба сектаҳо ё равияҳои нави динӣ ва дар ҳолатҳои пурзӯр гардидани амалиёти қонунгузорӣ ифодаи худро ёфт.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Калимаи “таҳаммулпазирӣ” (толерантӣ) қариб дар ҳамаи забонҳо мазмуни як хел ё якдигарро пуркунанда дорад. Ин истилоҳ маънои сабру тоқат, муносибати боэҳтиромро нисбат ба нуқтаи назар ва ҳаракатҳои дигарро ифода мекунад.

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Дар ибтидои асри XXI давлатҳои дунёро аз рӯйи муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва дин гурӯҳбандӣ кунед.

Масалан, давлатҳое, ки ба дин мақоми давлатӣ додаанд—Қатар, Покистон, Коста-Рика ва ҳоказо.

# МУНОСИБАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ДИН ДАР ЎЗБЕКИСТОН



Ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда ва дар назди қонун баробаранд. Давлат ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дахолат намекунад.

***Моддаи 61-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***

Дар Ўзбекистон муносибате, ки байни давлат ва дин ташаккул ёфтааст, аз рўи моҳият, мазмун ва асосҳои ҳуқуқиаш дар заминаи аз давлат ҷудо будани дин ва озодии виҷдон, принсипи таҳаммулпазирии конфессионалӣ арзи вуҷуд намудааст. Дар Конститутсияи мамлакатамон аз давлат ҷудо будани ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ва дар назди қонун баробар будани онҳо қайд шудааст. Дар айни вақт ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дахолат накардани давлат низ муқаррар гардидааст.

Ин масъала мазмуни Қонун “Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ”-ро ташкил мекунад. Ин тамоил дар мамлакат ба корҳои динӣ дахолат накардани давлатро, дин бошад ба корҳои давлатро (ҳолатҳои дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ зикршуда аз инҳо мустасно мебошанд) мефаҳмонад. Дар айни замон дар Қонуни Асосиамон аз тарафи давлат таъмин шудани ҳурмат ба забон, урфу одат ва анъанаи ҳамаи миллат ва қавмҳои сокини ҳудудаш, фароҳам овардани шароит барои инкишофи онҳо таъкид шудааст.

Аввалан, ташкилотҳои динӣ сарфи назар аз он, ки ба кадом конфессия тааллуқ ҳастанд, дар як хел майдони ҳуқуқӣ фаъолият мебаранд. Сониян, таш-



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Моҳи октябри соли 1995 дар шаҳри Тошканд таҳти шиори “Зери як само” анҷумани байналмилалии мусулмонон ва насрониҳо баргузор шуд. Дар моҳи ноябри соли 1996 тантанаҳо бахшида ба 125-солагии епархияи Тошканд ва Осиёи Марказии калисои православии Рус гузаронида шуд.

кил кардани фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ кори дохилии онҳо ба ҳисоб меравад ва аз назорати давлат холист.

Дар айни вақт, гарчанде ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд, он динро аз ҷамъият ҷудо намекунанд. Зеро шаҳрвандони ба ҳар як дин эътиқодкунанда қисми таркибии ҷамъият мебошанд, аз ин сабаб дин дар ҷамъияти шаҳрвандӣ мавқеи худро дорад.

Республикаи Ўзбекистон садоқати худро ба принсипҳои демократӣ нишон дода, дар муносибатҳои давлат ба дин ва ташкилотҳои динӣ амал намудани принсипҳои зеринро эълон кард:

- ҳурмат намудани эҳсосоти динии диндорон;
- эътироф намудани кори хусусӣ будани эътиқоди динии шаҳрвандон ё иттиҳодияҳои онҳо;



“Вайрон кардани калисо ва синагогаҳо манъ карда мешавад. Дар ин масъала дар байни аҳли илм ихтилоф вуҷуд надорад”.

***Аз китоби “Таъвилоти аҳлис-сунна”-и Абўмансур Мотуридӣ, тафсири ояти 40-уми сураи “Ҳаҷ”.***



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ







Дар асоси расмҳои боло ва матни зерин ба муносибатҳои дин ва давлат дар мамлакатамон таъриф диҳед.

*Ҳоло ба иштирокчиёни сессия бо пешниҳоди қабул намудани резолютсияи махсуси Ассамблеяи умумии СММ зери унвони “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ” муроҷиат кардани ҳастам.*

*Мақсади асосии ин ҳуҷҷат аз таъмин намудани ҳуқуқи ҳама дар бобати гирифтани таълим, кўмак расонидан ба барҳам задани бесаводӣ ва ҷаҳолат иборат аст.*

***Шавкат Мирзиёев,***
***Аз нутқи сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ.***

- кафолат додани баробарии ҳуқуқи шаҳрвандони ба назарҳои динӣ амалкунанда ё ба онҳо амалнакунанда ва таъқиб накардани онҳо;
- дар кори эҳёи маънавӣ, қарор ёфтани арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ барои истифодаи имкониятҳои иттиҳодияҳои гуногуни динӣ зарурати ёфтани роҳҳои бо онҳо мулоқот намудан;
- эътироф намудани ба мақсадҳои ифротгарӣ (вайронгарӣ) истифода нашудани дин.

Дар ҳудуди республикаи мо бо масъалаи ба тартиб даровардани муносибатҳои давлат ва дин, мувофиқ кардани фаъолияти ташкилотҳои динӣ Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон машғул мешавад. Кумитаи фаъолияти худро соли 1992 сар кардааст. Дар ин мобайн ба муносибати ба вуҷуд омадани шароити нави тараққиёти давлатамон бино ба фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон аз 16 апрели соли 2018 фаъолияти кумита ислоҳ шуд. Аз ҷумла, шумораи ходимон афзуда, маоши ходимон зиёд шуд. Дар айни замон барои омўхтани муаммоҳои пайдоишашон эҳтимолии оид ба дин дар назди кумита марказ ташкил дода шуд.

> Мо дини муқаддасамонро ҳамчун ифодакунандаи арзишҳои азалиамон беҳад қадр мекунем. Мо онҳоеро, ки дини муқаддасамонро бо зўроварӣ ва хунрезӣ дар як саф мегузоранд, маҳкум менамоем ва бо онҳо ҳеҷ гоҳ муросо намекунем.
>
> ***Шавкат Мирзиёев***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Кадом моделҳои муносибатҳои давлат ва динро медонед?
2. Республикаи Ўзбекистон кадоме аз ин моделҳоро истифода менамояд?
3. Дар моддаи 61-уми Конститутсияи мамлакатамон оид ба муносибатҳои давлат ва дин чӣ гуна фикр мустаҳкам зикр шудааст?
4. Республикаи Ўзбекистон дар бобати муносибатҳои байниҳамдигарии давлат бо дин ва ташкилотҳои динӣ ба кадом принсипҳо амал мекунад?

# § 4 ДИН ВА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ



## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Мавқеи дин дар ҷамъият.
2. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва дин. Функсияҳои иҷтимоии дин дар ҷамъият.

## МАВҚЕИ ДИН ДАР ҶАМЪИЯТ

Аз таърихи инсоният хуб медонем: мардуми ягон минтақаи дунё ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоиашро бе низоми динӣ ва эътиқодҳо тасаввур карда наметавонад. Дар ҳамаи марҳилаҳои таърихӣ табақаҳои асосии ҷамъият барои ташкили фаъолияти худ ба ин ё он принсипҳои эътиқоди динӣ такя намудаанд. Ин ҳолат ба ҳамаи мардуму миллатҳо хос мебошад.

Албатта тағйир ёфтани шакл ва мазмуни ҳаёти иҷтимоӣ ба дигар шудани муносибатҳои аъзоёни ҷамъият ба дин таъсири худро мерасонад.

Ба туфайли хизмати дин ва арконҳои дин барои ҳимояи шахсони пеш аз ҳама мазлум, қалбашон шикаста ва ба кӯмаки иҷтимоӣ мӯҳтоҷ ҳимоя шудаанд. Инро табақаи мутакаббири (дорои кибр) ҷамъият дарҳол қабул накарданашонро аз таърих донистан мумкин.

Баъдтар баъзе доираҳои ҳукмрон аз дин барои мустаҳкам намудани мавқеи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиашон истифода бурданӣ шуданд. Зимнан барои



Агар оҳан кор фармуда нашавад, занг мезанад. Агар об ҳаракат накунад, вайрон мешавад. Агар инсон фикр накунад, дар ақл низ ҳамон ҳолат рӯй медиҳад.

***Леонардо Да Винчи***

Дар кадоме аз шумо ҷаҳлу ғазаб неш занад, дарҳол ба сукут кардан гузаред.

* * *

Касе, ки ғайридинро таҳқир намояд, дар рӯзи қиёмат зери тозиёнаи оташ гирифта хоҳад шуд.

***Ҳадис***

ин мақсадҳояшон аз кирдорҳои ғайриинсонӣ ҳатто рӯй натофтанд. Аз ҷумла вақте олимон дар Ғарб кашфиётҳои бузурги илмиро сар карданд, калисо аз хавфи аз даст додани ҳукмрониаш онҳоро ба ҷодугарӣ айбдор намуда, нисбат ба онҳо сиёсати оммавии маҳвсозиро пеш бурд.

Ин ҳолати иҷтимоии Ғарбро агар бо Мовароуннаҳри асрҳои миёна, хусусан даври Темуриён қиёс кунем, мебинем, ки пешвоёни дини ислом фаъолияти алломаҳои бузурги он даври моро зидди ислом гуфта баҳо надодаанд.

Дар замони собиқ тоталитар мероси миллию мадании моро чун кушандаи илму фан нишон медоданд. Масалан, дар солҳои 70-уми асри гузашта дар филми бахшида ба Мирзо Улуғбек ба марги вай Хоҷа Аҳрори Валиро айбдор карда нишон додаанд. Гӯё, Хоҷа Аҳрори Валӣ ба шаҳзода Абдулатиф гуф-



*Галилео Галилей дар назди суди инквизитсия*



*Сӯзонда шудани китоби Ҷ.Бруно аз тарафи калисо*

та бошад, ки “падарат корҳои куфрро мекунад ва бо ин кораш шаккокӣ менамояд”. Баъд гӯё “ба туфайли куштани кофир дар ислом ба арҷу савоби калон ноил шудан мумкин” гуфта, ба ӯ фатво дода бошад. Аз рӯйи ҳақиқати таърих вақти кушта шудани Улуғбек Хоҷа Аҳрори Валӣ дар Самарқанд умуман набудааст. Баръакс, он зоти шариф барои пешгирӣ намудани моҷарои тоҷу тахт дар байни темуризодагон аз тахти дил ҳаракат кардааст.

Дар асри XX рӯ ба таназзул овардани донишҳои оид ба дини ислом сабабгори пурзӯршавии ҷаҳолат шуд. Ғояи атеизм барои бартарӣ пайдо кардан

Дах баробар бой шуда рафта бошӣ ҳам тарзи ҳаётатро дигар макун.

***Лев Толстой***

Дар дунё қувваҳои зӯровар ва таҷовузгар барои забти халқ ё мамлакате, ё соҳиб шудан ба сарвати онҳо, пеш аз ҳама, ба бесилоҳ сохтани онҳо, яъне барои маҳрум кардан аз сарвати бузургтаринашон, арзишҳои миллӣ, таърих ва маънавияташон ҳаракат мекунанд.











Ташкил намудан ва фаъолият бурдани иттиҳодияҳои ҳарбишуда, партияҳо ва ҷамоятҳои рӯҳияти миллӣ ва динӣ доштае, ки ба воситаи зӯрӣ дигар кардани сохти конститутсиявиро мақсад намудаанд, бар зидди соҳибихтиёрии республика, яклухтӣ ва амнияти он, ҳуқуқу озодиҳои конститутсиявии шаҳрвандон мебароянд, ҷанг, адовати миллӣ, нажодӣ ва диниро тарғиб менамоянд, ба саломатӣ ва маънавияти халқ таҷовуз менамоянд, манъ карда мешавад.

Ташкил намудани ҷамъиятҳо ва иттиҳодияҳои махфӣ манъ карда мешавад.

***Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 57***

ҳаракат намуд. Дар натиҷа ба таълимоти дини ислом унсурҳои бегона даромада омаданд. Лекин дар таълимоти дини ислом анъанаи устод ва шогирд ташаккул ёфта, донишҳои динӣ аз устодон ба шогирдон мегузашт. Ҳамин тариқ, арзишҳои динӣ то рӯзҳои мо расида омаданд.

Бино ба маълумоти таърихӣ дин ва ҷамъият бо ҳам узван алоқаманд мебошанд. Дуруст талқин кардани дин ба ҳифзи сулҳу осоиш, ташаккул додани муҳити таҳаммулпазирӣ, тараққӣ додани илму фан хизмат мекунад. Бадғаразона истифода шудани он ба бесуботии ҳаёти ҷамъият, беқарорӣ сабаб мегардад.

## МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ДИН. ФУНКСИЯҲОИ ИҶТИМОИИ ДИН ДАР ҶАМЪИЯТ

Мафҳумҳои “функсия” ва “рол”-и динро бояд фарқ намуд, онҳо аз якдигар фарқ намекунанд, аммо як чиз нестанд.

Функсия усули ҳаракати дин дар ҷамъият аст. Рол маҷмӯи натиҷаҳои ба туфайли ин функсия ба амаломада аст. Функсияҳои дин якчандто аст.

***Функсияи ҷаҳонбинӣ.*** Дар ҳамаи давру замонҳо дин ба саволҳои оид ба мазмуну моҳияти ҳаёт, мушкилиҳои зиндагии инсон, ба саволҳои “он дунё” ҷавоб додааст.

Ин ҷавобҳо ҳисси ҳосилкунии мақсади зиндагӣ дар одамонро медиҳанд.

Шахсони ба худо бовардошта на чун шахси оҷизи бо як азоб рӯзгор дошта, балки ҳаёти худро ҳамчун як порчаи мазмуни томи илоҳӣ тасаввур мекунанд.

***Функсияи тасаллидиҳӣ.*** Ҷавобҳое, ки аз тарафи дин ба саволҳои оид ба мазмуни ҳаёт дода мешавад, ин азобу уқубатҳо, ки инсон дар ин олам аз сар мегузаронад, бесабаб набуданашро талқин намудан ба эътиқодмандон осоиши рӯҳӣ мебахшад. Расму русумҳои вобаста ба ҳодисаҳои пурташвиш (беморӣ, марг ва ҳоказо) дар рӯзҳои мусибат ба инсонҳо барои нигоҳ доштани мувозинати рӯҳӣ кӯмак мерасонад. Дар ин лаҳзаҳо инсон нисбат ба вай хайрхоҳ будани дигаронро ҳис мекунад ва аз расму русумҳои аниқ ҷоришуда таскини рӯҳӣ мегирад.

***Функсияи муайянкунии мансубияти иҷтимоии худ.*** Таълимоти динӣ эътиқодмандонро дар атрофи арзишҳои якхела ва мақсадҳои муштарак муттаҳид мекунад (мо мусулмонем, мо насронием, мо яҳуди-

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Фанне, ки таъсири динро ба ҷамъият меомӯзад, "сотсиологияи дин" номида мешавад. Олими француз Огюст Конт ин ибораро бори аввал ба муомилаи илмӣ дохил кардааст.


Мусулмонлар идораси Ақтўбе фожиаси қурбонлари оилаларига ҳамдарлик билдирди

12:15 / 19.01.2018 8801

Ўзбекистон

Ўзбекистон Мусулмонлари идораси раҳбарияти 18 январь куни Қозоғистоннинг Ақтўбе вилоятида содир бўлган фожиа оқибатида ҳалок бўлган ўзбекистонликларнинг оила аъзолари, яқинлари ва қариндошларига ҳамдардлиги ва таъзиясини билдирди.

الحمد لله الذي قدر آجال العباد، وكتب أعمارهم قبل موالدهم، وقال

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ أَجَلٌ فَإِذَا جَاءَ أَجَلُهُمْ لَا يَسْتَأْخِرُونَ سَاعَةً وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ

والصلاة والسلام على سيد الأنبياء وإمام الحنفاء محمد بن عبدالله وآله وأصحابه النجباء .

Мухтарам жамоат!

2018 йил 18 январь куни Қозоғистоннинг Ақтўбе вилоятида рўй берган фожиадан Ўзбекистон Мусулмонлари идораси катта қайғуда. Кўплаб юртдошларимиз ўлимига олиб келган ушбу воқеа муносабати билан ҳалок бўлганларнинг оила аъзолари ва яқинларига Ўзбекистон Мусулмонлари идораси Уламолар Кенгаши номидан чуқур ҳамдардлик билдирамиз.

Ўзбекистон Мусулмонлари идораси, уламолар ва имом-домлалар томонидан ҳалок бўлганларнинг оила аъзоларига ҳамдардлик билдириш, масжид-мадрасаларимизда хатми Қуръонлар ўқиб, руҳи покларига бахшида қилиш ва яқинларига тасалли бериш каби савобли ишлар бошланди.

ем ва ҳоказо). Масалан, барои дар дини яҳудӣ будан ба миллати яҳудӣ мансуб бояд буд. Дар байни мусулмонон мансубият ба дин бо иҷро намудани шартҳои имон муайян карда мешавад.

***Функсияи меъёркунандаи иҷтимоӣ.*** Ин функсия дар ҳамаи динҳо муносибатҳои иҷтимоии ба он дин эътиқодмандро бо қоидаҳои динӣ ба тартиб меорад. Масалан, муносибатҳо бо падару модар, фарзандон, ҳамсоягон, хешу табор ва ҳатто бо эътиқодмандони дигар динҳоро ба низом (тартиб) медарорад.

***Функсияи назорати иҷтимоӣ.*** Дин на фақат меъёрҳои барои ҳаёти ҳаррӯза зарурро муқаррар мекунад, балки хулқу атвори одамонро назорат ҳам мекунад. Аксарият маҳдудкуниҳои гурӯҳҳои динӣ фақат ба аъзоёни онҳо таалluқ дорад. Лекин баъзе маҳдудсозиҳо ба инсонҳои ба ҷамоаҳои динӣ мансубнабуда ҳам дахлдор мешаванд. Масалан, зид истодан ба истеъмоли моддаҳои нашъаманд, зӯроварӣ нисбат ба эътиқодмандони дигар дин, кӯшиш барои аз худкунии мулки шахси дигар ва дигар ҳодисаҳои манфӣ ба маҳдудкуниҳо ва назорат вобастааст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

*Шариатро мисли тан бидон, тариқатро ҳамчун қалб дарк намо, ҳақиқатро чун ҷонат бишнос.*

**_Имом Мотуридӣ_**

*Модоме, ки нӯги риштаи ҳаёт дар дасти Худост, чаро ин ҳаётро ба Вай бовар карда супурдан мумкин нест.*

**_Маҳатма Гандӣ_**

*Некӣ бикуну ба дарё парто, моҳӣ медонад, агар моҳӣ надонист, Холиқ медонад.*

**_Зарбулмасали халқӣ_**

*Ҳар як кор хайре дорад.*

**_Панди халқӣ_**

Ин суханони ҳикматангез кадом функсияҳои динро амалӣ менамоянд?

***Функсияи мутобиқ шудан.*** Дин барои мутобиқ шудани инсонҳо ба муҳити нави иҷтимоӣ ёрӣ медиҳад. Масалан, агар инсон бо ягон сабаб ба дигар кишвар кӯчида ояд, барои ӯ мутобиқ шудан ба урфу одатҳои нав осон сурат намегирад. Дар чунин шароитҳо одамон ба туфайли ҳифзу нигоҳ доштани нормаҳои эътиқод ба динашон ва расму одатҳо, инчунин забони модарӣ арзишҳои маданию миллиашонро ба наслҳои оянда мерасонанд.

Албатта, дин дар ҷараёни иҷрои функсияҳои муҳими иҷтимоӣ ба ҷаҳонбинии аъзоёни ҷамъият таъсири калон мерасонад.

Принсипи мӯътадилии дини ислом дар мамлакатамон нисбат ба муаммоҳои мавҷудаи ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии инсонҳо дар асоси арзишҳои ахлоқӣ аз қабили таҳаммулпазирӣ, саховатпешагӣ, савобталабӣ ва ҳиммат ба муносибатҳои оқилона доштан ҳидоят менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, ин тамоили дини ислом дар роҳи инкишофи иҷтимоии пуршиддати Ӯзбекистони имрӯза яке аз омилҳои маънавӣ шуда хизмат мекунад.



Рафтори инсони дар роҳи рост ва ҳақ равона аз қадам партофтани паланг ҳам бошаҳомат аст.

***Маҳмуд аз-Замахшарӣ***



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Бо мақсадҳои бадғаразона истифода шудани дин ба кадом муаммоҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад?
2. Соҳаи фанне, ки муносибатҳои дин ва ҷамъиятро меомӯзад, чӣ номида мешавад?
3. Мақсади асосии сотсиологияи дин чист?
4. Кадом функсияҳои иҷтимоии динро дар зиндагӣ медонед?
5. Мафҳумҳои “функсия” ва “рол”-и дин дар ҷамъият дар чиҳо ифода мегарданд?

# § 5-6 ДИНҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Ҳолати ҳозираи динҳои дар Осиёи Марказӣ паҳншуда.
2. Тарзи замонавии ҳаёти ҷамоаҳои зардуштӣ.
3. Ҳаракати “Наҳзат”-и худопарастӣ ва оқибатҳои зарарноки он.



Роҳи бузурги абрешим на фақат робитаҳои тиҷоратии байни худудҳоро ривоҷ додааст, балки дар бобати мубодилаи ахбори байни давлатҳо ва қитъаҳо хизмат кардааст.

***Шавкат Мирзиёев***

Яке аз сабабҳои гуногунмиллат ва бисёрконфессиягии аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгир будани он аст. Роҳи бузурги абрешим ба воситаи шаҳрҳои бостонии минтақа, аз қабили Шош, Самарқанд, Бухоро, Хива мегузашт. Дар ин шаҳрҳо корвонсаройҳо, растаҳои савдо ва бозорҳои бузург ҷой гирифта буданд, ғайр аз ин дар ин марказҳо намояндагони маданият, забон ва динҳои мухталиф ҷамъ омада, урфу одатҳо ва анъанаҳои худашонро инкишоф доданд.

Дини зардуштӣ яке аз динҳои қадимтаринест, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ арзи вуҷуд намудааст. Имрӯз сафи эътиқодмандони ин дин чандон зиёд нест.



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Роҳи бузурги абрешим роҳи корвонгузари байниқитъавие буд, ки дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна кишварҳои Шарқ ва Ғарбро бо ҳам мепайваст. Номи ин роҳ бо номи моли қимматбаҳое, ки аз ин роҳ кашонда мешуд, яъне бо номи шоҳии Хитой вобаста аст. Дар Осиёи Марказӣ аз қадимулайём динҳои ҷаҳонӣ — буддоӣ, насронӣ, ислом пахн шуда рафт. Инчунин, динҳои монавӣ ва яҳудия дар ин минтақа мавҷуд буданд.

Омӯзиши манбаи дини зардуштӣ — “Авесто” дар миқёси ҷаҳон номи “Авестошиносӣ”-ро гирифтааст. Ҳоло дар давлатҳои ШМА, Россия, Эрон, Ҳиндустон марказҳои бузурги авестошиносӣ мавҷуданд. Ҳоло байни ҷамоаҳои бузургтарини зардуштия – габрҳои Эрон ва порсҳои (форсҳои) Ҳиндустон оид ба забон, шакли ибодат ва ҳисоби сол баъзе ихтилоф мавҷуд аст. Дар айни вақт дар Ҳиндустон якчанд гурӯҳҳое ба вуҷуд омадаанд, ки ба ҷиҳати рӯҳӣ эътибор медиҳанд.

Зери таъсири глолабализатсия (фарогирӣ) вақтҳои охир дар бобати ислоҳ намудани дини зардуштӣ, бекор намудани аксарият маросимҳо, фақат “Гот”-ҳоро китоби муқаддас донистан фикрҳо баён шуда истодаанд.Ҳоло зардуштиён дар миқёси ҷаҳон дар Ҳиндустон 100 ҳазор нафар, дар Республикаи Исло-

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

**Габрҳо ва порсҳо** гурӯҳҳои этноконфессионалие, ки эътиқодро ба дини зардуштӣ нигоҳ доштаанд.



*Габрҳои Эрон*



*Порсҳои Ҳиндустон*

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Соли 2001 2700-солагии “Авесто” аз тарафи ЮНЕСКО ҷашн гирифта шуд.



*Ёдгорӣ ба “Авесто” дар шаҳри Урганҷ*

мии Эрон 50 ҳазор нафар, дар кишварҳои Европа, Осиё якчанд ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

Яке аз динҳое, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ пайдо шудааст, яздонпарастӣ мебошад. Эътиқоди мазкур дар таърихи халқҳо нақши ба худ хос дорад. Ин эътиқод яке аз сарчашмаҳои маълумоти нодир оид ба фарҳанги бостонии халқҳои мамлакатамон, ҳаёти иҷтимоӣ ва тарзи зисти онҳо ба шумор меравад.

Ҳоло барои ҳамчун “анъанаи қадимии динӣ” эҳё намудани “яздонпарастӣ” (“тангричилик”) дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ кӯшишҳо шуда истодааст. Паси ин гуна ҳаракатҳо баъзе ниятҳои бад пинҳон буданашро ҳис кардан мумкин.

Бо ақл будан кифоя нест, муҳимаш онро истифода бояд бурд.

***Рене Декарт***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Аз рӯйи мафкураи давлати ҳоқонӣ “эл” ном дошт, дар таърихи қадим вобаста ба он иборaҳои “мангу эл” (кишвари абадӣ), “Тангри (илоҳӣ) эл”, “Турк эл” пайдо шудаанд. Эл ва ҳоқон бовар доштанд, ки ҳокимиятро ба хонадони Ашина — ба “будуни (халқи) турк” аз ҷониби Худо (тангри) инъом шудааст. Ҷамъияти туркони қадима ба ҳокими дигар иттифоқи сиёсӣ ҳамчун “Худошоҳ” нигоҳ накардаанд, чунки дар байни туркони Ашина чунин тасаввур ҳукмрон буд, ки ин гуна иқтидори (неъмати) сиёсӣ аз ҷониби Худо фақат ба хонаводаи Ашина инъом мешавад. Аз ин боис ҳокимияти хонаводаи Ашина илоҳӣ дониста шуда буд. Агар ҳокимияти сиёсии Худододаро ӯҳда накунанд, яъне иқтидори худро нишон дода натавонанд, дар он сурат онҳо аз ҳокимият дур карда шуда, хулосаи “Ҳокимияти сиёсие, ки Худо дода буд, боз Худо баргардонида гирифт” пайдо мешуд.

***Абӯрайҳон Берунӣ***

Дар ибтидои солоҳи 1990 гурӯҳҳои эътиқодкунандаги яздонпарастӣ пайдо шуданд. Ин гуна ҳолатҳо дар байни аҳолӣ ҷудоиҳо андохтанаш мумкин. Чунки дар ин минтақа миллат ва қавмҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар давоми асрҳо эътиқодҳои динии худро доранд. Бар хилофи эътиқоди онҳо кӯшишҳо барои барқарор намудани дини “яздонпарастӣ” ба сар задани зиддиятҳои миллию динӣ сабаб шуданаш мумкин.

Дар ибтидои асри XXI манзараи динии кишварҳои воқеъ дар Осиёи Марказӣ — Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон чунин буд.

Дар Республикаи Қазоқистон расман дар таркиби 18 конфессия беш аз 3600 то ташкилоти динӣ мавҷуд. Инчунин дар мамлакат 246 то гурӯҳҳо ва ҷамоатҳои нав (миссионерӣ) ҳам фаъолият доранд.

Дар Республикаи Туркманистон 13 то конфессияи динӣ ба рӯихат гирифта шуд. Дар мамлакат 128 то ташкилоти динӣ фаъолият нишон медиҳад. Дар Республикаи Қирғизистон беш аз 30 конфессияи динӣ мавҷуд аст.

Инсон дар давоми зиндагӣ роҳи умрашро худаш меофарад.

***Аз китоби “Уммондан дурлар” (“Ҷавоҳирот аз уқёнус”)-и О.Маҳмудов***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Сабабҳои бисёрмиллат ва гуногунконфессия шудани минтақаи Осиёи Марказӣ чист?
2. Дар ибтидои асри XXI манзараи динии кишварҳои Осиёи Марказӣ — Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон чӣ гуна аст?
3. Ҳоло тарғиб шудани Яздонпарастӣ (тангричилик) ба кадом оқибатҳо оварданаш мумкин?

# § 7 САРЧАШМАҲОИ ДИНҲОИ ҶАҲОНӢ. БУДДАВИЯ ВА НАСРОНӢ

### ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Аҳамияти сарчашмаҳои динҳои ҷаҳонӣ дар ташаккули маданияти таҳаммулпазирӣ ва тифоқӣ.
2. Ҷамоаи буддавия дар Ӯзбекистон, адабиётҳои он. Ҷамоаҳои насронӣ. Нашри ӯзбекии Инҷил.



*Трипитака*

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

1-уми июни соли 2017 дар шаҳри Тошканд тақдимоти тарҷумаи пурраи ӯзбекии китоби Инҷил (Библия) баргузор шуд. То ин дам фақат қисмҳои ҷудогонаи Инҷил ба забони ӯзбекӣ тарҷума шуда буд.

## АҲАМИЯТИ САРЧАШМАҲОИ ДИНҲОИ ҶАҲОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА ТИФОҚӢ

Асосҳо, қонуну қоидаҳо, ибодат ва маросимҳои ҳар кадом дин дар сарчашмаҳои муқаддаси он инъикос шудаанд. Ин сарчашмаҳо аввалин ё дуюмин шуданашон мумкин. Агар дар дини буддавия, ки дини ҷаҳонӣ аст, Трипитака, дар насронӣ Библия манбаи муқаддас ба ҳисоб равад, дар дини ислом Қуръони карим бевосита суханон-каломи Аллоҳ ба шумор меравад. Аз ин сабаб ҳам бино ба таълимоти дини ислом оятҳои Қуръонро дар ҳолати нопок тиловат кардан, болои он дигар китобҳоро ё дигар чизҳоро гузоштан, ҳангоми бардошта гаштан аз миён паст фаровардан мумкин нест.

Дар дигар динҳо низ нисбат ба сарчашмаҳои муқаддас эҳтироми бузург нишон дода мешавад.

Масалан, дар дини насронӣ иконаҳо бо сурати Исои Масеҳ ё дигар авлиёҳо дар кунҷи махсуси хона



*“Кунҷи муқаддас” ё “Гӯшаи сурх” дар оилаҳои насронӣ*

— “Гӯшаи муқаддас” ё “Гӯшаи сурх” гузошта мешавад. Ин ҷой вазифаи алтарро (меҳроб) иҷро мекард. Аъзоёни оила ба ин ҷо омада, ибодатҳои худро адо мекарданд. Алтар хеле покиза нигоҳ дошта мешуд.

Дар сарчашмаҳои динӣ баробари нишондодҳои динӣ нишондодҳои оид ба одобу ахлоқ, инсонпарварӣ, ҳалолӣ, ҳифзи муҳити атроф ҷой гирифтаанд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар ягон сарчашмаи муқаддаси динӣ рехтани хуни ноҳақи инсонҳо, ҷонворҳо, дуздӣ кардан, харобкорӣ фармуда нашудааст.

Ҳамеша некӣ кун. Агар дигаронро дӯст дорӣ, ҳам худат хушбахт мешавӣ, ҳам дигаронро хушбахт мекунӣ. Барои худро хушбахт кардан дигаронро бадбахт кардан аз инсоф нест.

***Буддо***

“Баъд Худо суханони зеринро гуфт: “Ман Соҳибатон Худоям, ки шуморо аз ғуломӣ дар Миср раҳо дода будам… …Қотилӣ накунед. Зино накунед. Дуздӣ накунед. Нисбат ба ҳамсоятон гувоҳии дурӯғ надиҳед. Ба хонаи ҳамсоя чашм ало накунед. Ба зани ҳамсоятон, ғулом ё канизак, ба мол ё хараш, ба ҳар чизе, ки ба вай мансуб аст, бо чашми бад нигоҳ накунед.

***Аз қисми “Аҳди қадим”-и Инҷил***

Дар матнҳои буддавия сулҳпарварӣ ҳамчун фазилати олитарин зикр шуда, ғазаб ва қаҳр ҳамчун гуноҳҳои азимтарин эътироф шудааст. Аз ҷумла, дар китоби “Дхаммапада”-и Трипитака чунин гуфта мешавад: “Бидонед, ки дар дунё ҳеҷ гоҳ бар нафрат бо нафрат пирӯз омадан мумкин нест, агар нафрат аз байн равад, он ҳам барҳам мехӯрад”.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Асоси таълимоти Буддоро ғояи “ҳаёт азобу укубат аст” ва “роҳи наҷот мавҷуд” ташкил медиҳад. Бино ба қонуниятҳои буддавия инсон мавҷудоти ба худ мутобиқшуда буда, дар худ таваллуд мешавад, худашро ҳалок мекунад ё наҷот мебахшад.

## ҶАМОАИ БУДДАВИЯ ДАР ӮЗБЕКИСТОН, АДАБИЁТҲОИ ОН. ҶАМОАҲОИ НАСРОНӢ. НАШРИ ӮЗБЕКИИ ИНҶИЛ

Нисбат ба сарчашмаи муқаддаси дини қадимтарини дунё буддавия — Трипитака эҳтироми бузург нишон дода мешавад. Бинобар сабаби он, ки вай ба забони пали навишта шудааст, ин китоб “Канони пали” ҳам ном гирифтааст.

То имрӯз қисмҳои зиёди “Канони пали” ба забони англисӣ тарҷума шудааст. Тарҷумаи русии Трипитака дар асри XIX пайдо шудааст.

Сарчашмаи асосии дини насронӣ Инҷил аз ду қисм: “Аҳди қадим” (дар яҳудия “Танах”) ва “Аҳди нав” иборат аст. “Аҳди қадим” ба забони оромии қадим, “Аҳди нав” ба забони юнонӣ навишта шудааст.

### НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар солҳои 80-уми пеш аз милод Трипитака бори аввал дар баргҳои палма навишта шудааст.

Дар соли 1871 баъди Ҷамъомади умумиҷаҳонии буддавиҳо дар шаҳри Мандалай (Бирма) ҳар як матни Трипитака дар 729 то плитаҳои мармарии думетра навишта мешавад.

Соли 1900 матни дар мармар сабтшудаи Трипитака бори аввал дар шакли китоб чоп мешавад. Ҳаҷми он 38 ҷилдро ташкил кардааст.

Бино ба маълумотҳо ҳоло ин китоб ба беш аз ҳазор забону шеваҳо тарҷума шудааст.

Тарҷумаи нахустини Инҷил ба забони ўзбекӣ соли 1991 нашр шудааст. Соли 1994 дар республикаамон Ҷамъияти китоби Инҷили Ўзбекистон таъсис ёфт. Дар моҳи июни соли 2017 аз тарафи ҷамъият бори нахуст тарҷумаи пурраи Инҷил (Библия) ба забони ўзбекӣ эълон шуд.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ



Тарҷумаи аввалини “Аҳди қадим” дар асри III-II-юми пеш аз милод ба забони юнонӣ ба амал бароварда шудааст. Онро “Септуагинта”—кори ҳафтод тарҷумон номида шудааст.

Дар байни солҳои 390-405 матни Инҷил ба забони лотинӣ баргардонида шуд.

Соли 1380 Инҷилро аз забони лотинӣ ба англисӣ тарҷума карданд. Соли 1581 Инҷил бори аввал ба забони славянии калисоӣ тарҷума шуд. Соли 1818 қисмҳои нахустинин Инҷил ба забони русӣ чоп шуд.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Зери мафҳуми “Сарчашмаи муқаддас” чиро мефаҳмед?
2. Дар динҳо нисбат ба сарчашмаҳои муқаддас чӣ гуна муносибат зоҳир мешавад?
3. Дар бораи тарҷумаҳои Инҷил чиҳо медонед?
4. Сарчашмаҳои муқаддаси дини буддавия чӣ гуна ном гирифтаанд?
5. Ба фикри шумо оё сарчашмаҳои муқаддаси динӣ одамонро ба вайронгарӣ даъват карданашон мумкин аст?

# 8–9-§ ИСЛОМ ДАР АСРҲОИ XX-XXI

## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Ташкилотҳои байналмилалии дар доираи дини ислом ташкилшуда, саҳми онҳо дар мубориза зидди мутаассибӣ ва терроризм.
2. Узвияти Ӯзбекистон ба ташкилотҳои байналмилалии исломӣ.

Агар одами дар дохилбуда дарро накушояд, дузди дар берунбуда ба хона намедарояд.

***Ҷалолуддини Румӣ***

## ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАР ДОИРАИ ДИНИ ИСЛОМ ТАШКИЛШУДА

Дар охири асри XX– дар даҳсолаи аввали асри XXI дар манзараи динии дунё як қатор дигаргуниҳои ҷиддӣ ва зиддиятнок ба амал омад. Сабабгори асосии ин тағйирот ҷараёнҳои дар сиёсат ва маънавияти ҷаҳон рӯйдода, барҳамхӯрии дунёи дуқутба, суръати баланди глобализатсия, пурзӯршавии хатари терроризми байналмилалӣ барин омилҳо мебошанд.

Олимон, рӯшанфикрон ва арбобони соҳаи иҷтимоию сиёсии як қатор мамлакатҳои мусулмонӣ муносибатҳои худро бар зидди терроризм баён карданд. Онҳо барои ин мақсад бо ташаббуси таъсис намудани ташкилоти доимие, ки дар миқёси дунё фаъолият бояд нишон диҳад, баромаданд. Дар натиҷа Ташкилоти конфронси исломӣ ташкил ёфт, ки дар сатҳи ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ кор мебарад.

Соли 1969 дар пойтахти Марокаш — шаҳри Работ бо иштироки вазирони корҳои хориҷии кишварҳои мусулмон сессия баргузор шуд. Иштирокдорони ин сессия аъзоёни Ташкилоти конфронси исломӣ ин-

тихоб шуданд. Ҳоло ин ташкилот номи “Ташкилоти ҳамкории исломӣ (ТҲИ)-ро гирифтааст.

Дар фаъолияти ТҲИ чунин мақсадҳои асосӣ пешбинӣ шудаанд: ваҳдату ягонагии исломро рағбатнок кардан; мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, маданӣ ва монанди инҳо; кӯшиш барои хотима гузоштан ба поймолкунии нажодӣ, ҳамаи шаклҳои мустамлика; пешбинӣ кардани тадбирҳо барои ҳимояи сулҳ ва бехатарӣ ва ҳоказо.

Принсипҳои асосии идоракунии ташкилот: риоя намудан ба ҳуқуқи муайян кардани сарнавишти худ; баробарҳуқуқ будани давлатҳои аъзо; эътироф намудани соҳибихтиёрӣ, мустақилӣ ва яклухтии ҳудудӣ; ҳалли сулҳомези низоъҳои байни давлатҳои аъзо.

## ШӮЪБАҲОИ ТАШКИЛОТИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ

Мақомоти раҳбарикунандаи ТҲИ аз конфронси раҳбарони давлат ва ҳукуматҳо ва кофронси вазирони корҳои хориҷӣ ва котибияти таҳти сарварии саркотиб иборат аст.

***Мақомоти олӣ*** (органи олӣ) — саммити исломии раҳбарони мамлакатҳои аъзои ташкилот дар ҳар се сол як маротиба гузаронида мешавад, сиёсати умумии кишварҳои мусулмониро муқаррар менамояд. Конфронси вазирони корҳои хориҷӣ ҳар сол ё бино ба зарурият даъват мешавад. Органи олии иҷроия Саркотибият таҳти раҳбарии Саркотиб аст.

Саркотиб аз тарафи вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзо ба муддати 4 сол интихоб карда ме-



...Ин анҷуман ба қоидаи ҳаётамон табдил шудани ҳадиси шарифи “Илм андӯхтан низ барои ҳар як муслим ва муслима фарз аст, ки дар пештоқи мадрасаи алломаи бузург Мирзо Улуғбек дар шаҳри Бухоро бунёдкарда сабтшуда хизмат хоҳад кард.

***Аз нутқи Шавкат Мирзиёев дар саммити якуми Ташкилоти ҳамкории исломӣ оид ба илм ва технология.***

шавад. Қароргоҳи асосӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистон Саъудӣ ҷойгир аст.

Дар ҳузури ТҲИ Банки рушди ислом, Кумитаи доимии ҳамкорӣ дар соҳаи илму техника фаъолият нишон медиҳанд.

Аз соли 1975 ба ТҲИ мақоми ташкилоти мушоҳидагари назди СММ дода шудааст.

Дар назди ташкилот 17 то созмони мустақил мавҷуданд:

- Банки рушди ислом;
- Агентии навидҳои ислом;
- Иттиҳодияи телерадиошунавонии ислом;
- Комиссияи исломӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ;
- Фонди рушди ислом;
- Суди адолати ислом;
- Иттиҳодияи пойтахтҳои ислом;
- Фонди исломии инкишофи илмию техникавӣ;
- Ташкилоти исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданият ва ҳоказо.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Саркотиби Ташкилоти ҳамкории исломӣ Юсуф Аҳмад ал-Усаймӣ нисбат ба амали терористии дар калисои насрониёни “MarGirgis”-и шаҳри Тантаи Миср 9 апрели соли 2017 содиршуда шахсан баёнот дода, ин амали террористиро, ки сабабгори куштори одамони бегуноҳ ва чаҳолат гардид, сахт маҳкум намуд.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Ташкилоти ҳамкории исломӣ ташкилоти байналмилали байниҳукуматӣ аст. То 28-уми июни соли 2011 Ташкилот конфронси исломӣ ном дошт. Соли 1969 дар шаҳри Работ (Марокаш) таъсис ёфтааст. Низоми он соли 1972 дар шаҳри Ҷидда (Арабистони Саъудӣ) дар конфронси сеюм қабул шуд. 13-14-уми марти соли 2008 дар саммити 11-ум дар шаҳри Дакар (Сенегал) таҳрири нави Низом қабул карда шуд.

## УЗВИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ТАШКИЛОТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИСЛОМӢ

Соли 2016 дар Тошканд бо иштироки Ташкилоти ҳамкории исломӣ дар мавзўи “Таълим ва маърифат — дар роҳи сулҳу бунёдкорӣ” конфронси байналмилалӣ баргузор шуд. Дар он Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар даври раисӣ намудан ба Ташкилоти ҳамкории исломӣ ҳамчун яке аз мақсадҳои устувор ташаббусҳои давлатамонро эълон намуд.

Моҳияти ташаббуси якум аз ташкил намудани “Маркази тадқиқотҳои байналмилалии Имом Бухорӣ дар Самарқанд” шуд, ки на фақат дар бобати маданияти исломиро, балки барои омўзиши мероси бойи динию маънавии аҷдодони бузургамон, ки ба тамаддуни умумибашрӣ ҳиссаи калон гузоштаанд, ихтисосонида мешавад. Ташаббуси дигари Ўзбекистон бо ташкили кафедраи махсуси Ташкилоти исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданият *(ISESCO — англисӣ. International Islamic Organization for Edications and Culture)* дар таркиби Донишгоҳи исломии Тошканд вобаста аст. Самти асосии фаъолияти кафедраи нав омўхтани таърих ва ҳолати кунунии таълим, илм ва маданит дар дунёи мусулмон ва ба донишҷўён дар

### TARIXGA NAZAR

ISESCO — Ташкилоти мустақили назди ТҲИ. Соли 1979 таъсис ёфтааст. Низоми он соли 1982 дар Конфронси таъсисӣ дар шаҳри Фес қабул шудааст.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ба ТҲИ 57 давлат аъзо мебошанд. Ўзбекистон ба ин ташкилот 2-юми октябри соли 1996 аъзо шуд. Босния ва Герсоговина, Республикаи Африкаи Марказӣ, Россия, Таиланд, Республикаи Кипри Шимолии турк, инчунин, СММ, Лигаи кишварҳои араб, Иттифоқи Африка, Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ, Ташкилоти ҳаракати ғайримуттаҳид мақоми мушоҳидагарро доранд. ТҲИ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар СММ мақоми мушоҳидагарро дорад.

асоси курсҳои махсус омӯзонидани онҳо хоҳад шуд.

Ҳоло байни ТҲИ ва Ўзбекистон ҳамкории истиқболнок давом дорад, ки ба ҳалли якчанд муаммоҳои глобалӣ ва минтақавӣ ёрӣ мерасонад. Республикаи мо хусусан бо Ташкилоти исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданияти ТҲИ (ISESCO) алоқаи хуб дорад. Инро дар соли 2007 шаҳри Тошкандро “Маркази маданияти исломӣ” эълон намудани ташкилоти мазкур низ мебинем. Дар айни замон аз тарафи ISESCO дар соли 2020 боз як гавҳари маданияти ватанамон — шаҳри Бухоро ҳамин тавр мақом хоҳад гирифт.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

18-19 октябри соли 2016 дар шаҳри Тошканд бо иштироки Ташкилоти ҳамкории исломӣ (сессияи 43-юми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ) дар мавзуи “Таълим ва маърифат — дар роҳи сулҳу бунёдкорӣ” конфронси байналмилалӣ баргузор шуда буд. Бино ба маълумотҳои дар веб-сайти расмии ташкилоти ISESCO (www.ictsco.org.ma) рӯйихати пойтахтҳои маданияти исломӣ дар солҳои 2015-2024 тасдиқ шудааст, соли 2020 аз минтақаи Осиё шаҳри Бухоро ба сифати пойтахти маданияти исломӣ интихоб шудааст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар охири асри XX-ибтидои асри XXI дар заминаи тағйироти манзараи динии дунё кадом омилҳо мавҷуд буданд?
2. Ташкилоти ҳамкории исломӣ кай ва дар куҷо ташкил ёфт?
3. Мақсади асосии Ташкилоти ҳамкории исломӣ аз чӣ иборат аст?
4. Дар сессияи 43-юми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Ташкилоти ҳамкории исломӣ, ки 18-19-уми октябри соли 2016 дар Тошканд баргузор шуд, Ш.Мирзиёев кадом ташаббусҳоро эълон намуд?

# § 10–11 РАВИЯҲО ВА СЕКТАҲО ДАР ДИНИ ИСЛОМ ДАР АСРҲОИ XX-XXI

### ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Муаммои терроризми байналмилалӣ.
2. Решаҳои мутаассибӣ.
3. Равияҳои замонавии мутаассиб ва мақсадҳо, низоми мафкуравии онҳо.

## МУАММОИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муаммои терроризми байналмилалӣ ба як муаммоҳои глобалии замона табдил ёфтааст. Сабабҳои он:

***Аввалан,*** терроризми байналмилалӣ дар миқёси дунё беш аз пеш паҳн шуда истодааст. Ин дар чараёнҳое, ки дар минтақаҳои анъанавии моҷароҳои байналмилалӣ рӯй медиҳанд, масалан дар Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубӣ ифодаи худро ёфтаанд.

Инчунин, аз ин хавф мамлакатҳои мутараққӣ (хусусан Штатҳои Муттаҳидаи Америка, давлатҳои Европаи Ғарбӣ) низ ба дараҷаи кофӣ ҳимоя нашудаанд.

***Сониян,*** терроризми байналмилалӣ ба амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои ҷудогона таҳдиди ҷиддӣ оварда истодааст. Ҳар соле дар дунё садҳо амалҳои террористии байналмилалӣ содир мешаванд, дар ин

> Аз байни аслиҳаи вайронкунандае, ки инсон ихтироъ намудааст, сухан ба аслиҳаи аз ҳама хатарнок ва пурқудрат табдил ёфта истодааст.
>
> ***Пауло Коэло***

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Соли 2017 бар оқибати амали мудҳиши террористӣ дар масҷиди Сӯфии нимҷазираи Синайи Шимолии Миср 128 нафар захм бардошта, беш аз 300 нафар ҳалок шуданд, аз онҳо 27 нафарашон бачаҳо буданд.

чараён ҳазорон одамон ҳалок ва маъюб шуда истодаанд.

***Сеюм,*** дар муборизаи зидди терроризми байналмилалӣ саъю ҳаракати ягон давлати алоҳидаи бузург ё гурӯҳи давлатҳои мутараққӣ кифоя нест. Дар муборизаи зидди терроризми байналмилалӣ, ки ба муаммои тезутундноки глобалӣ табдил ёфтааст, муттаҳид намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ, қувваҳои давлатҳо ва халқҳои бисёрро талаб менамояд.

***Чорум,*** вобастагӣ байни феномени терроризми байналмилалӣ ва дигар муаммоҳои глобалии замона аниқ ва рӯшан ба чашм мерасанд. Аз ин боис, ҳоло дар ин замон ба муаммои терроризми байналмилалӣ ҳамчун ба муаммои умумибашарӣ, унсури маҷмӯи муаммоҳои глобалӣ баҳо бояд дод. Терроризм аз бисёр ҷиҳат таъмин шуда ва сохтори дорои имкониятҳои гуногун аст. Вай ба "бозори меҳнати" ривоҷ карда ва капитали азим соҳибӣ намуда, ба "бизнеси" хеле фоидаовар табдил ёфтааст. Ин сохтори террори "нағз ба роҳ мондашуда"-ро фақат дар асоси муносибати доимӣ ва комплексӣ, ҳамаи қувваҳои аксулэкстремистӣ ва аксултеррористии дунёро муттаҳид намуда, дар заминаи ҳамкории байналмилалӣ бартараф намудан мумкин аст.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**



1-уми сентябри соли 2004 дар шаҳри Беслани Осетияи Шимолӣ террористони мусаллаҳ донишомӯзон, падару модарон ва муаллимони мактаби рақами 1-ро ба гарав гирифтанд. Дар байни ду рӯз аз 1128 нафар 314 нафар ҳалок шуд. 186 нафари онҳо бачаҳо буданд.



## РЕШАҲОИ МУТААССИБӢ

Решаҳои мутаассибӣ ба асрҳои миёна рафта мерасад. Равияи аввалин дар ислом соли 657 дар давоми муборизаи байни

халифа Алӣ ибни Абӯтолиб (р.а) ва умавиҳо пайдо шуда буд.

Дар мубориза барои тахт Алӣ ибни Абӯтолиб барои бурдани музокира бо тарафдорони Муовия ибни Абӯсуфён (р.а) (умавиҳо) розӣ шуда буд. Ин ҳол боиси эътирози тарафдорони халифа Алӣ, ки ҳуқуқи ворисиашро қабул карда буданд, гардид. Як қисми лашкар Алиро дар номуросогӣ айбдор намуда, аз вай ҷудо шуд ва баъдтар бар зидди ҳам Алӣ, ҳам умавиҳо мубориза сар кард. Онҳо дар таърих бо номи хориҷиҳо маълуманд.Хориҷиҳо нисбат ба рақибонашон хеле номуросо буданд ва онҳоро “аз дин баргаштагон” эълон намуданд. Мусулмонони гуноҳи вазнин содир кардаро ба кофир бароварда, бар зидди инҳо ҷиҳоди мусаллаҳона бурданд.Баъдтар хориҷиҳо ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо шуда рафтанд. Халифаҳои умавиҳо ва аббосиҳо дар асрҳои VII-IX бар зидди хориҷиҳо муборизаи шадид бурданд. Хориҷиҳо дар аксар исёнҳои дар хилофат рӯйдода иштирок карданд.



Эй касоне, ки имон овардаед, моли якдигарро ба ноҳак, махӯред, ғайримолҳои тиҷоратӣ, ки ҳарду тараф ба он ризоят дода бошед. Ва худатонро макушед. Албатта, Худо бо шумо меҳрубон аст!

***Қуръони карим, ояти 29-уми сураи Нисо***

## РАВИЯҲОИ ЗАМОНАВИИ МУТААССИБ ВА МАҚСАДҲО, НИЗОМИ МАФКУРАВИИ ОНҲО

Солҳои охир дар якчанд кишварҳои воқеъ дар қитъаи Евроосиё ва Африка фаъол шудани ташкилотҳои динии экстремистӣ ва террористӣ, ки ба вазъияти иҷтимоию сиёсӣ таъсири калон расонда истодаанд, мушоҳида мешавад.

Экстремизм дар соҳаи дин номуросоии шадид нисбат ба намояндагони дигар дин бо (масалан, дар Ҳиндустон низои мусулмонон ва ҳиндуён, ҳиндуён ва сикхҳо, дар Мянма қатли оммавии мусулмонон ва монанди инҳо), муносибатҳои моҷаровии дохили як дин (байни суннихову шиаҳо дар Покистон, Афғо-



“Эй қавми ман, паймонаву тарозуро аз рӯйи адл комил адо кунед ва ба мардум чизҳояшонро кам мадиҳед ва чун табаҳкорон дар замин фасод накунед!”

***Қуръони карим, ояти 85-уми сураи Ҳуд***

нистон, Ироқ, аллавиҳо ва сунниҳо дар Сурия), муборизаи зидди сохти дунёвӣ (дар аксар кишварҳои мусулмонӣ) ё зиддиятҳои сивилизатсионии дар дараҷаи байналмилалӣ (ташкилотҳои “Ал-Қоида”, “Ҳизбуллоҳ”) вобаста аст.

Моҳияти экстремизми динӣ аз рад намудани арзишҳои мукаммали маънавии барои ҷамъият анъана гашта ва таълимоти динию ақидавӣ, инчунин аз тарғиби агрессивонаи ҷаҳонбинии зидди арзишҳои умумиинсонӣ иборат аст. Ин ҳолат дар кӯшишҳои аъзоёни равияи динӣ барои паҳн намудани ғояҳояшон дар ҷамъият ба назар намоён мегардад.

Решаҳои пайдоиши мафкураи экстремистиро дар олами ислом дар ҳолатҳои зерин эътироф кардан мумкин:

Ҷиҳатҳои хусусии ташкилотҳои экстремистии диние, ки худро бо номи дини ислом вобаста мекунанд, зеринанд:

– муносибати оштинопазир доштан бо давлат ва ҷамъияти дунёвӣ ва ҳаракат барои табдил додани он ба сохти шариат;

– рад намудани аз давлат ҷудо будани дин ва маҷбуран таъмин намудани ҳамаи аъзоёни ҷамъият ба ҳаёти асосаш шариат;

– ба ҷамъиятҳои дигар муқобил гузоштани дини ислом;



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ин сураи Қуръони каримро хонед. Фаъолияти онҳоеро, ки аз дин ба мақсадҳои сиёсии худ истифода мебаранд, “фитна” номидан оё мумкин аст?

*“Ширк аз қатл бузургтар аст!».*

***Қуръони карим, ояти 217-уми сураи Бақара***

– эътироф накардани мустақилӣ ва яклухтии ҳудудии мамлакат, пеш бурдани ғояи бунёди давлати ягона—“Хилофат”;

– барои расидан ба мақсадҳои худ эътибор додан ба рафторе, ки суботи иҷтимоию сиёсиро дар давлат ва ҷамъият аз маҷро мебарорад;

– мусулмононеро, ки ба ғояҳои онҳо пайравӣ намекунанд, аз дин баромада, ё ба “кофирӣ” баровардa, айбдор кардан, беобрӯ намудани пешвоёни тарафдори исломи анъанавӣ, ба онҳо тазйиқ гузаронидан в ҳатто куштан;

– дар миёнаҳои асри XX дар асоси ҳаракати миллию озодихоҳие, ки зидди ҳукумати мустамликавӣ аз усулҳои террор истифода бурдаанд, ташкил кардани гурӯҳҳои ба истифодаи қувва такя мекунанд;

– дар баробари он, ки ҷангҳои Арабу Исроил ва муаммои Шарқи Наздик ҳал нашудааст, ҳаракати фаъоли кишварҳои Ғарб барои зери таъсири худ даровардани Шарқи Наздик;

– сиёсати давлатҳои намоён барои ҷорӣ кардани назораташон бар захираҳои энергетикии кишварҳои дунёи мусулмон;



Ҷанг орад
нифоқ,
Сулҳ созад
тифоқ.

*Зарбулмасали халқӣ*



## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Бино ба тадқиқотҳо, дар тӯли панҷ соли гузашта дар кишварҳои мусулмонӣ бар оқибати ҳуҷуми террористон беш аз дусад ҳазор нафар инсон ҳалок ва ярадор шудаанд. Дар даври гузашта терроризм ба кишварҳои мусулмон ба миқдори 348 миллиард доллар зарар овардааст. Ироқ, Сурия, Афғонистон, Покистон ва Нигерия аз ҷумлаи кишварҳоеанд, ки бештар зарар дида, тахминан 70 фоизи қурбониёни террор аз ин мамлакатҳо мебошанд.

– муборизаи рақобатноки байниҳамдигарии кишварҳои мутараққии мусулмонӣ барои раҳнамогии минтақавӣ ва кӯшишҳои ин давлатҳо барои зери доираи таъсири худ даровардани кишварҳои тараққикардаи мусулмон;

– дар оқибати ба дараҷаи муносибатҳои байнидавлатӣ баровардани муқобилияти ба таври анъанавӣ давом кардани байни сунниҳо ва шиаҳо сурат гирифтани намудҳои гуногуни муборизаи байнияқдигарӣ, аз ҷумла бо роҳи ташкили гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ.

Дар мафкураи ҳамаи равияҳои экстремистӣ, ки зери ниқоби ислом амал мекунанд, ду принсип — такфир ва ҷиҳод мавҷуд аст. Терроризм дар доираҳои илмии ин замон аз се нуқтаи назар, яъне, фаъолияти ҷиноӣ, гурӯҳи террористӣ ва ҳамчун таълимоти террористӣ баҳо дода мешавад.

Ин гуна гурӯҳҳои террористӣ фаъолияти худро дар асоси таълимоти Қуръони карим мустаҳкам карданӣ мешаванд.

Дар таълимоти ислом қайд шудааст: касе, ки даъвои мусулмонӣ дорад, ба дигар инсонҳо на бо забон, на бо дасташ

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Такфир — айб кардан барои аз дин баромадан ва кофирист. Такфир аз тарафи экстремистҳо айнан бар зидди мусулмонон истифода шуда меоянд. Ҷиҳод — маънои луғавиаш ҷидду ҷаҳд кардан, ғайрат намудан, барои мукаммал иҷро кардани ягон кор тамоми иқтидорро сарф намудан аст. Дар дини ислом ин калима нисбати ононе, ки барои ҳимояи диёр, ватан аз истилогарон ва исёнгарон размидаанд, низ истифода мешавад.

Худо шуморо аз некӣ кардан ва адолат намудан бо онон, ки бо шумо дар дин наҷангидаанд ва аз сарзаминатон берун нарондаанд, бознамедорад. Худо касонеро, ки ба адолат рафтор мекунанд, дӯст дорад.

***Қуръони карим, ояти 8-уми сураи Мумтаҳана***

зарар расонад. Баръакс, фарди мусулмон дар рӯйи ҷаҳон сулҳро хоҳад, инсонҳои ба якдигар ҷангкардаро бояд ба муросо оварад.

Ҳоло яке аз равияҳои бунёдгароии мутаассиб, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш андохта, нисбат ба полигони ядровӣ хатарнокаш—полигони мафкуравиро ба кор надохта, эътиқоди инсонҳо, ҳаёти онҳоро заҳролуд карданӣ аст, равияи “салафия” мебошад.

Калимаи “салаф” аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноям “аввал зиста гузаштагон”, “аҷдод” аст. Дар сарчашмаҳои исломӣ ибораи “салафи солеҳ” нисбат ба саҳобагон ва тобеъони дар даври аввали ислом зиндагӣ кардагон истифода мешавад. Ин истилоҳ нисбат ба мусулмонони баъд ва ҳоло зиндагӣ кардаистода истифода намешавад. Лекин фаъолияти он гурӯҳҳои экстремистӣ, ки худро “Салафӣ” номидаанд, ба таълимоти ислом, анъанаҳо ва принсипҳои он мутлақо зид мебошад. Аз ин боис онҳоро “салафиҳои сохта” меноманд.

Аз ҷониби салафиҳо ғояҳои харобкунанда, бетоқатӣ нисбат ба суботу сулҳи ҷомеа тарғиб карда мешаванд. Онҳо ба воситаи заҳромез кардани шуури ҷавонон барои сар занонидани низои решааш динӣ ҳаракат мекунанд. Ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки ба давлат ва ҷамъият хизмат мекунанд, ба бединӣ айбдор менамоянд. Онҳо соли 2007 намояндагони мазҳаби ҳанафияро, ки дар Тоҷикистон муқим ҳастанд, “роҳгумзадагони ҳидоят”, шиаҳоро “кофир” гуфта эълон карданд. Соли 2004 дар Тошканд амали харобкорӣ содир намуданд. Соли 2009 нисбат уламои динии Ӯзбекистон таҷовуз ташкил карданд. Дар ғояҳои ин ҳаракат рафтори мутлақо зидди таълимоти дини исломро мебинем.

ДИИШ (Давлати исломии Ироқ ва Шом) ташкилоти террористии иборат аз гурӯҳҳои радикалии му-



Агар ситорагон зинати осмону фалак бошанд, ҳусни зебоии замин аз олимон аст.

***Маҳмуд Замахшарӣ***



Панҷ чиз каффорат надорад: ба Оллоҳ ширк овардан, ноҳақ инсонро куштан, ба шахси мӯъмин бӯҳтон кардан, аз ҷанг гурехтан ва бо қасами дурӯғ моли ноҳақро кор карда гирифтан.

***Ҳадис***

ташаккил соли 2006 дар Ироқ ба вуҷуд омадааст. Ин ташкилот соли 2013 ба ҷанги дохилии Сурия худро пайваст. Кирдори онҳо ба нобуд сохтани қувваҳои ҳарбии хориҷӣ дар Ироқ, ҳарбиёни Ироқ, шаҳрвандон ва биною иншоотҳо нигаронида шудааст.

Ташкилот бо иддаои барпо кардани “Давлати исломӣ” дар ҳудуди давлатҳои Сурия, Ироқ, Лубнон баромад.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ



*Терроризм миллат ва динро интихоб намекунад. Сурия дирӯз ва имрӯз*

Мазмуни матни додашударо бо ҳолатҳои дар расмҳо овардашуда баҳо диҳед.

Фикратонро бо суханони “дар замин фасод кунад ва киштзорҳо ва чорпоро нобуд созад” вобаста кунед.

*(Эй Муҳаммад) Ва аз мардумон касе ҳаст, ки сухани ӯ дар боби зиндагонии дунё туро ба тааҷҷуб меорад ва Худоро бар он чи дар дили ӯст, гувоҳ меорад, ҳол он ки ӯ сахтарини ситезандагон аст.*

*Чун аз назди ту бозгардад, дар замин фасод кунад ва киштзорҳо ва чорпоро нобуд созад ва Худо фасодро дӯст надорад!*

***Қуръони карим, оятҳои 204-205-уми сураи Бақара***

Аз моҳи июли соли 2014 ин ташкилоти ҷиноятгар худро “ДИ” (“Давлати исломӣ”) номид. Бино ба ҳисоби СММ ҷанговарони зери ниқоб аз аввали соли 2014 ба ҳаёти ҳазорон-ҳазор одамон—тифлон, занон, кӯҳансолон, намояндагони аҳолии осоишта зомин шуданд. Ононе, ки зиддин онҳо баромаданд, аз ҷумл, мусулмононро ҳам ба кофир баровардa, ба ҷонашон қасд карданд.

Шӯрои уламои исломии дунё ба ДИШИ ва ба ҳамаи ҷанговарони дар таркиби онҳо буда хати кушод фиристода, роҳи нодурусти ДИШИ-ро бо далелҳо исбот карда, онҳоро барои баргаштан даъват кард. Ташкилотҳои байналмилалӣ аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Иттифоқи Европа, Лигаи давлатҳои




*Харитаи амалҳои террористие, ки дар 20 соли охир содир шудаанд*

араб, ШМА, Австралия, Арабистони Саъудӣ, Британияи Кабир, Индонезия барин давлатҳо ДИШИ-ро ташкилоти террористӣ эълон карданд. Ба дини ислом мутлақо алоқа надоштани он такрор-такрор таъкид шуд.

Дар ҳадиси муборак—сарчашмаи дуюми муқаддаси дини ислом гуфта шудааст: "Дар рӯзи қиёмат саволи аввалин дар бораи хуни ноҳақ рехта хоҳад шуд". Ин гуна ташкилотҳо аслан ба дини ислом бегона буда, лекин зери ниқоби дини ислом амал менамоянд, хусусан барои тарғиби ғояҳои манфурашон аз шабакаи интернет истифода мебаранд. Бино ба маълумотҳои соли 2017 дар шабакаи интернет беш аз 5000 сайт мавҷуд аст, ки аз онҳо ҷанговарон истифода мебаранд, порталҳое, ки ба онҳо хизмат менамоянд, шумораашон меафзоянд.

Шахсоне, ки ба ин сайтҳо даромада, ба доми ташкилотҳои террористӣ афтодаанд, ҷилои ватани худ карда, ба лаббайгӯёни шахсони бадният дар кишварҳои хориҷӣ табдил ёфтаанд.

Ташкилоти экстремистии ДИШИ на фақат ба Ироқу Сурия, кишвараҳои атрофи онҳо, балки ба сулҳу суботи тамоми дунё таҳдид карда истодааст. Ба сулҳ рахна задан, расонидани зиён ба равнақи ҷамъият, беҳбудии мардум, фитна барангехтан ба дин мутлақо бегона аст.

Ин ташкилот дар байни солҳои 2013—2014 беш аз 10 ҳазор ҳаракатҳои террористӣ содир намуд. Аз ҷониби худкушон ("бомбаҳои зинда") зиёд аз 100 таркиш ба амал оварданд. Ҷанговарони ДИШИ дар Сурия зиёда аз 60 калисо ва монастирро вайрон карданд. Соли 2014 дар паҳлӯи масҷиди "Ал-Исро"-и шаҳри Мосули Ироқ 12 нафар уламои исломиро, ки ба сафи

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед. "Ба фирқаҳо тақсим нашудан" имрӯз чӣ гуна аҳамият дорад? Фикратонро асоснок кунед.

... *«...динро бар пой нигаҳ доред ва дар он фирқа-фирқа машавед».*

***Қуръони карим, ояти 13-уми сураи Шӯро***

*"Дар Қуръони карими муқаддас ба мусулмонҳо рӯ оварда нишиндоди "ба фирқаҳо тақсим нашавед" ҳаст. Ин магар далели равшани бар динамон мутлақо зид будани ба равияҳои мухталиф тақсим шуда, одамонро аз роҳи рост гумроҳ кардан нест?"*

***Шавкат Мирзиёев***

онҳо ҳамроҳ шудан нахостанд, намоишгарона қатл карданд.

Дар иаълимоти дини ислом на фақат инсон, балки ҳаққи ҳимояи ҳайвонҳо низ муқаррар шудааст. Масалан, бесабаб азоб додани ҳайвонҳо барои аз тоқаташ барзиёд кор фармудани онҳо манъ аст. Ғулом кардани одамон, азоб додани онҳо, қасди ҷони онҳо гуноҳи азим ба ҳисоб меравад.

“Қуръониҳо” яке аз равияҳои роҳгумшудае, ки дар асри XIX дар Ҳиндустон пайдо шудааст. Ин равия ҳадисҳоро пурра инкор менамояд. Ҳоло пайравони ин гурӯҳ аз Ҳиндустон ва Покистон ба Англия, ба дигар давлатҳои Европа паҳн шудаанд. Вақтҳои охир намояндагони ин тоифаи раҳгумзада дар Осиёи Марказӣ низ пайдо шуда истодаанд.

Гурӯҳи худро “Аҳл-ул-Қуръон” номгузошта фақат Қуръонро манбаи шариат меҳисобад. Инчунин, пайравони он Қуръонро мувофиқи фаҳмиши худ тафсир мекунанд.

Дар тӯли асрҳо олимони исломшинос ба Қуръон ва ҳадисҳо такя карда омадаанд. Тибқи таълимоти ислом он касе, ки ҳадисҳоро инкор кардааст, исломро инкоркарда ҳисоб мешавад. Инсоне, ки ҳадисро намедонад, Қуръонро низ дуруст дарк намекунад. Зеро тафсири аксари оятҳои Қуръон дар ҳадисҳо баён шудаанд. Ғояҳои гурӯҳи “Аҳл-ул-Қуръон” ба қоидаҳои дар китоби муқаддаси ислом баёншуда зид ҳастанд. Масалан, дар ояти 59-уми сураи Нисо оварда шудааст, ки “Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро итоъат кунед ва аз расул ва сардорони хеш фармон баред”. Ё дар сураи 82-уми ҳамин сура таъкид шудааст: “Ҳар кӣ аз паёмбар итоъат кунад, аз Худо итоъат кардааст”.

Дар тӯли асрҳо олимони исломшинос ба Қуръон ва ҳадисҳо такя карда омадаанд. Боз як ҷиҳати роҳгумзадагии “Қуръониҳо” ин аст, ки онҳо ба истеъмо-

Як замонҳое аскарон дар ҷанг мурда бошанд, мурдаанд. Дар ҷанги ҳозира нисбат ба силоҳ гирифтагон силоҳ набардоштагон бештар кушта мешаванд. Аслиҳаи замонавӣ ба фарқи окопу кӯдакистон, аэродрому таваллудхона намеравад.

***Ӯткир Ҳошимов, “Дафтар ҳошиясидаги битиклар” (“Сабтҳо дар ҳошияи дафтар”)***



ли моддаҳои нашъаманд (наркотик) ва дигар корҳои фасод ҳалол гуфта фатво ҳам медиҳанд. Ин гуна фатво додан ба шартҳои имон зид аст.

Қуръониҳоро аз тариқи шабакаи иҷтимоӣ зоҳир кардани беҳурматиашон нисбат ба Муҳаммад (с.а.в.) ва саҳобагони ӯ низ шинохтан мумкин. Онҳо олимони бузурги муҳаддис аз қабили Имом Бухорӣ, Имом Муслим ва Имом Тирмизиро таҳқир мекунанд. Хондани Қуръонро ба забонҳои маҳаллӣ тарғиб менамоянд. Хулоса карда бигӯем, ин гуна гурӯҳҳои қаллобу фиребгар бо мақсади вайрон кардани моҳияти софи дини ислом, гумроҳ кардани инсонҳои илмашон нокифоя ташкил гардидаанд

Барои ҳифзи сулҳу субот дар мамлакатамон ҳар як инсони сулҳпарвар аз ҳамаи воқеаву ҳодисаҳои дар атрофамон рӯйдиҳанда огоҳ бояд бошад. Шумо ҳам ба воситаи омӯхтани мукаммали илму маърифат дар муассисаҳои таълимӣ бар зидди таҳдидҳои мафкуравӣ истодагарӣ намуда, дар шумо малакаи бо кӯмаки маърифат алайҳи ҷаҳолат мубориза бурдан ташаккул меёбад.

Тавбаи ҳақиқӣ ҷараёни дарозмуддат аст, вай бо якто ҳаракат амалӣ намешавад.

***Мартин Лютер***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Пайдоиши равияҳои аввалини мутаассиб дар таърихи ислом ба кадом давр тааллуқ дорад?
2. Сабаби асосии пайдоиши хориҷиҳо чист? Мақсади онҳо аз чӣ иборат буд?
3. Моҳияти экстремизми динӣ барои ҷамъият кадом хавфҳоро меоварад?
4. Дар мамлакати мо бар зидди экстремизм ва терроризм чӣ гуна сиёсат татбиқ мешавад?

# § 12-13 НАҚШИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МУБОРИЗАИ ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

**ДАР ДАРСИ ИМРЎЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Стратегияи миллии Ўзбекистон дар муборизаи зидди терроризм.
2. Ташаббуси Ўзбекистон дар бобати ҳалли муаммои Афғонистон.
3. Нақши Ўзбекистон дар бобати таъмин намудани субот дар Осиёи Марказӣ.

## СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МУБОРИЗАИ ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ

Вазъияти ноороми баъзе минтақаҳои дунё ба пурзўршавии миграцияи аҳолӣ, ин бошад дар навбати худ ба паҳншавии терроризм ва экстремизм ва ба яке аз муаммоҳои глобалӣ табдил ёфтани онҳо сабаб шуда истодаанд.

Аз ин боис масъалаи мубориза бар зидди терроризм, ҳифзу таъмин намудани амнияти халқ дар markази эътибори на фақат сиёсати дохилӣ, балки сиёсати хориҷии мамлакатамон қарор гирифтааст.

Дар сессияи 72-юми Ассамблеяи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2017 раҳбари мамлакатамон Шавкат Мирзиёев зимни суханрониаш таваҷҷўҳи ҷаҳониёнро ба фардои сайёра-

> Ту бошӣ шоҳ —
> агар огоҳ бошӣ,
> Агар огоҳ бошӣ
> — шоҳ бошӣ.
> ***Алишери Навоӣ***

амон, беҳбудии ҳаёт, хусусан камолоти фарзандон, вазифаи асосиамон—фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷавонон, зарурати пешгирӣ намудани паҳншавии “вируси” ғояи зӯроварӣ ҷалб кард.

Зеро ҳоло дар ягон гӯшаи дунё агар амали террористӣ содир шавад, ҳатман ба дигар давлатҳои таъсири худро мерасонад.

Мақсади асосии гурӯҳҳое, ки таҳдиди мафкуравиро ташкил менамоянд, пароканда намудани давлатҳои дорои сарватҳои рӯйизаминию зеризаминӣ ва дар оқибат бойигарӣ ба даст овардан, ба худ тобеъ намудан аст.

Дар Стратегияи ҳаракатҳо, ки ислоҳоти татбиқашон дар мамлакат хеле муҳимро, роҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро дар худ инъикос кардааст, самти панҷуми устувораш айнан вазифаҳои муҳимтаринро дар бобати таъмин кардани таҳаммулпазирии динӣ (толерантӣ) муқаррар намудааст.



Дини ислом моро ба некӣ ва сулҳ, барои ҳифзу ҳимояи фазилатҳои асили инсонӣ даъват менамояд.

***Шавкат Мирзиёев***



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед. Вақте, ки “Шарти муҳими таъмин кардани амнияти глобалӣ” мегӯянд, чиро мефаҳмед? Фикратонро дар асоси принсипҳои сулҳу субот, тараққиёт, ҳамбастагӣ эзоҳ диҳед.

*“Барқарор намудани вазъият дар Афғонистон шарти муҳими на фақат бехатарии минтақавӣ, балки шарти муҳими таъмин кардани амнияти глобалӣ хоҳад монд”.*

***Аз маърӯзаи Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ.***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ













Ба расмҳо бодиққат таваҷҷӯҳ кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1) Давлати Ўзбекистон барои гирифтани пеши кадом воқеаҳо ҳаракат карда истодааст?

2) Дар асоси зарбулмасали “Дар хонае, ки як рӯз ҷанг шудааст, чил рӯз барака меравад” тасвирҳои дар расм омадаро эзоҳ диҳед.

3) Ба вазъиятҳои дар расмҳои 2-,3-,4 ифодашуда назар карда, террорист ва бунёдгароёнро оё моҳияти инсонпарварии дини исломро даркнамуда ва ба он амалкунанда гуфтан мумкин аст?

## МУРОҶИАТИ ИСЛОМШИНОСОНИ ЎЗБЕКИСТОНӢ

(соли 2016)

Эй ДИШИҳо!!!

...

Ба туфайли шумоён одамоне, ки исломро дини қотилӣ ва разолат фикр мекунанд, пайдо шуданд!..

Бо шарру офати шумоён ҷўйҳо пур аз хун шуданд...

Бачаҳо ятим, занон бева, кўҳансолон бепарастор монданд!..

Бо дастони шумоён қабри Пайғамбарон, авлиёҳо, олимон хароб карда, масҷидҳо тарконда шуданд!..

Бо дастони шумоҳо мактабу мадрасаҳо вайрон гардиданд!..

Ба туфайли шумоён чандин заводу корхонаҳо баста шуданд!..

Ба шарру офати шумоён тамоми дунё бар мусулмонон хандид!..

Ба туфайли ҷоҳилии шумоён миллионҳо одамон аз омўзиши илм маҳрум гаштанд!..

Бо дастони шумоён чандин шифохонаҳо пўшида шуданд, шумораи беморон, ногироён, нимҷонҳо зиёд шуданд!..

Бо ташаббуси шумоҳо чандин оилаҳо бесарпаноҳ монданд!..

Ба туфайли шумоён ба мусулмонҳо тамғаи “ҷоҳилӣ”, “бешафқатӣ”, “ақибмондагӣ” часпонида шуд!..

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Декларатсия дар бораи барҳам задани ҳар гуна зуҳуроти бетоқатӣ ва паст задан дар асоси динӣ ё эътиқод 25-уми ноябри соли 1981 бо Резолютсияи Сарассамблеяи СММ эълон карда шудааст. Ин Декларатсия аз ҷиҳати юридикӣ гарчанде маҷбурӣ нест, имрўз қоидаҳои он меъёри ҳуқуқи маъмули байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

## ТАШАББУСИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАСЪАЛАИ ҲАЛЛИ МУАММОИ АФҒОНИСТОН

Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ барқарор намудани вазъият дар Афғонистон шарти муҳими таъмин шудани амнияти глобалии минтақавӣ буданашро ба ҳукми ҷаҳониён ҳавола намуд. Президенти мамлакатамон ба воситаи ин маърӯза роҳи ягонаи сулҳ дар Афғонистон—пешакӣ ягон шарт нагузошта бевосита музокира бурдани ҳукумати марказӣ ва қувваҳои сиёсии дар дохили мамлакат буданашро таъкид кард.

Ин гуна мулоқот таҳти васояти СММ дар ҳудуди Афғонистон гузаштанаш, зимни он фақат худи афғонистониҳо нақши асосӣ доштанашон ва ба таври мустақил тақдирашон дар дасти худашон буданашро қайд кард.

Инчунин Президенти мамлакат Ўзбекистон барои барқарор кардани иқтисодиёти Афғонистон, барои инкишоф додани инфрасохтори энергетикаи он, дар бобати тайёр намудани кадрҳои миллӣ ҳисса гузошта истоданашро ва ин корҳо минбаъд низ давом карданашро таъкид намуд. Дар айни вақт муаммои Афғонистон дар маркази масъалаҳои микёсаш глобалӣ қарор гирифтанашро, сайъю ҳаракати ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш аз ҳама ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ равона шуданашро таклиф намуд.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ўзбекистон дар доираи Шӯрои Европа якчанд шартномаи байналмилалиро имзо кардааст. Инҳо: шартномаи соли 1977 оид ба гирифтани пеши роҳи терроризм, харида гирифтани силоҳҳои оташфишони шахсон ва назорат кардани нигоҳ доштани онҳо аз соли 1978, конвенсия дар бораи додани компенсатсия (ҷуброн) ба ҷабрдидагон дар оқибати ҷиноятҳои амалӣ шуда бо роҳи зӯроварӣ дар соли 1983 мебошад.

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Низоъҳои минтақавӣ ба бехатарии Ўзбекистон чӣ гуна таҳдид карданаш мумкин?

26—27 марти соли 2018 бо ташаббуси Ўзбекистон дар пойтахтамон дар мавзўйи “Ҷараёни сулҳ, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва шарикии минтақавӣ” конфронси байналмилалӣ ташкил шуд.

Раҳбари давлатамон Шавкат Мирзиёев аз хусуси моҷарои мусаллаҳонаи дар хоки Афғонистон қариб 40 сол боз идомадошта сухан ронда, “оташи ҷанг” ба ин кишвар аз берун дохил шуданашро ва ин ҷанг хилофи муддаои мардуми афғон буданашро қайд кард. Президентамон алоҳида таъкид намуд, ки гарчанде ташкилотҳои байналмилалӣ ва қувваҳои сиёсии

## БАРОИ МАЪЛУМОТ





Дар шаҳри Тошканд 11-12-уми июни соли 2018 дар мавзўйи “Ҷилавгирӣ аз эктремизм ва радикализми таҷовузгар, ки ба терроризм меоварад ва нақши ҷавонон дар мубориза зидди онҳо” конфронси байналмилалӣ баргузор шуд.

Дар конфронси СММ, Иттифоқи Европа, ТҲХЕ барин ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои ШМА, Британияи Кабир, Германия, Испания, Нидерландия, Латвия, Покистон, Россия, Арабистони Саъудӣ, Тоҷикистон, Хитой, Ҳиндустон, Япония, Малайзия, Кувайт, Қазоқистон, Қирғизистон, Афғонистон ва дигарон, экспертҳои хориҷӣ, сенаторон, депутатҳо, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, арбобони илм иштирок карданд.

хориҷӣ ба масъалаи Афғонистон дахолат мекунанд, дар ин ҷо шумораи гурўҳҳои террористии байналмилалӣ беш аз пеш афзуда, зўрӣ ва хунрезиҳо, наркобизнес барҳам нахўрда, дар оқибати инҳо вазъияти ин мамлакат ба дараҷаи инкор карда нашудан аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ расидааст.

Иштирокчиёни конфронс дар поёни анҷуман баёнияи Тошкандро имз карданд. Дар ин ҳуҷҷат мақсадҳои неки таъмин намудани сулҳу амонӣ дар минтақа, вусъати робитаҳои ҳамкорӣ, боз ҳам мустаҳкам сохтани муносибатҳои хуби ҳамсоягӣ дар назар дошта шудаанд.



Ба низоъ рафтан осон, оштӣ кардан мушкил аст.

***Зарбулмасали халқӣ***



## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

1. Ҳар як инсон ҳуқуқи фикр кардан, озодии виҷдон ва динро дорад. Ин ҳуқуқ озодии мувофиқи хоҳиши худ ба дин ё ба эътиқоди дигар соҳиб будан ё қабул кардан ва дар ҳолати танҳо ё ин ки бо дигарон якҷоя, ошкоро ё ба таври хусусӣ адо намудани ибодатро, иҷрои маросимҳои динӣ ва ғайраро, таълимро фаро мегирад.
2. Ҳеҷ кас ба маҷбуркунии поймолкунандаи озодии бо ихтиёри худ дини худ ё соҳиби эътиқод шудан ё худ қабул кардани онҳо набояд дучор ояд.
3. Озодии дин ё соҳиби эътиқод будан фақат тибқи қонун ва барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии дигар шахсон ба дараҷаи зарурияш баҳри ҳифзи бехатарии ҷамъиятӣ, тартиб, саломатӣ ва ахлоқу одоб маҳдуд карда мешавад.
4. Давлатҳои ба ин Пакт иштироккунанда ўҳдадории ҳурмат намудани озодии падару модарон, дар ҳолатҳои зарурӣ васиҳо фарзандонашонро бино ба эътиқодашон аз нигоҳи динӣ ва ахлоқӣ тарбия намуданашонро бар зимма мегиранд.

***Моддаи 18-уми “Пакти байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ”***

Дар ягон кор ғофилӣ макун, хушёр бош, кори ғофилон ҳеҷ гоҳ мувофиқи табъи дил намеанҷомад.

***Юсуф Хос Ҳоҷиб***

Дар баёнияи конфронси Тошканд, ки ба он беш аз бист давлат, Иттифоқи Европа ва СММ имзо карданду он аз 24 банд иборат аст, эътироф шудани аҳамияти бузург доштани ҳамкории минтақавии иқтисодӣ барои Афғонистон ва тамоми минтақа чун шарти сулҳу фаровонӣ; ба музокираи сиёсӣ ҷалб намудани ҳукумати Афғонистон ва "Толибон", даъват кардани ҳамаи давлатҳо барои дахолат нанамудан ба корҳои дохилии Афғонистон; қайд намудани аҳамияти ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба барҳам задани терроризм мувофиқи стратегияи аксултеррори глобалии СММ ва резолютсияи Шӯрои Амният ҳамчун масъалаи ҷиддӣ дохил карда шуд.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Мувофиқи қарори 911-уми Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон аз 13-уми ноябри соли 2017 "Дар бораи дар назди Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ӯзбекистон ташкил кардани фаъолияти маркази таълими омӯзонидани шаҳрвандони Афғонистон" қабул карда шуд. Бино ба ин қарор дар ноҳияи Тирмизи вилояти Сурхондарё маркази таълими шаҳрвандони Афғонистон ташкил карда шуд. Дар марказ мувофиқи супориши тарафи Афғонистон оид ба ихтисоси гуманитарӣ, педагогика ва таълими муҳандисию техникӣ кадрҳо тайёр карда мешаванд.



*Маркази таълими омӯзонидани шаҳрвандони Афғонистон дар ноҳияи Тирмизи вилояти Сурхондарё*

## НАҚШИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР БОБАТИ ТАЪМИН НАМУДАНИ СУБОТУ БАРҚАРОРӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Танҳо пас аз содир шудани амали террористии 11-уми сентябри соли 2001 дар шаҳрҳои Ню-Йорк ва Вашингтони Штатҳои Муттаҳидаи Америка эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Афғонистон нигаронида шуд ва аҳли ҷаҳон дарк намуд, ки айнан аз Афғонистон иллатҳое, аз қабили терроризм, экстремизм ва моддаҳои нашъаманд дар дунё паҳн мешавад.

Соли 2012 давлати мо Консепсияи фаъолияти сиёсии хориҷиашро эълон намуд. Дар он позитсияшро дар бобати мубориза и қотеъона бар зидди ҳар гуна зуҳуроти таҳдидҳои терроризми байналмилалӣ, наркобизнес, экстремизм, ки ба таъмини бехатарии минтақавӣ ва суботу барқарорӣ хавф оварда истодааст, маълум кард. Дар Консепсия вазъияти ҳозираи муносибатҳои байналмилалӣ, ба трендҳои дар арсаи ҷаҳон мушоҳидашуда ва ба тағйироти куллӣ ҳамаҷониба тафсир дода шудааст.

Дар консепсия баён шудааст, ки муаммоҳои Осиёи Марказӣ бидуни дахолати қувваҳои беруна, аз тарафи худи давлатҳои минтақа ҳал бояд шаванд. Дар Консепсия ба моҷароҳое, ки дар атрофи давлатамон ва дигар қисмҳои дунё рӯй дода истодаанд, низ эътибор дода шудааст.

Ҳукумати Ўзбекистон мақсад дорад, ки таҳти раҳнамоии Созмони Милали Муттаҳид вазъияти ноороми Афғонистонро ба воситаи гурӯҳи мулоқот байни қувваҳои ҷангкунанда музокираҳо бурда шавад ва ба ташкил додани ҳукумати коалитсионии афғон ноил гарданд.

Дар айни замон позитсияи ишғолкардаи Ўзбекистон нисбат ба Афғонистон аниқ муайян карда шуд.

Ҳуррият ва вақти холӣ... Ман ба ин ду чиз чунон ҳам комилан ихтиёрдорӣ мекунам ва онҳоро хеле қадр мекунам, ки ин гуна имтиёз ва ҳаловатро барои харида гирифтан подшоҳи босавbooттарини олам қодир шуда наметавонад.

***Рене Декарт***

Республикаи Ўзбекистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба “принсипи баробарҳуқуқӣ” амал кардан, ва дар сиёсати хориҷии худ ба “принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ содиқ мондан”-ро эълон кард. Аз фикрҳои дар боло зикр шуда мебинем, ки дар сиёсати хориҷии давлатамон дар арсаи байналмилалӣ суханони “сулҳу осоиш” ва “ҳамкорӣ” таҷассум гардидааст.

Ин сиёсат саъю ҳаракати Ўзбекистонро дар роҳи барқарории сулҳу осоиш ва бехатарии минтақа ва дунё, бо ҳамаи мамлакатҳо сарфи назар аз мавқеи ҷуғрофӣ ва мафкураашон, татбиқи сиёсати кушод, муносибатҳои дўстонаи хориҷиашро дар ҷаҳон таъмин хоҳад кард.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев оид ба мушкилоти Афғонистон дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид чӣ гуна ташаббусро ба миён гузошт?
2. Аз сайти *www.prezident.uz* маърўзаи Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид ёфта хонед. Дар маърўза оид ба масъалаи муборизаи зидди сабабҳои асосии сарзанандаи таҳдидҳои терроризм дар дунё чӣ гуна пешниҳодҳо баён шудааст, аниқ кунед. Барои иҷрои ин вазифаҳо дар мамлакатамон кадом корҳо амалӣ мегарданд? Аз ин хусус маълумот гирд оваред.
3. Раҳбари мамлакатамон оиди масъалаи “... гирифтани пеши роҳи ғояи зўроварӣ, паҳншавии “вирус”-и онҳо чӣ гуна пешниҳодҳо баён кард?
4. Нутқи Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро 11-уми ноябри соли 2017 дар конфронси байналмилалии оиди мавзўйи “Осиёи Марказӣ: таърихи ягона ва ояндаи умумӣ, инкишофи босубот ва ҳамкорӣ дар самти тараққиёт” ва масъалаҳои дар он ба миён гузоштаро ҳамчун иҷрои ташаббуси дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ баёншуда оё баҳо додан мумкин аст? Фикратонро дар асоси иқтибосҳо дар маърўза асоснок кунед.

# § 14-15 ТАРИҚАТҲО ДАР АСРҲОИ XX—XXI

## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Таълимоти тасаввуф дар асрҳои XX—XXI.
2. Хусусиятҳои хоси гурӯҳҳои сӯфигии роҳгумзада
3. Фарқи байни тасаввуф ва тариқатҳои сохта.

## ТАЪЛИМОТИ ТАСАВВУФ ДАР АСРҲОИ XX–XXI

Қариб дар ҳамаи кишварҳои мусулмонии дунё фаъолият бурдани намояндагони тариқатҳои гуногуни тасаввуфро дидан мумкин. Дар урфу одатҳои тариқатҳои дар ҳудудҳои Покистон ва Ҳиндустон паҳншуда таъсири йога, буддавия, ҳиндуия ва фалсафаи қадими ҳинд мавҷуд аст. Дар Барлавия, Меҳмандия ва дигар якчанд тариқатҳо ғояи “таносух”-и (кӯчида гаштани рӯҳ) аз фалсафаи ҳинди қадим васеъ ҷой гирифтааст. Онҳо вақти намоз ё ҳангоми зикр аз пешгаҳ як ҷойро холӣ мегузоранд ва он ҷо рӯҳи Муҳаммад пайғамбар омада менишинад, мегӯянд. Дар тарафи қиблаи масҷидҳо қабри асосгузори тариқат ё қабри пирон ҷой гирифта, пеш аз намоз ё баъд аз намоз онро тавоф мекунанд. Ин гуна ҳолатҳо ба таълимоти дини ислом муносиб намеояд.

Ҳоло дар бисёре аз кишварҳои дунё, дар ҳудуди аз Штатҳои Муттаҳидаи Америка то архипе-

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ҳоло дар аксари кишварҳои дунё Баҳоуддин Нақшбанд (1318—1389) ва тариқати асосгузоштаи ӯ—Нақшбандия нуфузи бузург дорад.

лаги Австралия Баҳоуддин Нақшбанд ва тариқати Нақшбандияро медонанд ва ҳурмат мекунанд. Чаро ин тавр? Чунки Баҳоуддин Нақшбанд, аввало, меъёрҳои шариати дини исломро маҳкам дошт ва ба вайрон шудани онҳо роҳ надод. Сониян, ӯ ғояҳо ва фазилатҳои ҳақиқии инсониро ба пеш гузошт, дар байни намояндагони гуногуни ҷамъият барои пайдо шудани футувват — ҷавонмардӣ омил шуд. Аз паси он инсонҳо ба якдигар ёрии моддию маънавӣ мерасониданд, мушкилиҳои ҳаётро дар ҳамбастагӣ ва тифоқӣ паси сар намуда, шодию сурурро бо ҳам дидаанд.

Ҳамаи инҳо бародарӣ ва ҳамраъие, ки Баҳоуддин Нақшбанд дар ҷамъият барпо карданӣ буд, ҳамон буд. Шиори вай “Дил ба ёру даст ба кор” муносибати неки ба ҳунарманду деҳқононро ба дин ва диндору сӯфиёни тариқатпарастро ба меҳнат пайдо карда буд. Ин, дар навбати худ, барои боло бурдани сатҳи зиндагии одамон хизмат мекард.

Эй Парвардигорам, эй Ёри азиз, агар ба тамаъи ҷаннат тоат карданӣ бошам, аз ҷаннатат бенасиб кун, агар аз дӯзахат тарсида, ибодат карданӣ бошам, маро дар оташи дӯзах сӯзон—ҳазорон бор розӣ ҳастам! Аммо агар ҷамоли Туро гуфта, шабонро бедор гузаронам, илтиҷо менамоям, маро аз ҷамолат маҳрум макун!”

***Робия Адавия***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Робия Адавия (713/ 714—801) вакилаи машҳури зоҳидони Басра. Овони бачагиаш ба канизӣ фурӯхта шуда буд. Баъдтар ба озодӣ баромадааст. Вай ғайр аз дӯст доштани Аллоҳ тарафдори рад карданни ҳама чиз буд. Аз байни зоҳидон аввалин шуда таъкид карда буд, ки моҳияти ҳаёти маънавии инсон ҳеҷ ягон манфиатро дар назар надошта, фақат Худоро мутлақ дӯст доштан аст. Робия Адавия дар олами ислом ба сифати “авлиё” тавсиф мешавад.

## ХУСУСИЯТҲОИ БА ХУД ХОСИ ГУРӮҲҲОИ СӮФИИ РОҲГУМЗАДА

Дар ҳамаи даврҳои таърихи ислом гурӯҳҳо ва шахсоне будаанд, ки тасаввуфро ба маънои танг талқин кардаанд. Онҳо таваҷҷӯҳро бештар ба ҷиҳатҳои зоҳирии тасаввуф додаанд. Чунин шахсон имрӯз ҳам вомехӯранд.

Онҳо моҳияти ғояҳои тасаввуф, аз ҷумла на дар ин дунё ва на дар охират набуданаи таъмаро вайрон карда, намоён намудани ҳар гуна маросимбозиҳо, пирпарастӣ, "сайди мурид", дар маросимҳои гуногуни динӣ шахси алоҳида буданашонро нишон додан ва ҳамин тариқ сарват ба даст оварданро мақсади худ қарор додаанд.

Ин тоифа мардум ғояи тарбияи инсони комилро дар тасаввуф ба канор гузоштаанд.

Аз ин сабаб аз тарафи олимони тасаввуфшинос барои фарқ карда тавонистони намояндагони ҳақиқии тасаввуфи классикӣ аз ҳар гуна равияҳо истилоҳи "тариқатчиён"-ро ба истеъмол дароварда шуд. Мақсади аслии онҳо фош карда, ба танқиди уламои дин дучор гаштанд.

## ФАРҚИ БАЙНИ ТАСАВВУФ ВА ТАРИҚАТЧИЁНИ СОХТА

Тарафдорони тариқатчиёни сохта дар бораи дар ҳаёти инсон шарту зарур набудани илмҳои дунёвӣ, хусусан, оид ба таълим нагирифтани духтарон ҳукм баровардаанд. Дар байни тариқатчиёни дар ҳудудҳои гуногуни республика, ки дар ибтидои аср фаъолият бурдаанд, якчанд амалҳои ноанъанавӣ мушоҳида карда шуд:

— хондани намози таҳаҷҷуд (шабона)-ро фарз (ё воҷиб) донистан;

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Зери истилоҳи "тариқатчиён" шахсон ё ҷамоаҳо, гурӯҳҳое фаҳмида мешавад, ки фақат ба ҷиҳатҳои зоҳирии тасаввуф эътибор дода, хусусиятҳои асосии онро надониста, ба пир аз ҳад зиёд, ҳатто аз доираи шариат баромада "хизмат кардан"-ро мақсади асоситарин дар ҳаёт мешуморанд.

— бахшидани гуноҳҳои пешинаи шахсе, ки ба пир даст додааст, аз зиммаашон соқит шудани намозҳои қазошуда (нахонда);

— ғайр аз ҳамтариқатон ба тӯйю маросимҳои дигар шахсон иштирок накардан;

— табаррук дониста, нӯшидани обе, ки дасти пир расидааст;

— гуноҳ донистани дароз кардани пой ба сӯйи хонаи пир, мисли он, ки ба сӯйи қибла дароз кардан норавост;

— иқтидо накардан ба имом-хатиб ва ноибони риш надошта ва дандонҳои сунъӣ гузошта;

— телевизор надидан, радио нашунидан ва монанди инҳо.

Ин гуна амалҳои ноанъанавии гурӯҳҳои мазкур ба таълимот ва анъанаҳои дини ислом мутлақо зид аст. Аз ин рӯ, ҳоло даъвогарони тариқат аввало асосҳои тариқати анъанавиро дағалона вайрон карда, зиёда аз ин, ба нишондодҳои шариат амал накарда меоянд. Аз ҷумла, амали табаррук донистани оби дасти пир расидаро гирем. Аввалан, вақте инсон дасту рӯяшро бо об мешӯяд, микробҳои гуногуни зарарнок мерезанд. Дуюм, дар назди Имоми Аъзам ин об бо наҷо-

Мисли шамъ бошед, то ба ҳама рӯшанӣ бахшида бошед ҳам, худатон дар торикӣ бошед.

***Баҳоуддин Нақшбанд***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

*Барои мо, ки аз Бухоро дур истода дар Лондон зиндагӣ мекунем, амал намудан ба таълимоти Нақшбандия, ки сарчашмаи беназири камолоти инсон ва тарбияи рӯҳӣ аст, хеле муҳим аст. Зиёрат кардани қадамҷои ҳафт пир дар Ӯзбекистон, иштирок намудан дар конфронсҳои байналмилалӣ бахшида ба санаҳои таваллуди ҳазрати Ғиждувонӣ ва Нақшбанд орзуи ман аст. Ин диёр ҳамчун замине, ки устодони тарбияи рӯҳониро ба ҷаҳон додааст, ҳамеша арзишманд мемонад.*

***Британия, Шайх Зимер Соҳилӣ, соли 2018.***

сат омехташуда ҳисобида мешавад. Олимони фақеҳ нӯшидани ин обро манъ кардаанд.

Вақте тасаввуф мегӯем, набояд оила, рӯзгор, масъулиятро фаромӯш карда, тарки дунё карданро фаҳмем.

Баъзе инсонҳо ба тариқат пайвастанашонро нишон доданӣ шуда, ба қиёфаи берунӣ ва ба маросимҳо аҳамияти калон медиҳанд, аммо ӯҳдадориҳояшонро дар назди оилаашон, фарзандонашон фаромӯш мекунанд. Ба назарашон онҳо ба Оллоҳ таваккал карда, аз таъмин намудани оилаашон даст мекашанд, хизмат ба пирро аз масъулияти воҷиби назди оила боло мегузоранд.

Ҳамин тариқ, ононе, ки моҳияти аслии тасаввуфро дарк накардаанд ва аз ҳақиқат бехабаранд, ҳам ба аҳли ҳақиқии тариқат, ҳам ба номи тасаввуф доғ оварда истодаанд.

Ба туфайли фаъолияти тариқатчиён дар бораи ҳолатҳое, ки ба низоъҳои иҷтимоӣ сабаб мешаванд, сухан ронда, ҳолатҳои зеринро бояд дар мадди назар дошт. Дар байни тариқатчиён:

– нисбат ба онҳое, ки аҳли тариқат нестанд, бо назари паст назар кардан;



Беҳтарини шумо онҳоянд, ки кори дунё гуфта охиратро, охиратро гуфта дунёро тарк намекунанд ва ба одамон малол намеоваранд.

***Ҳадис***



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1.Фаъолияти пайравони тариқатҳо оё ба таълимоти ислом мувофиқ меояд?

2 Барои эзоҳ намудани фикратон аз матни дар зер омада истифода кунед.

*«Ба такаббур аз мардум рӯй магардон ва хуписандона бар замин роҳ марав, ҳаройна, Худо ҳеҷ мутакаббири фахрфурӯшеро дӯст надорад».*

***Қуръони карим, ояти 18-уми сураи Луқмон.***

– суст шудани рағбат ба омӯхтани илм, амал кардан ба принсипи “аксар занон таҳсил накардаанд, лекин ба мақоми калон расидаанд”;

– бо баҳонаи гирифтани вазифа аз пир аз таъминоти модии оила даст кашидани тариқатчиён;

– ба дастовардҳои замонавии тараққиёт муносибати манфӣ доштан, фикри дуруст надоштан ба онҳое, ки либоси замонавӣ мепӯшанд ва монанди инҳоро мушоҳида кардан мумкин.

Аз тарафи ин гуна тариқатчиён нодуруст талқин кардани талабҳои шариат, кор карда баромадани қоидаҳои зидди принсипҳои анъанавии ислом барои сар задани эътирози одамон сабаб шуда истодаанд.

Ғайр аз ин баъзе тариқатчиён марказҳои табобати сӯфӣ, гимнастикаи сӯфӣ, санъати ҷанги сӯфӣ кушода, ҳамин тариқ аз усулҳои ба худашон ҷалб кардани одамон истифода мебаранд. Аз тарафи ин гуна тариқатчиён асосҳои исломиро вайрон карда талқин намудан, оид ба тасаввуф гуфта тарғиб шудани ҳар гуна таълимоту амалиёт, дар байни мусулмо-

> Каломи бе нафъ зиёда магӯ ва аз зикри каломи пурнафъ канора маҷӯ.
>
> ***Алишери Навоӣ***

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Баҳоуддини Нақшбанд (1318—1389)—намояндаи бузурги тариқати нақшбандия. Дар байни мардум бо номҳои Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷаи Бузург, Шоҳи Нақшбанд машҳур аст. Дар деҳаи Қасри ҳиндувони Бухоро таваллуд ёфтааст. Баҳоуддини Нақшбанд аз устодонаш, мисли Бобойи Самосӣ, Амир Кулол, Мавлоно Ориф, Халил бобо, Шайх Қусам сабақ гирифтааст. Ӯ ду маротиба амали ҳаҷро адо кардааст. Ҳаёти ғарибона ба сар бурдааст, фақат бо деҳқонӣ ва баъд ба мис, кимхоб нақш андохта зиндагӣ кардааст. Барои офаридани таълимоти худ ба қоидаҳои иборат аз ҳашт моддаи силсилаи “Хоҷагон”, ки ба он Абдухолиқ Ғиждувонӣ асос гузошта буд, се қоидаро (талабро) илова намуда, онро такмил дод. Ҳамин тариқ, тасаввуф дар тариқати нақшбандия боз ҳам мукаммал шуд.

нон паҳн шудани ҳар гуна ғояҳои ба дини ислом ҳеҷ алоқа надошта, ба вайрон шудани эътиқоди онҳо, ба футур расидани тарзи солими зисташон оварда расонда истодаанд. Аксарияти “тариқатчиён” аъзоёни гурӯҳи худро аз он мусулмонони оддие, ки ба пирашон даст надодаанд, боло мегузоранд, барои тарғиби ғояҳое, аз қабили “пират набошад, динат ҳам нест” ҳаракат мекунанд.

Тасаввуф ба ин гуна фикрронихои нодуруст зид буда ва дар байни одамон баробарӣ, бародарӣ, адолати иҷтимоӣ, машғул шудан бо фаъолияти меҳнати фоиданок дар ҷамъиятро тарғиб мекунад. Масалан, ҳикмати “Дил ба ёру даст ба кор”-и Баҳоуддин Нақшбанд дар тӯли асрҳо мазмуни худро гум накардааст.

Нуқтаи назари тасаввуфӣ ба таълимоти мукаммал табдил ёфта, дар кишварҳои исломӣ паҳн шуда ба воқеаи муҳими ҳаёти одамон табдил ёфт.

Ташаккул додани фазилатҳои ба тасаввуфи классикӣ хост ахлоқи зебо, маънавияти баланд, тарбияи инсони комил, нафс, ғояҳои ватанпарастӣ дар давоми асрҳо сарвати маънавии торафт такмилшударо ташкил додаанд. Дар шароити имрӯза ҳам намоиш додани ин гуна хусусиятҳои тасаввуф барои пешгирӣ намудани ба ғояҳо ва маслакҳои беасос даромадани одамон аҳамияти калон касб кардааст.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Номутаносибӣ дар байни тасаввуф ва тариқатчиён дар Осиёи Марказӣ натиҷаи дур шудан аз мероси илмии бузург ва анъанавият аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Вайрон кардани талқин намудани моҳияти аслии тасаввуф ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
2. Фарқи байни тариқатчиён ва тасаввуф чист?
3. Кадом нишонаҳои тариқатчиёнро дониста гирифтед?
4. Дар ҳаракати тариқатчиён кадом ҳолатҳои нораво мушоҳида мешавад?

# § 16-17 ДИН ВА МАДАНИЯТ ДАР АСРҲОИ XX–XXI

**ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Ҷойю мақоми дин дар ҳаёти маданӣ.
2. Ташкил шудани марказҳои тамаддуни исломӣ.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Аз системаи яклухти маданият ду соҳа бароmадааст. Инҳо аз рӯйи мазмуну моҳияташон маданиятҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд.

## ҶОЙЮ МАҚОМИ ДИН ДАР ҲАЁТИ МАДАНӢ

Маданият (фарҳанг) дар ҳаёти инсон ва ҷамъият нақши муҳим дорад. Маданият ба инсонҳо бо якдигар хуб муомила кардан, дигаронро ҳурмат намудан, дар рӯйи замин дар сулҳу осоиш зиндагӣ карданро меомӯзад. Дин ба ҳаёти иҷтимоӣ, этникӣ ва маънавии эътиқодмандон таъсир мерасонад. Ин дар роҳнамун шудани мардумони дунё ба маданият, адабиёт, санъат намоён мешавад.

Функсияи дин дар тарғиб кардани маданият дар он зоҳир мешавад, ки агар аввал ба инкишофи қабатҳои маълуми маданият – хат, чопи китоб ёрӣ расонида бошад, ҳозир баъзе феноменҳои маданиро рағбатнок карда, баъзеяшро инкор намуда, вазифаҳои ҳифзу афзун намудани арзишҳои маданӣ, аз як авлод ба дигар авлод гузаронидани мероси илмию маънавиро иҷро мекунад.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Маданияти динӣ ғизои рӯҳияти инсон аст. Инсон дар роҳи тараққиёти худ ба динҳои гуногун эътиқод карда омадааст. Ба воситаи қувваҳои илоҳӣ аз табиат ёрӣ пурсидааст. Динҳои дар ҷаҳон бештар паҳншуда сето: буддой, насронӣ ва ислом.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ба санъати меъмории ибодатхонаҳои зерин, ки дар асрҳои XX—XXI сохта шудаанд, эътибор диҳед ва дар бораи таъсири дин ба маданият ва инкишофи он маълумот диҳед.
2. Дар бораи ба ҳаёти маънавии эътиқодмандон, ба тарзи ҳаёти ичтимоии онҳо чӣ гуна даромада омадааст, маълумот диҳед.
3. Фикратонро бо вазифаҳои дин оид ба ҳифзу зиёд кардани арзишҳои фарҳангӣ, аз як авлод ба авлоди дигар мерос гузоштани арзишҳои илмию маънавӣ вобаста намуда, фаҳмонед.










## ПОЙТАХТҲОИ МАДАНИЯТИ ИСЛОМӢ

Аз соли 2005 сар карда ташкилоти байналмилалии исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, фан ва маданият (ISESCO)-и Ташкилоти ҳамкории исломӣ (ТҲИ) ҳар сол шаҳрҳои кишварҳои аъзои ташкилотро аз мамлакатҳои Осиё, Африка ва Араб “Пойтахти маданияти исломӣ” эълон менамоянд. Мақсади аз тарафи ISESCO эълон шудани шаҳрҳои муайяни дунёи мусулмонӣ пойтахти маданияти исломӣ инкишоф додани алоқаҳои мадании байни кишварҳои исломӣ, омӯхтани мероси илмию маърифӣ, таърихию

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Масҷиди “Масҷидул Ҳаром”-и шаҳри Макка, “Масҷидун Набавӣ”-и шаҳри Мадина ва “Масҷидул Ақсо”-и Қуддус масҷидҳои асосии исломӣ ба шумор меравaнд.

## ПОЙТАХТҲОИ МАДАНИЯТИ ИСЛОМ



*Ҳалаб*



*Алмати*



*Бишкек*



*Фэс*

меъмории оид ба фарҳанги исломӣ, онҳоро эҳё ва тарғиб намудан, пурзӯркунии мулоқоти байни динҳо ва байни тамаддунҳо, дастгирӣ ва рағбатнок кардани сайъю ҳаракати кишварҳои гуногун дар ин роҳ мебошад.

ISESCO дар масъалаи Пойтахти маданияти исломӣ эълон кардани шаҳрҳо ба:

- ёдгориҳои қадимии исломӣ ва бидаҳои маъморӣ;
- асарҳои илмию фарҳангие, ки ба фарҳанги исломӣ саҳм мегузаранд;
- марказҳои илмии тадқиқотӣ, марказҳои дастнависҳо ва марказҳои бостоншиносӣ;
- фестивалҳои аз тарафи муассисаҳои маданӣ гузаронидашуда, тадбирҳои маданӣ, китобҳо, расмҳо, корҳои матбаа:
- ба мавҷуд будани маълумотҳо тибқи талабҳои зикршуда оид ба таърихи шаҳр асос менамояд.

Агар соли 2005 Маккаи Мукаррама аз тарафи ISESCO пойтахти маданияти исломӣ эълон шуда бошад, то соли 2018 43 давлат мақоми пойтахти маданияти исломиро гирифт. Дар байни онҳо Исфаҳон (Эрон), Ҳалаб (Сурия), Тимбукту (Мали), Тошканд (Ӯзбекистон), Триполи (Либия), Фэс (Марокаш), Дакар (Сенегал), Алмаато (Қазоқистон), Душанбе (Тоҷикистон), Бишкек (Қирғизистон), Ғазна (Афғонистон) барин шаҳрҳо низ ҳастанд.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ба шарофати сайъю кӯшиши мусулмонон дар дунё ба донишгоҳи комил асос гузошта шуд. Дар Тунис донишгоҳи “Зайтуна” дар соли 732, дар Бағдод “Байт-ул-ҳикма” соли 829, дар Фэс (Марокаш) “Қаровиюн” дар соли 859, дар Қоҳира “Ал-Азҳар” соли 970, дар Хоразм Академияи Маъмун дар соли 1004 ташкил карда шудааст. Аксарияти ин даргоҳҳои илми олами мусулмонӣ беш аз ҳазор сол фаъолият нишон додаанд.

## ДОНИШГОҲҲОИ АВВАЛИНИ ДУНЁ



*Донишгоҳи Зайтуна*



*Донишгоҳи Ал-Азҳар*



*Донишгоҳи Қаровиюн*



*Академияи Байт-ул-ҳикма*




*Академияи Маъмун*

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Тотбалий (Туделский), ки соли 1173 вафот кардааст, дар бораи дар Искандария мавҷуд будани 20 то мадраса, дар шаҳрҳои азим, ба мисли Бағдод, Қоҳира, Кордова ва монанди инҳо сохта шудани озмоишгоҳҳо (лаборатория), расадхонаҳо ва оид ба фароҳам будани тамоми шароити корҳои илмии тадқиқотӣ, бунёд шудани китобхонаҳои дорои китобҳои зиёди назди “ҷомеа” — донишгоҳҳо маълумот додааст.

# ТОШКАНД—ПОЙТАХТИ МАДАНИЯТИ ИСЛОМӢ

Тошканд аз қадимулайём маркази илму фарҳанг будааст. Дар асрҳои миёна дар ин шаҳр аз хусуси фаъолияти илмии беш аз 100 нафар олимон маълумот мавҷуд аст. Аз ҷумла, номҳои Абӯбакр Қаффол Шошӣ (904—976), ки бо номи Ҳазрати Имом машҳур аст, Абӯсаид Ҳайсам ибни Кулайб Шошӣ (ваф. 947), ки ҳамчун муҳаддиси боэътимод ном баровардааст ва Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад Шошӣ (1038-1114), ки ба номҳои Фахрулислом, Ал-Имом ал-Кабир сазовор шудааст, алоҳида қайд кардан мумкин аст.

Ҳамзамонон ӯро "Ҳазрати Имом" гуфта ба забон мегирифтанд. Номи пуррааш Абӯбакр Муҳаммамд ибни Алӣ ибни Исмоил Қаффол Шошӣ буда, барои эҳтироми хосса нисбати вай дар сарчашмаҳои арабӣ калимаи "Кабир", яъне "Бузург"-ро илова кардаанд.

Маҳаллаи Ҳастимом, ки бо номи Имом Қаффол Шошӣ машҳур гашта буд, дар замонааш ҳамчун маркази динӣ, илмӣ, маънавию маърифии Тошканд шӯҳрат ёфта буд. Мутаассифона, дар натиҷаи муносибати атеистонаи шӯроҳо ба қадамҷо ва зиёратгоҳҳои аҷдодон ин гуна масканҳо аз эътибор дур монда буд.

Дар солҳои истиқлол барои чоп кардани адабиёти илмию маънавӣ, динию маърифӣ имкониятҳои бузург ба вуҷуд омаданд. Айнан дар Тош-



*Масҷиди Минор*



*Маҷмӯаи Ҳазрати Имом (Ҳастимом)*

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Дар асоси донишҳои аз илми таърих андӯхтаатон дар бораи таърихи он шаҳрҳое, ки номи пойтахти маданияти исломӣ гирифтаанд, маълумот диҳед. Зимнан аз талабҳои ISESCO оид ба эълон кардани шаҳрҳо ҳамчун пойтахти маданияти исломӣ истифода баред.

канд Қуръони карим ва ҳадисҳои шариф, инчунин асарҳои алломаҳо, ки ба мероси маънавии исломӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд, ба забони ӯзбекӣ нашр шуданд. Ҳоло дар яке аз гӯшаҳои кӯҳнаи пойтахтамон, маҷмӯаи Ҳазрати Имом (Ҳастимом), ки вобаста бо номи Қаффол Шошӣ буда, дар паҳлӯи Идораи мусулмонони Ӯзбекистон ҷойгир аст, сол аз сол обод шуда, ба яке аз масканҳои таърихии ба файзи Эски шаҳар (Шаҳри кӯҳна) файздода табдил ёфтааст.

Ин корҳои бузург, ки бевосита ба ҷиҳатҳои гуногуни дин ва маънавияти ислом бахшида шуда, амалӣ гардидаанд, маҳсули сиёсати донишмандона ва халқпарварона дар заминаи иқтидори бузург мебошанд.

Пойтахти маданияти исломӣ эълон шудани пойтахти кишварамон—шаҳри Тошканд эътирофи аҳамияти оламшумули корҳои азим дар мамлакат барои эҳё намудан ва инкишоф додани фарҳанг ва арзишҳои исломӣ мебошад.



*Масҷиди Имом Тирмизӣ*



*Мадрасаи Бароқхон*

## ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

Мақсади асосии фаъолияти Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон дар ҳузури Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон дар асоси илмӣ ҳамаҷониба, чуқур омӯхтани мероси ғанӣ ва ноёби вобаста бо дини ислом, бедор кардани тасаввур



*Масҷиди Хоҷа Аҳрори Валӣ*



Таҷрибаи мо собит мекунад, ки пеш аз ҳама омӯзонидани илму маърифат ба ҷавонон, ба онҳо расонидани моҳияти инсонпарваронаи дини ислом, арзишҳои аслии тамаддуни исломӣ воситаи аз ҳамаи самарабахши муборизаи зидди экстремизм аст.

Дар ин бобат мо барои ташкил кардани Маркази илмию тадқиқотии байналмилалии Имом Бухорӣ дар Самарқанд ва Маркази тамаддуни исломӣ дар Тошканд қарор кардем.

***Шавкат Мирзиёев***

нек оид ба ҳаёт ва фаъолияти илмию эҷодии аллома ва мутафаккирони бузург аз диёрамон баромадаанд, бо онҳо шинос кардани халқамон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба роҳ мондани гуфтугӯйи байни динҳо ва байни тамаддунҳо дар сатҳи дунё, талқини моҳияти инсонпарваронаи дини ислом, муборизаи зидди ҷаҳолат бо роҳи маърифат, тарбия кардани насли ҷавон дар рӯҳи ифтихори миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии марказ зеринанд:

- таҳия ва ба амал баровардани консепсияи илмию таърихие, ки дар он қисми ҷудонопазири тамаддуни ҷаҳонӣ будани мамлакатамон дар давоми асрҳо, яке аз марказҳои тамаддуни исломӣ будани он инъикос ёфтааст;
- фондҳои китобхона ва архив, дастнависҳоро бо дастнависҳо ва китобҳои чопи сангӣ, далелу ҳуҷҷатҳои таърихӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ, осори нодир дар ватанамон ва кишварҳои хориҷӣ ҳифз шудаанд, аз ҷумла корҳои илмию тадқиқотии замонавии оиди ҳамин мавзӯъ, китобу бозёфтҳо, видео ва фотоҳуҷҷатҳо оид ба аллома ва мутафаккирони бузург, азизу авлиёҳои аз замини ҳозираи Ӯзбекистон баромада, доир ба мактабҳои илмӣ ва динии асосгузоштаи онҳо пур кардан;
- экспозитсияи музейи дар таркиби марказбударо аз рӯйи мавзӯъҳо дар асоси барномаи аниқи илмии чуқур андешидашуда ташкил додан ва онро дар асоси технологияҳои замонавитарини ахбороту коммуникатсия намоиш додан;

- мероси беназири алломаҳое, ки ба инкишофи дини ислом ҳиссаи бузург гузоштаанд, аз қабили ҳамватанони бузургамон — Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Абӯмансур Мотуридӣ, Абӯмуин Насафӣ, Қаффоли Шошӣ, Абдухолиқ Ғиждувонӣ, Наҷмиддин Кубро, Бурҳониддин Марғинонӣ, Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷа Аҳрори Валӣ дар асоси илмӣ чуқур тадқиқ карда, ҷасорати илмию маърифӣ, фазилатҳои бузурги инсониашонро васеъ тарғиб кардан;
- мақом ва аҳамияти мероси таърихию замонавии олим ва мутафаккироне, ки дар таърихи илми ҷаҳонӣ мероси безавол гузошта, ба инкишофи тамаддун ҳиссаи бузург гузоштаанд, аз ҷумлаи Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абӯнаср Форобӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Муҳаммад Замахшарӣ, Мирзо Улуғбек, Алӣ Қушчӣ ва монанди инҳоро, моҳияти инсонпарварии эҷоди намояндагони адабиёт ва санъати классикӣ аз қабили Алишери Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Камолиддин Беҳзод, Маҳмуд Музаҳҳибро ҳамаҷониба талқин кардан;
- ба амал баровардани тадқиқотҳои илмие, ки мавзӯи одамон, миллату халқҳои гуногунро ба ҳаёти пурнур, некӣ, дӯстии байниҳамдигарӣ ва инсонгарӣ

Инсонҳои далер аз корҳои оянда наметарсанд. Шахсе, ки аз зуҳури камолот дар канор аст, инсони аз ҳама тарсӯ аст.

***Абӯалӣ ибни Сино***




"Хизмати тамаддуни исломӣ ба тараққиёти ҳамаи соҳаҳои Европа беқиёс аст ва асарҳое дорад, ки ба инкишофи Европа таъсири бузург расондааст...На фақат илмҳои табиатшиносии ба Европа ҳаёт бахшида, балки тамаддуни исломӣ баробари бори нахуст ба Европа нурашро фиристодан, ҳамаҷониба таъсири худро расонида буд".

***Роберт Бриффаулт, аз китоби "Офаридани башарият" ("The Making of Humanity")***

даъват кардани ислом, ба таҳлили муфассали мазмуни аслӣ ва инсонпарваронаи он бахшидашуда, гузаронидани анҷуманҳо ва тадбирҳои маърифӣ, ки аҳли ҷаҳонро ба роҳи як мақсад — ба воситаи маърифат бар зидди ҷаҳолат муттаҳид шуданро даъват менамоянд;

- таърих ва маданияти қадимии Ўзбекистон, анъанаҳои давлатдорӣ, тарзи зист ва ҷаҳонбинии халқамон дар алоқамандӣ ба тамаддуни исломӣ ташаккул ва ривоҷ ёфтаашро ба воситаи ба шаҳрҳои бостониамон Самарқанд, Бухоро, Хива, Тошканд, Кеш, Насаф, Тирмиз, Андиҷон, Марғилон, Кармана, Қўқанд, поси хотири алломаҳо ва азизу авлиёҳо маҷмўаҳои ёдгорӣ бунёд кардан, макетҳои қадамҷойҳои муқаддас, тавассути инъикос кардани симоҳои бузург, дастнависҳои ноёб ва асарҳои чопи сангӣ, мероси моддию номоддӣ, хусусан, экспонатҳои ноёбе, мисли намунаҳои “Шашмақом”, дар ин самтҳо тадқиқотҳои илмӣ бурда, дар асоси натиҷаҳои онҳо тайёр намудани қомусҳо, феҳрист ва албомҳо, маҷмўаҳои илмию оммавӣ, барномаҳои телевизионӣ, филм ва дигар материалҳо;
- дар марказ бо васеъ ҷалб кардани мутахассисони маҳаллӣ ва хориҷӣ ба роҳ мондани корҳои илмию тадқиқотӣ ва аз натиҷаҳои онҳо аҳли ҷомеаи диёрамон ва ҷаҳонро воқиф кардан;

Мо аз олимон дин ва маданияти исломро омўхтем. Ин илмҳо асоси тамаддуни исломиро ташкил мекунанд. Самарқанд, Бухоро, Тошканд диёри шахсони бузурганд. Онҳо тамоми тавоноии худро барои аз бар кардан ва паҳн намудани илм сарф кардаанд... Онҳо илмҳои муфид ва манфиатбахшро бо ихлос паҳн намудаанд...

***Сардиректори ISESCO Абдулазиз бин Усмон ат-Тувайҷирӣ***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон дар назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон бар асоси қарори ҚП-3080-уми Президентамон аз 23 июни соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои ташкил кардани Маркази маданияти исломии Ўзбекистон дар назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон” ташкил карда шуд.

- ба воситаи ташкил кардани павилонҳои маълумотҳои бузургмиқёс оид ба инкишофи илму фан, фарҳанг ва санъат, меъморӣ дар даври Ренессанси ислом, ки ба ташаккули Ренессанси Европа таъсири зӯр расондааст, экспозитсияҳои дар Марказ намоиш додашавандаро бо экспонат ва сарчашмаҳои намоишии оид ба давраҳои мазкур ғанӣ намудан;
- дурдонаҳои илм, маданият ва меъмории ҳосилаи даври Амир Темур, ки дар таърихи ҷаҳон бо номи “Ренессанси Амир Темур ва темуриён” алоҳида ҷой дорад, на фақат ҳамчун даври тараққиёт ва болоравии маданияти исломӣ дар кишварамон, балки тамоми олами мусулмон намоиш додан;
- бо мақсади самаранок ба роҳ мондани мулоқоти байни динҳо ва тамаддунҳо, ки ҳоло аҳамияти калон пайдо кардааст, нуфузи ҷаҳонии Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон аз барқарор кардани ҳамкориҳои наздики байналмилалӣ бо муассиса ва сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ташкилоти байналмилалии UNESCO, ISESCO иборат аст.



Инсони дорои фазилатҳои хуши ахлоқӣ аз ҳар гуна дурри қимматбаҳо пурарзиштар аст.

***Юсуф Хос Ҳоҷиб***



Осиёи Марказӣ минтақаест, ки аҳолиаш аз ҳама “ҷавон” аст. Дар ин ҷо қариб 60 фоизи аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ин рақам аз нишондиҳандаи миёнаи дунёвӣ хеле баланд аст. Айнан барои ин мақсад Ўзбекистон дар сессияи ба қарибӣ дар Ню-Йорк баргузоршудаи Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси таҳия намудани Конвенсияи байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои ҷавонон ва қабул кардани резолютсияи (қарори) махсус бо номи “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ” баромад.

***Шавкат Мирзиёев***



*Самарқанд.*
*Мирзо Улуғбек бо олимон*

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Намояндани палатаи лордҳои Парламенти Британияи Кабир лорд Шайх Муҳаммад Илтаф:

*«Агар ҳозир Улуғбек зинда мебуд, ӯзбекҳо аввалин шуда ба моҳ сафар мекарданд. Агар Ал-Хоразмӣ намебуд, технологияҳои замонавӣ ҳам намешуд. Дар асоси асарҳои Ибни Сино ҳоло тиббиёти Европа омӯзонида мешавад. Мо бар зидди радикализатсия бояд бо воситаи маданияти Ӯзбекистон мубориза барем. Шумоён ҳадисҳои Имом Бухориро ба забони англисӣ тарҷума ва шарҳ карда диҳед. Мо бо ин китобҳо бар зидди ҷаҳолат мубориза мебарем».*

***1-уми март, соли 2018, Лондон. Аз мулоқоти рӯшанфикрон, намояндагони соҳаи дини Ӯзбекистон ва Британияи Кабир.***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дин ба инкишофи маданият чӣ гуна ҳисса мегузорад?
2. Чаро Тошканд пойтахти маданияти исломӣ эълон шуд?
3. Дар бораи Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон дар назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон маълумот диҳед.
4. Дин ба инкишофи хат, чопи китоб, санъат чӣ гуна ҳисса гузоштааст?
5. ISESCO аз пойтахти маданияти исломӣ эълон кардани шаҳрҳои муайяни дунёи мусулмонӣ чӣ мақсадро дар назар дорад?

# § 18–19 АНЪАНА ВА МАРОСИМҲОИ ДИНӢ ДАР АСРҲОИ XX—XXI

## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Мазмун ва моҳияти мафҳуми “маросим”.
2. Ҷараёнҳои трансформатсияи маросимҳои миллӣ ва динӣ.
3. Арзишҳои (қадриятҳои) миллӣ ва анъанаҳои динӣ.

## МАЗМУНУ МОҲИЯТИ МАФҲУМИ “МАРОСИМ”

Ҳар як халқ урфу одат, анъана ва маросимҳои ба худ хос дорад. Онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Яке фоидабахш, дигаре мутлақо зарарнок. Урфу одат ба ҳаёти одамон дохил шуда, ба як маъно ҳаракате, ки дар муддати маълум такрор мешаванд, қоидаҳои хулқу атвор, ки аз тарафи аксарият қабул шудаанд.

Мафҳуми “одат” дар зери таъсири шароити муайян пайдо шуда, дар феълу атвори одамон мустаҳкам гардида, ҳаракате мебошад, ки баъдтар худ аз худ, беихтиёр ичро мешавад. Маросим тадбирест, ки барои қайд намудани воқеаи муҳими ҳаёти инсон ташкил шуда, дар вазъияти расмӣ ва рӯҳафзоӣ гузаронида шуда, дар доираи тартибу қоидаҳои умум қабулшуда сурат мегирад.

Одамон ба шодию ташвиши касе шарик мешаванд, барои оянда ниятҳои нек мекунанд. Ҳар як маросим

Ҳар паранда
аз овози худаш
шод мешавад.

***Ҳикмати халқ***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Дар оилаи шумо чӣ гуна урфу одат ҳаст?
2. Кадом одат ва анъанаҳои халқамон ба сифати арзиш ба дараҷаи қонун баромадааст?

низоми умум қабулкардаи ба худ хос (оғоз, миёна ва охир) дорад. Дар чараёни қайд кардани воқеаи муҳим дар ҳаёти инсон ҳам анъана, ҳам одат, ҳам маросим таҷассум меёбад. Анъана, одат ва маросим ҳар кадоме бевосита ҳодисаҳои ба якдигар алоқаманд мебошанд.

Аз ин сабаб одат қисми таркибии анъанаҳо, маросим бошад, қисми таркибии одат шуданаш мумкин. Дар баъзе ҳолатҳо мафҳумҳои "анъана", одат" ва "маросим" алоҳида истифода шавад, онҳо маънои мавҳумро ифода карданашон мумкин. Дар ин ҳолатҳо ба онҳо суханҳои муайянкунанда истифода мегарданд, масалан, "Ҷашни анъанавӣ", " фестивали анъанавӣ", "базми анъанавӣ", "маросими мукофот додан", "маросими тӯй", "маросими гусел кардан ба нафақа" кор фармуда мешавад.

## ҶАРАЁНҲОИ ТРАНСФОРМАТСИЯ ШУДАНИ МАРОСИМҲОИ МИЛЛӢ ВА ДИНӢ

Урфу одате, ки ба талаби тараққиёт, замона ҷавоб медиҳад, боз ҳам пурзӯр шуда, тибқи замона инкишоф ёфта меравад. Маросимҳои оилавии халқи ӯзбек ҳам дар асоси зарурати таърихӣ ба вуҷуд омадааст ва аз озмоиши замон гузашта, ҳамчун арзиши муҳими маънавӣ равнақ ёфтаанд.

Дар асри XX ба ҳаёти мо урфу одат ва анъанаҳои нав даромада омаданд. Масалан, ҳангоми таваллу-

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

Калимаи "маросим" маънои тадбири калонеро, ки бо иштироки ҷамоаи одамон гузаронида мешавад, ифода мекунад. Баробари пайдоиши урфу одатҳои оилавӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин сабаб баробари дигаршавии оила он ҳам тағйир ёфта, ривоҷ кардааст.

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Мафҳумҳои "ном гузоштан", "аз никоҳ гузаштан", "дафн кардан", "ба хотир овардан" ҷӣ гуна тадбирҳоро дар худ ифода намудаанд.



*Одати изҳори ҳамдарӣ дар яке аз қабилаҳои Африка*



*Ҳашар дар қабристон, ки дар фаслҳои баҳору тирамоҳ дар диёрамон гузаронида мешавад*

ди кӯдак ба падару модарон супурдани гувоҳнома ё супурдани паспорт ба ҷавонони ба камол расида, дар вазъияти ботантана ба хатмкардагони муассисаи таълим тақдим кардани диплом ва шаҳодатномаҳо, онҳоро ба ҷамоаи меҳнатӣ қабул кардан, ба нафақа ботантана гусел кардан ва монанди инҳо. Ҳоло онҳо ба тадбирҳои анъанавӣ табдил ёфтаанд.

*Маросимҳои ибодат дар динҳои ҷаҳон ва миллӣ*



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Матни зеринро хонед.
2. Боз кадом тадбирҳои оилавӣ, маросимҳо ва анъанаҳо, урфу одатҳоро медонед?
3. Тадбирҳои оилавӣ, маросимҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳо ба кадом мақсад гузаронида мешаванд?
4. Дар бораи тадбирҳо, маросимҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳои ба халқамон хосбуда маълумот диҳед.

*Аз он вақте, ки Фарҳод ба кор даромад, як моҳ гузашт. Маоши аввалинашро гирифту ба падараш оварда дод. Падараш дуо карда гуфт: “Калони оила бобоят, ба он кас бидеҳ, ин одати ба оилаи мо хос”. Он рӯз ҳангоме, ки дар гирди дастархони шом аъзоёни оила ҷамъ омаданд. Бобои Фарҳод набераашро бо гирифтани музди кори ҳалолаш табрик карда, дуо намуд. Ба муносибати ин воқеаи муҳим падари Фарҳод дастархон густурд.*



*Ҷашни Наврӯз дар Сурхондарё.*



*Ҷашни соли нав дар Ҳиндустон.*



*Ҷашни халқи тотор “Сабантӯй”.*



*Ҷашни масленитса дар Тошканд.*

Бо мурури замон ба анъана ва маросимҳои миллӣ табдилёбии урфу одат, анъана ва маросимҳо трансформатсия номида мешавад. Масалан, вақте, ки дини насронӣ ба ҳаёти халқҳои Европа даромада омад, маросимҳои ин дин ба урфу одат ва маросимҳои миллии ин халқҳо табдил ёфтанд. Дар байни насрониҳо ҷашни Рождество, ҷашни Холи дар ҳиндуҳо, дар корейсҳо вобаста ба урфу одатҳои шаманизм мавҷуд аст.

Дар Ӯзбекистон институти оила, ки дар ҳамаи динҳо муқаддас дониста мешавад, ба сифати арзиши миллӣ дар Қонуни Асосӣ дароварда шудааст ва ба анъана табдил ёфтааст.

Дар адо намудани маросимҳои динӣ коҳинҳо, баъдтар рӯҳониён сарварӣ карданд. Онҳо маросимҳои худро оҳиста-оҳиста ба талаби дини муайян, хусусият, ақида ва эҳтиёҷи он мутобиқ гардониданд.

Дар дини насронӣ “Ҳафт маросими асроромез”, тамъид, нон ва шароб чашидан, рӯғани миро молидан, тавбаю тазаррӯъ, маросими молидани елей (рӯғани зайтуни муқаддас), тақдими унвони рӯҳонӣ, маросимҳои никоҳ мавҷуд аст. Рождество ва Пасха дар дини насронӣ ҷашнҳои аз ҳама асосӣ ба ҳисоб меравand.

Дар дини ислом ақиқа, амри маъруф, хатна, рӯза гирифтан ва иди Рамазон иди қурбон, ҳаҷ, ҷаноза, никоҳ ва дигар маросимҳо ҳастанд.

Дар дини яҳудӣ ибодат, рӯзи шанберо муқаддас донистан, маросимҳои таваллуд, ба балоғат расидан, никоҳ ва дафн мавқеи алоҳида дорад.

## АРЗИШҲОИ (ҚАДРИЯТҲОИ) МИЛЛӢ ВА АНЪАНАҲОИ ДИНӢ

Дар Ўзбекистон озодона гузаронидани маросимҳои динӣ таъмин шудааст. Аммо зимни он бояд қонунҳо, тартиботи ҷамъиятӣ вайрон нашаванд, ба ҳуқуқи шахс ва шаҳрвандон набояд дахл кунад. Маросимҳои динӣ дар масҷид ва ибодатхонаҳо, дар муассисаҳои ташкилотҳои динӣ, дар зиёратгоҳҳо, қабристонҳо, дар хонаводаҳо ва маҳалли зисти онҳо гузаронида мешаванд. Ғайр аз ҷойҳои муқарраршуда дар ҳолатҳои гузаронидани маросимҳои динӣ ё ибодатҳои оммавӣ аз ин хусус бояд ҳокимияти маҳаллӣ огоҳ карда шавад ва ин гуна тадбирҳо дар ҳолати риояи қатъии тартиб бояд ташкил карда шаванд.

Истилоҳи “қадрият” ба забони ўзбекӣ аз қалимаи “қадр”-и арабӣ пайдо шуда дохил гардид, имрӯз он ба маънои арзиш, яъне барои ифодаи аҳамияти калон доштани ягон чиз ва ҳодиса дар байни одамон, дар муносибатҳои байни ҳамдигарии онҳо истифода мешавад.

Наврӯз аз шаш рӯзе, ки худо махлуқотро офаридааст, якуминаш аст. Офтоб ва моҳ мисли он, ки ду чашми фалак бошад, Наврӯз ва Меҳргон ду чашми замон аст.

***Абӯрайҳон Берунӣ, “Осор-ул-боқия”***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед ва аз он иборахои “дўстии ҳазорсола ва риштаҳои неки ҳамсоягӣ”-ро бо мавзӯъ вобаста карда фаҳмонед.

*“Халқҳои минтақаи моро дӯстии ҳазорсола ва риштаҳои неки ҳамсоягӣ ба ҳам пайвастаанд. Моро таърих, дин, маданият ва анъанаҳои умумӣ муттаҳид менамояд”.*

***Аз нутқи Шавкат Мирзиёев дар конфронси байналмилалие, ки 11 ноябри соли 2017 дар шаҳри Самарқанд дар мавзўйи “Осиёи Марказиро таърих, дин, маданият ва анъанаҳои умумӣ муттаҳид мекунад” баргузор шуда буд.***

Баъди вафоти инсон ғайр аз се амали он дигар ҳамаи амалҳояш қатъ меёбад:
-фарзанди солеҳе, ки дар ҳаққи вай дуо мекунад;
-садақаи ҷория (роҳҳои сохтааш, дарахтҳои парваришнамудааш ва ҳоказо);
-илме, ки ба одамон фоидааш мерасад.

"Ҷашн" маънои ид, "Ҷамъомади калон", "сур"-ро дорад. Яъне ботантана қайд кардани ягон воқеа аст. Тадбирҳои ба таври мерос аз авлод ба авлод гузашта қайдшаванда ҷашни анъанавӣ ном гирифтааст (масалан, ҷашни Наврӯз). Ин гуна ҷашнҳо бо ҳаёти иҷтимоии ҳозира, тарзи зисти ягон халқ ё миллат бевосита вобаста намешавад.

Дар ҷашни динӣ маросимҳои дар арконҳои ҳар як дин муқарраршуда қайд мегарданд. Дар Қуръони карим ва ҳадисҳои шариф оид ба маросим ва ҷашнҳои динӣ (масалан, Иди рамазон ва Иди қурбон) маълумоти зиёд оварда шудааст.

Дар ҳамаи динҳо вобаста бо вафоти инсон маросимҳо вуҷуд доранд. Дар ин маросимҳо аъзоёни баъзе динҳо либоси махсус мепӯшанд.

Дар дини ислом вобаста бо маросими мотам пӯшидани либоси махсус вуҷуд надорад. Лекин дар баъзе халқҳои мусулмон вобаста ба урфу одатҳояшон либос мепӯшанд. Яке аз одатҳои неке, ки дар дини ислом ба назар мерасад, дар хонадони мусибатдида барои ба исрофгарӣ роҳ надодан ҳамсоягон дарҳол хӯрок тайёр намуда мебароранд. Ин ҳолатест, ки ба одат табдил ёфтааст.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Дар дини ислом азо (мотам) се рӯз муқаррар шудааст. Муддати азои зани шавҳараш вафоткарда дар Қуръони карим чор моҳу даҳ рӯз маълум аст. Дар ин муддат зан бо либос худро зеб намедиҳад, аз чизҳои хушбӯй истифода намебарад, пардоз намекунад, дар байни "идда" ба шавҳар намебарояд ва барои ин ҳаракат ҳам намекунад. Ранги либоси вай аҳамият надорад, фақат оддӣ ва хоксорона будан тавсия мешавад. Ҳафт, бист, чил, оши сол, либоси сиёҳ пӯшидан, хусусан, овоз баровардa гиристани занон, то як сол тӯй, хурсандӣ накардан барин корҳои бидъат ба шариати исломӣ алоқа надоранд.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Дар расмҳои зерин кадом арзишҳо (қадриятҳо) инъикос шудаанд?
2. Шумо дар кадоме аз ин арзишҳо иштирок кардаед?
3. Ҳифзу ҳимоя ва аз авлод ба авлод гузаштани ин арзишҳо заруранд? Агар зарур бошанд, дар ин бобат чӣ гуна корҳоро амалӣ намудан лозим?








## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Маросимҳо дар ҳаёти инсон чӣ гуна аҳамият доранд?
2. Анъана, одат ва маросимҳо байни якдигар вобастаанд? Фикратонро асоснок кунед.
3. Чаро институти оиларо ҳамчун арзиши миллӣ эътироф мекунем?
4. Вақте, ки “Оила—даргоҳи муқаддас” мегӯем, чиро мефаҳмед?
5. Вақте, ки “Арзишҳои умумиинсонӣ” мегӯем, чиро мефаҳмем?

# § 20-21 ШАБАКАИ ЗАМОНАВИИ АХБОРОТ ВА ОМИЛИ ДИН

**ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Дин ва кинематография. Дин ва адабиёти бадеӣ.
2. Мессенҷерҳои виртуал ва аз онҳо истифода бурдани равияҳои гуногуни экстремистӣ.
3. Ҳаракатҳо оид ба пешгирӣ намудани хуруҷҳои ахборотӣ дар Ӯзбекистон.

Ахборот маҷмӯйи ҳамаи сигналҳое, ки инсон онҳоро ба воситаи органҳои ҳисаш қабул мекунад.







## ДИН ВА КИНЕМАТОГРАФИЯ. ДИН ВА АДАБИЁТИ БАДЕӢ

Аз вақти аз хоб бедор шуда то ҳангоми хоб рафтан ҳамаи чизҳои моро иҳота карда, дар бораи худашон маълумот дода меистанд. Имрӯз аз бисёрии маълумотҳо, ахбороти нозарур хотираамон беш аз пеш хаста мешавад.

Маълумотҳе, ки аз тариқи шабакаҳои ахборот, монанди радио, телевидение, телефон, интернет пахш мешаванд, гуногун мебошанд. Дар байни онҳо матн, сурат, видео, маҷмӯйи аломатҳои гуногун ва дигарон мавҷуданд. Кинематография имрӯз ба яке аз усули интенсивии пахши маълумот табдил ёфтааст. Кино на фақат вазифаи маълумот расонидан, балки ба воситаи тарбия, ташаккул додани мафкура, ҷаҳонбинӣ ва эътиқод гаштааст.

Дар ватанамон дар солҳои истиқлол барои тарбияи насли ҷавон дар рӯҳи фазилатҳои олии инсонӣ бисёр филмҳо офарида шуданд. Онҳо асосан ба ҳаёти алломаҳо, аҷдодони мо, фаъолияти илмӣ, мероси фикрию маърифиашон ва онҳоро ба халқамон расо-

нидан, ба қаҳрамониҳои замонамон баҳри ҳимояи Ватан, халқ, ҳимояи арзишҳои инсон бахшида шудаанд. Бинандагони ин кинофилмҳо аз онҳо баробари завқи эстетикӣ, илму маърифат, барои корҳои хайр ҳисси шуҷоат ва ғайрат мегиранд. Аммо чуноне, ки мегӯянд, “биринҷ бе курмак намешавад”. На ҳамаи филмҳо ба паҳн кардани илму маърифат, ҳидоят ба корҳои нек, ба тарғиби арзишҳои умумиинсонӣ хизмат мекунанд.

Баръакс баъзе “корчалонҳо” бо мақсади пул ҷамъ кардан ё барои амалӣ намудани ниятҳои муайяна-

> Боз як афзалияти корҳои хайр аз он иборат аст, ки онҳо қалбро рӯҳ бахшида онро боз ҳам ба корҳои нек роҳнамун месозад.
>
> ***Жан Жак Руссо***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

**Ба тасвирҳои зерин бодиққат назар андозед ва ба онҳо муносибат баён кунед.**

1. Фикратонро дар асоси истилоҳҳои “иммунитети мафкуравӣ”, “арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ”, “ахлоқу одоб”, “маданияти оммавӣ” шарҳ диҳед.
2. Ба фикри шумо, тасвирҳои аз қатори дуюм ҷойгирифта ба рӯҳияти инсон, хусусан, наврасон чӣ гуна таъсир мерасонанд?









## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ба тасвирҳои зерин назар андохта, нисбати онҳо муносибат баён кунед. Ҷадвали зеринро пур кунед.

| | |
|---|---|
| Мавзӯйи мултфилмҳо: | |
| Мафҳумҳо ва ғояҳои ба хулқу одоб зид дар онҳо: | |
| Таҳдиҳои мафкуравии зидди арзишҳои миллию динӣ: | |
| Саҳнаҳои ваҳмангез: | |
| Сурудҳои онҳо: | |
| Саҳнаҳое, ки писанди шумо ҳастанд: | |
| Ғояи асосии онҳо: | |
| Ба додаронатон тамошо кардани кадом мултфилмҳоро тавсия медиҳед? | |
| Ба фикри шумо, бо иштироки кадом қаҳрамонҳо мултфилм тайёр кардан мумкин? | |
| Ғояҳои мултфилмҳо бояд ба кадом мақсад хизмат кунанд? | |








шон ба воситаи маҳсулоти гуногуни кинематографӣ ғояҳои ба менталитети халқамон бегонаро паҳн кардан мехоҳанд.

Ҳоло олами кино ва таъсири он ба шуури инсонҳо пурзӯр шуда истодааст. Ҷиҳатҳои мусбии кино ба шуури инсон хеле зиёд аст. Аммо вобаста бо филмҳо, аз “паси парда” як қатор ҷиҳатҳои манфиро низ мушоҳида кардан мумкин. Чунки дар аснои тамошои кино ғайр аз он, ки маънои умумии онро дарк мекунем, гоҳҳо маънои ботинӣ ҳосил кунонидани онро нафаҳмида мемонем.

Аҷибаш ин, ки воқеаю ҳодисаҳо ба шуури тамошобин мисли ҳодисаи воқеан реал таъсир менамояд. Оҳиста-оҳиста, гоҳо давоми воқеаҳо дар кино чунин ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ба тасаввури мо намеғунҷад, воқеаҳо идеалӣ карда нишон дода мешаванд, дар натиҷа бинанда ба воқеияти кино бовар мекунад. Агар филмҳои формати 3D тамошо кунед, ба иштирокчии филм табдил меёбед. Аммо одамоне ҳам ҳастанд, ки аз дастовардҳои техника ба мақсадҳои манфӣ истифода мебаранд. Онҳо барои заҳролуд кардани бачаҳои шуурашон пурра ташаккулнаёфта ҳаракат мекунанд. Масалан, мазмуни асосии баъзе мултфилмҳо дар бораи ба роҳи рост баргаштани инсонҳои бадният ва





Ба ҳар чиз ҳамаҷониба назар дӯз, ҳам фоидаашро, ҳам зарарашро бубин.

Ба фикри дигарон мутеъ нашуда, барои такмили маҳорати худ ҳаракат кун.

***Лев Толстой***



Ва аз мардумон касе ҳаст, ки сухани ӯ дар боби зиндагонии дунё туро ба тааҷҷуб меорад ва Худоро бар он чи дар дили ӯст гувоҳ меорад, ҳол он ки ӯ сахттарини ситезандагон аст. Чун аз назди ту бозгардад, дар замин фасод кунад ва киштзорҳо ва чорпоро нобуд созад ва Худо фасодро дӯст надорад!

***Қуръони карим, оятҳои 204-205-уми сураи Бақара***

пасткаш, худбин бошанд ҳам, зери маънои асосии он тахрибкорӣ, беҳаёӣ, ба роҳи бад осонакак даромадан барин ҷиҳатҳо ниҳон аст. Зиёда аз ин чунин филмҳо ҳам ҳастанд, ки дар бачаҳои онро тамошо карда, ба суитсид моилӣ пурзӯр мегардад. Онҳо хаёлпараст ҳам мешаванд.

Дар охирҳои асри гузашта тамошо кардани филмҳои санъати ҷанги каратэ, кунгфу дар байни ҷавонон ба урф даромад. Дар ин филмҳо баробари намоиши саҳнаҳои ҷозибаноки санъати ҷанг бераҳмӣ, беҳаёӣ, саҳнаҳои зидди урфу одатҳои динию миллиро дар бар мегирифтанд. Ин ҳолат дар воқеаҳои вобаста бо ҷиноятҳои солҳои 1980–1990 баръало намоён гардид.

Ташкилотҳои гуногуни миссионерӣ ҳам ба воситаи кинематография ғояҳои худро бо рангҳои гуногун—ошкоро, бо ишора, пинҳонӣ, бо роҳи гузаронидани таъсири психологӣ ва бо дигар роҳҳо тарғиб менамоянд.

Дар сериалҳои кишварҳои хориҷӣ, ки дар ҳар оила завқ бурда тамошо мекунанд, саҳнаҳое ҳам ҳастанд, ки рӯҳонӣ ба сифати дӯсти оила ҳамаи муаммоҳоро ҳал мекунад, аз ҳамаи сиру асрори оила вай бохабар талқин мешавад. Ё дар филмҳои ҳиндӣ маросими эътиқод ба ягон дин (фил, маймун, гов ё монанди онҳо) намоиш дода, онҳо ба сифати халоскунанда талқин мешаванд.

Дар оқибати он на фақат ҷавонон, балки калонсолон низ айнан ба ин саҳнаҳои ибодат дар ин филҳои баъзан дониставу надониста тақлид мекунанд. Масалан, дар филми ӯзбекии “Фарёд-1” падар барои гирифта рафтани духтараш ба тарафи қудояш ду кафи дасташро бо ҳам часпонда (чун дар киноҳои ҳиндӣ) илтимос мекунад.

Ин гуна одатҳо асосан ба воситаи кинофилмҳо даромада меоянд. Дар замони гузаштаи мустабид



Аз паи он чӣ надонӣ, ки чист, марав, зеро гӯшу чашму дил, ҳамаро ба он бозхост кунанд.

***Қуръони карим, ояти 36-уми сураи Исро***

низ воқеаҳое дар баъзе филмҳои ӯзбекӣ ба саҳна гузошта шудаанд, ки дар онҳо арзишҳои миллиамонро вайрон карда, баъзе эпизодҳо (масалан, дар филми “Ёр-ёр” дар саҳнаи тӯй “горко” гӯён дод заданҳо) зӯракӣ дароварда шудаанд.

Ин ҳолат аз тарафи ҳукумати шӯро барои маҳв сохтани миллат, забон, урфу одат, қиёфаи вай татбиқ карда мешуд.

Ин гуна таҳдидҳои мафкуравӣ имрӯз аз берун ба воситаи филмҳои бадеӣ даромада омаданашро дида истодаем. Ҳомиёне, ки ин гуна филмҳоро бо маблағ таъмин мекунанд, ба воситаи онҳо мақсадҳои бадғаразонаи худро амалӣ намудан мехоҳанд.

Порча-порча куну ҳукм рон! Чӣ гуна беориятист!

Муттаҳид куну роҳнамоӣ намо! Чӣ қадар бойигарии зебо!

***Гёте***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ҳикояи зеринро хонед. Азиз додару хоҳарашро чӣ гуна андармон карданаш мумкин?
2. Ба фаъолияти Азиз баҳо диҳед.
3. Шумо чӣ гуна рафтор мекардед?

*Падару модари Азизро вақти шом ба меҳмонӣ даъват карда буданд. Онҳо ба Азиз таъин карданд, ки ба додару хоҳараш нигоҳ карда, дар вақташ хӯроки шомро хӯронад, мабодо бо компютер банд шуда, ба додару хоҳараш беэътибор нашуданро таъин намуданд. Хоҳари Азиз ҳоло ба синни 4 ҳам надаромадааст. Додараш 6-сола аст. Бачаҳо аз телевизор мултфилмҳоро тамошо карда, “афсонагӯӣ” бозӣ карданӣ шуданд. Хоҳари Азиз ба бародараш “Ман Сафедмоҳ мешавам, чашмамро пӯшида мешинам, шумо аз лаби ман мебӯсид” гӯяд, бародараш “не, ман махлуқ ҳастам, ту Соҳибҷамол мешавӣ, аз лаби ман бӯсида, маро зинда мекунӣ” гуфта, бо ҳамдигар ҷанҷол карданд... Ҷанҷоли онҳоро Азиз наззора карда, дарҳол телевизорро хомӯш намуд. Ба онҳо бо ҷаҳл “ҳеҷ гуна мултфилм нест” гуфт, аммо хоҳарак ва додаракашро бо чӣ банд карданро намедонист...*

## МЕССЕНҶЕРҲОИ ВИРТУАЛ ВА АЗ ОНҲО ИСТИФОДА БУРДАНИ РАВИЯҲОИ ГУНОГУНИ ЭКСТРЕМИСТӢ

Ҳоло замонест, ки зиддияҳои ғоявӣ мураккаб гардида, полигонҳои мафкуравӣ аз полигонҳои ядровӣ боз ҳам пурзӯр шуда истодаанд.

Мо дар замоне зиндагӣ ба сар мебарем, ки беш аз сад каналҳои байналмилалӣ ба воситаи оинаи ҷаҳон ва шабакаи глобалии интернет бо хурӯҷҳои мафкуравӣ ба мо таҳдид менамоянд. Интернет виртуал, лекин ҳодисаи объективӣ аст. Барои дохил шудани он ба ҳаёти мо мамониат гузошта намешавад. Инчунин ба таҳдидҳои мафкуравие, ки ба воситаи мессенҷерҳои виртуалӣ пахш мешаванд, ягон сарҳад гузошта наметавонем. Маълум аст, ки интернет баробари пахши маълумотҳои мусбӣ ахборотеро ҳам пахш менамояд, ки ба хулқу одоби инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Бо мақсадҳои бадғаразона истифода бурдани воситаҳои ахборотро, ба воситаи расонидани таъсири манфӣ ба шуури аҳолиро, кӯшишҳо барои расидан ба ҳукмронии сиёсӣ ва иқтисодиро ҷанги ахборотӣ мегӯянд.

Ҷанги ахборотӣ ба осоиши шахс ва мамлакат таҳдид карда, дар гузаронидани тазйиқ ба онҳо намоён мешавад. Ҷанги ахборотӣ барои манфиати худ сохторҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, этникӣ ва монанди инҳоро фаро гирифта, таъсирашро пинҳонӣ ё ошкоро, мақсаднок мегузаронад.

Масалан, ҷанговарон барои мақсадҳои қабеҳашон аз интернет моҳирона истифода мебаранд. Ҷиноятҳои зидди башарият, ки аз ҷониби гурӯҳҳли вайронгар амалӣ мешаванд, дар воситаҳои ахбори оммавӣ, хусусан ба воситаи интернет бисёр намоиш мегардад.

Террористҳо фаъолияти худро ба воситаи видеофилмҳое, ки бо сифати баланд ва маҳорати касбӣ ба навор гирифта шудаанд, намоиш медиҳанд.

Агар чашм ба чизи ҳаром назар кунад, виҷдонро, қалбро ғаму алам, фикрҳои заҳролуди вайрон харобӣ ва разолатро бармеангезад. Агар кувваҳои шаҳвонӣ ба ҳаракат оянд, одам худаш надониставу ҳис накарда, ба гирдоби ҳалокат, разолат ва фикрҳои вайрон афтода мемонад.

***Муҳаммад Нуруллоҳ Сайдо Ҷазарӣ***

Онҳо ба ин кор мутахассисони соҳибмалака ва пуртаҷрибаро ҷалб менамоянд. Ҳар як видеолавҳае, ки ҷанговарон намоиш медиҳанд, аз якдигараш фарқ мекунад. Ин гуна лавҳаҳо ба аҳли ҷомеаи ҷаҳон чӣ гуна таъсир мерасонад, мушоҳида карда, баъд мувофиқи он ба кор мечаспанд.

Аз ин боис аз шабакаҳои глобал оқилона истифода будан зарур. Барои ин ба маданияти ахборот гирифтан ва пахш намудан ва истифодаи интернет риоя бояд кард. Фақат он вақт ба “доме”, ки дар шабакаи глобал гузошта шудааст, намеафтем.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Ибораи “ҷанги ахборотӣ”-ро бори аввал олими физик Томас Рон истифода бурдааст. Ӯ соли 1976 ба ин масъала эътибори ҳамаи шахсони масъулро ҷалб намуд.

## БАРОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

Дар зер воқеаи ҳаётиро хонед. Ба Интернет вобаста шудан ва аз он оқилона истифода набурдан ба кадои оқибатҳои таассуфангез оварда расониданаш мумкин, муҳокима намоед.

*“Ман ба Москва барои кор кардан рафта будам. Вақтҳои фориғ аз кор ба сайтҳои интернет даромаданро одат кардам... Оҳиста-оҳиста ба гурӯҳҳои гуногун, ки дар шабакаи иҷтимоӣ ташкил шудаанд, аъзо шудам. Ба воситаи ин гурӯҳҳо якчанд нафар дӯстони нав пайдо кардам. Ин “дӯстонам” маро ба аҳкомҳои гуногуни динӣ шинос карданӣ шуданд.*

*Баъдтар ман дар Москва бо якчанд нафар “бародарон”шинос шудам...Имкониятҳои интернетро ба кор андохта, сӯҳбатҳои лагерҳои ҷанговаронро аз ҳудуди Покистон, Афғонистон ва видеолавҳаҳое, ки аз моҷароҳои Сурия ба навор гирифта шуда буданд, тамошо кардам. Намедонам, аз чӣ сабаб ман ба корҳои онҳо бо завқ таваҷҷӯҳ кардам.*

*Ҳангоми аз Москва ба хона баргаштан барои шинос кардани аъзои оила ва дӯстонам ҳамроҳи худ флешкаи иборат аз маърӯзаҳо, видеолавҳаҳои аз интернет сабтшударо гирифтам. Мутаассифона, ман дар хориҷа гашта, аз Интернет маълумоти ҷамъкардаам ҳамааш маълумоти вайронгарона, он чизҳое, ки “бародарон” ба ман фаҳмонида буданд, аз дини ҳақиқии ислом дур, аз чормағзи пуч иборат буданашро дер фаҳмидам”.*

***Аз китоби “Ҳимоя аз таҳдидҳои Интернет” гирифта шудааст.***

## ҲАРАКАТҲО ОИД БА ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ХУРӮҶҲОИ АХБОРОТӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Дар асоси қарори 10-уми Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон аз 20-уми январи соли 2014 “Дар бораи чораву тадбирҳои такмил додани тартиби амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тайёр намудан, даровардан ва паҳни материалҳои дорои мазмуни динӣ” низомҳо “Дар бораи тартиби амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тайёр намудан, даровардан ва паҳни материалҳои дорои мазмуни динӣ дар ҳудуди Республикаи Ўзбекистон” ва “Дар бораи тартиби аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидани материалҳои дорои мазмуни динӣ” тасдиқ гардиданд.

Ин низомҳо дар ҳудуди Республикаи Ўзбекистон тартиби амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тайёр намудан, даровардан ва паҳни материалҳои дорои мазмуни динӣ, тартиби аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидани материалҳои дорои мазмуни диниро, инчунин ҳуқуқу ўҳдадориҳои шахсонеро, ки дар ҳудуди Республикаи Ўзбекистон материалҳои мазмуни динӣ доштаро тайёр кардан, даровардан ва барои паҳн намудан аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидан иштирок мекунанд, муайян менамоянд.

Дар ҳудуди Республикаи Ўзбекистон фаъолият дар бобати тайёр кардани материалҳои мазмуни динӣ дошта, даровардан ва паҳн намудан, инчунин ин гуна материалҳоро аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидан мувофиқи қонунҳои Республикаи Ўзбекистон, қарорҳои палатаҳои Олий Мажлис, санадҳои қонунии Президент, қарорҳои Девони Вазирон ва ин Низомҳо ба амал бароварда мешаванд.

> Вақтатонро беҳуда сарф накунед, зеро ҳар як чизеро убол карда бошед, товонаш ҳам ҳаст.
>
> ***Панди мардумӣ***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Филмҳои ҷанговаронаи замонавӣ бо бетартибиҳо ва ҷиноятҳое, ки дар байни донишомӯзони коллеҷ дар солҳои гузашта содир шуданд, чӣ гуна алоқа буда метавонад?
2. Сужетҳои ин гуна филмҳо ба тарбияи ҷавонон чӣ гуна таъсир расонидашон мумкин?
3. Дар яке аз саҳнаҳои филми ӯзбекӣ ҷавонон бо мақсади бо якдигар ҷанҷол кардан таронаи *“Мард бош, мард бош, ба дӯст дӯст бош...”* –ро мехонанд. Ибораҳои дӯст шудан, мард буданро аз ҷумлаи мазкур бо ҳадиси *“Аз байнатон кӣ пурзӯртарин аст, гӯям? Ӯ онест, ки оташи ғазабашро хомӯш карда метавонад”* ва аз Қуръони карим *“Дар накӯкорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу таҷовуз”* (Сураи Моида, ояти 2-юм) вобаста кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Зери мафҳуми “ахборот” чиро мефаҳмед? Ахборот чӣ гуна ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбиро дорад?

2. Дар мубориза барои шуури инсон нақши ахборот чӣ гуна аст?

3. Ба фикри шумо, инсон маданияти истеъмоли ахборот бояд дошта бошад?

4. Таъсири кинофилмҳо ба ҳаёти инсон чӣ гуна аст?

5. Низомҳои “Дар бораи тартиби амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тайёр намудан, даровардан ва паҳни маводҳои дорои мазмуни динӣ дар ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон” ва “Дар бораи тартиби аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидани маводҳои дорои мазмуни динӣ”, ки дар асоси қарори 10-уми Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон аз 20-уми январи соли 2014 “Дар бораи чораву тадбирҳои такмил додани тартиби амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тайёр намудан, даровардан ва паҳни маводҳои дорои мазмуни динӣ” тасдиқ шудаанд, чӣ гуна ҳаракатҳоро ба тартиб медароранд? Матнҳои ин низомҳоро гирифта, хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

# § 22-23 МАНЗАРАИ КОНФЕССИОНАЛИИ ДУНЁ ДАР АСРҲОИ XX–XXI

**ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Мазмуну моҳияти мафҳуми конфессия.
2. Сабабҳои тағйироти конфессионалии дунё.
3. Манзараи конфессионалии имрӯзаи дунё.
4. Муносибатҳои байниконфессионалии Республикаи Ӯзбекистон.
5. Идораи мусулмонони Ӯзбекистон.

## МАЗМУНУ МОҲИЯТИ МАФҲУМИ КОНФЕССИЯ

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Аз мазмуну моҳияти калимаи “конфессия” баромада, мутахассисон ҳоло дар дунё мавҷуд будани тахминан беш аз 1000 конфессияро баён мекунанд.

Конфессияи динӣ эътиқодест, ки дар доираи таълимоти муайяни динӣ ташаккул ёфта, хусусиятҳои ба худ хос дорад ва ҷамоаест, ки ба ин эътиқод пайравӣ менамоянд. Конфессия истилоҳи умумӣ буда, насронӣ, буддавия барин динҳои калон, дар таркиби онҳо православӣ, католикӣ, ламаизм, дзен-буддизм барин равияҳои пайдошуда ҳам чунин ном гирифтаанд.

Дар дини ислом чунин ҳолат ба назар намерасад. Зеро дар ягон мамлакат, масалан, мазҳаби ҳанафия алоҳида, дигар мазҳабҳо алоҳида ҳамчун конфессия аз рӯйихат намегузаранд. Масалан, дар Ӯзбекистон низ гарчанде якчанд ҷамоаи шиагӣ ҳастанд, онҳо худро конфессияи алоҳидаи динӣ намеҳисобанд.

Глобализатсия баробари том ва яклухт кардани дунё дар оқибати он барои ба дараҷаи миллат ва ҷамъиятҳои алоҳида худро шинохтан ҳаракатҳоро тезонид, барои ин шароит фароҳам овард.

Ин ҷараёнҳо дар навбати худ дарки моҳияти динро, ки қисми ҷудонопазири маънавияти инсон аст, эътибори идрок намудани нақши онро дар ҳаёти инсон ва ҷамъият пурзӯр карда истодааст.

## САБАБҲОИ ТАҒЙИРОТИ КОНФЕССИОНАЛИИ ДУНЁ

Манзараи динии дунё ҳодисаи шахшуда, тағйирнопазир нест. Хусусан, ин манзара сол то сол тағйир ёфтанашро, динҳои мавҷуда аз доираи намуди анъанавиашон берун рафтанашонро ҳам алоҳида бояд таъкид намуд.



Имрӯз дар доираи динҳои мавҷуда пайдошавии равияҳо ва сектаҳои нав давом дорад. Масалан, бино ба маълумоти мутахассисон дар нимаи дуюми асри XX дар доираи динҳои насронӣ, буддоӣ, ислом ва дигар динҳо садҳо сектаҳо пайдо шудаанд. Ин ҳолат давом кардани ин гуна ҷараёнро нишон медиҳад.



*Маросими ибодат дар Лондон*

Воқеияти имрӯз ҷоннок шудани сектаҳои дорои характери экстремистиро барои мубориза забти қалбу шурри инсонҳо нишон медиҳад. Онҳо аз пастии савияи дониши аҳолӣ истифода бурда, бо роҳи тарсонидан аз наздикшавии охират ва ба воситаи кор бурдани дар байни онон — ҷавонон ва инсонҳои аҳволи моддиашон ночор тарафдорони худро зиёд карда истодаанд. “Авлиёҳое”, ки ба ин сектаҳо асос гузоштаанд, ҳаракат мекунанд бо роҳи фиреб пайравони худро зиёд намоянд.



Ӯ шоир набуда, пайғамбар аст. Қуръони дар он буда китоби ҳамту аз тарафи инсон барои ҳавсала ё барои маълумоти умумӣ набуда, он қонуни илоҳист.

***Иоҳанн Волфанг фон Гёте.***
***Девони муаллифи***
***Ғарб оид ба Шарқ.***



*Масҷиди ҷомеъ дар Англия*



*Масҷиди ҷомеъ дар Германия*

Дар натиҷаи бурдани фаъолияти пинҳонӣ, назорат аз болои маълум накардани воқеият дар дохили худи сектаҳо аз фаъолияти онҳо ҷамъият бехабар мемонад.

Фаъолияти сектаи "Рӯзи охират" дар Уганда ба он мисол шуда метавонад. Раҳбарони ин секта фаро расидани охиратро 31 декабри соли 1999 муқаррар намуда, молу мулки тарафдоронашонро фурӯшонда, маблағашонро ба ҳамён зада, ҳамин тавр онҳо ба фориғшавӣ аз гуноҳҳояшон даъват намуданд. Ба таърихи 1-уми январи соли 2001 "кӯчонидани" Қиёмат нисбат ба раҳбарони секта шубҳа барангехт. Пас аз он раҳбарон дар деҳаи Канунгу беш аз 500 нафар тарафдорони худро фиребида, ба як бино оварда, аз болояшон оташ заданд. Бино ба маълумотҳо, боз дар чор ҷой ин гуна қабрҳои оммавӣ ёфта шу-

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Дар Қазоқистон ҷамоаҳои динии мусулмон (2517 то ташкилоти динӣ) ва православ (323) дар ҷойи аввал истодаанд. Онҳо 95 фоизи эътиқодмандони аҳолиро ташкил медиҳанд.

Дар Туркманистон 99 ташкилоти динӣ мазҳаби суннии дини ислом, 5 тояш ба мазҳаби шиа, 13 тояш ба калисои православии рус (3 тояш дар шаҳри Ашхобод ҷой гирифтааст) ва 11 то ба вакилони дигар динҳо (калисои католикӣ — 1, Пятидесятникҳо — 1, Великая благодат — 1, адвентистҳои Рӯзи ҳафтум — 1 то ва ҷамоаи Апостоли нав — 1 то) таалluқ доранд. Дар Тоҷикистон тахминан беш аз 3000 то ташкилоти динӣ мавҷуд. Аз ҷумла, ташкилоти динии Православи рус, насронӣ-баптистҳои Евангел, Римии католикӣ, адвентистҳои Рӯзи ҳафтум, лютерани Евангел, калисоҳои шоҳидони Иегово, ҷамоаҳои динии баҳоӣ, зардуштӣ, яҳудӣ ва монанди инҳо фаъолият мебаранд.

даанд. Қурбониёни ин секта беш аз 1000 нафар қайд гаштаанд.

Ин гуна сектаҳо аз ҳолати оҷизии ҷисмонӣ ва рӯҳии баъзе инсонҳо, аз ин ҳолат баромада натавонистони онҳо ба мақсадҳои бадғаразонаи худ истифода мебаранд. Дар натиҷа адептҳо—аъзоёни сектаҳоро ба манфиатҳои худашон кор мефармоянд.

Ҳоло ба ҷараёни ба талабҳои замон мутобиқ кардани қоидаҳои муайяни таълимоти диниро, яъне модернизатсия шудани онҳоро мушоҳида кардан мумкин. Масалан, Папаи Рим хато будани инквизитсия ва юришҳои салибии асрҳои миёнаро, ки аз тарафи калисо ташкил шуда буд, эътироф намуда, расман узр пурсид. Соли 1992 Папа Иоҳанн Павел II дар вақташ Галилео Галилей ҳақ буданашро иқрор шуда, аз ҳама узр пурсид, ки ба гуфтаҳои боло мисол шуда метавонанд.

Таъкид бояд кард, ки дар ҳудуди паҳншавии динҳои мавҷуда тағйироти ҷиддӣ ба амал омада истодаанд. Дар асри гузашта, ки насрониҳо дар Европа асосан зин-



*Масҷиди Қуббатус саҳро, калисои насронӣ ва синагогаи яҳудӣ дар Қуддус*



*Масҷиди ҷомеъ дар Франсия*



*Масҷиди ҷомеъ дар Россия*

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Бино ба маълумоти Созмони Милали Муттаҳид суръати афзоиши аҳолии мусулмон соле 6,4 фозиро ташкил мекунад, аз соли 1989 то соли 2011 шумораи аҳолии мусулмон дар Америкаи Шимолӣ — 25, дар Африка — 2,15, дар Осиё — 12,57, дар Европа — 142,35, дар Австралия ва Океания — 257,01 фоиз афзудааст. Фақат дар Америкаи Лотинӣ саҳми пайравони дини ислом 4,73 фоиз кам шудааст.

дагӣ карда омадаанд, ҳоло 20-25 миллион нафар мусулмонон истиқомат доранд. Аз ҷумла, дар Британияи Кабир — 3 миллион, дар Германия — 5 миллион, дар Франсия — 6-7 миллион нафар эътиқодмандони дини ислом ҳаёт ба сар мебаранд.

Дар кишварҳое, ки аҳолиашон ба таври анъанавӣ ба буддоӣ ва ислом эътиқод мекунанд, кӯшишҳо барои паҳн кардани дини насронӣ ба назар мерасанд. Бино ба маълумоти СММ афзоиши дини насронӣ соле 1,46 фоизро ташкил мекунад.

Гуногунрангии манзараи конфессияҳои диниро дар мисоли расман аз рӯйихат гузашта, фаъолият бурдани конфессияҳои динии Ӯзбекистон низ дидан мумкин аст. Гарчанде мансуб ба насронӣ ҳастанд, аммо 11 то мазҳаб ҳар кадоме худро конфессияи алоҳидаи динӣ мешуморанд, ки далели фикрамон аст.

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

| № | Конфессия | Шумораи эътиқодмандон | Нишондиҳандаи фоиз нисбат ба аҳолии рӯйи Замин |
|---|---|---|---|
| 1 | Насронӣ | 2 292 454 000 | 33,2 % |
| | Католикӣ | 1,214 000 000 | |
| | Протестантҳо | 800,640,000 | |
| | Православҳо | 260,380,000 | |
| | Англиканҳо | 85 000 000 | |
| | Дигар мазҳабҳо | 28,430,000 | |
| 2 | Ислом | 1 549 444 000 | 22,4 % |
| 3 | Ҳиндуизм | 948 507 000 | 13,7 % |
| 4 | Динҳои анъанавии Хитой | 458 316 000 | 6,6 % |
| 5 | Буддоӣ | 468 736 000 | 6,8 % |
| 6 | Сикхӣ | 24 591 000 | 0,4 % |
| 7 | Яҳудӣ | 14 641 000 | 0,2 % |
| 8 | Баҳоӣ | 7 447 000 | 0,1 % |

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИКОНФЕССИОНАЛИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар Республикаи Ўзбекистон дар ҳолати декабри соли 2017 16 то конфессия фаъолият мебарад.

Онҳо:

– Ислом (Идораи мусулмонони Ўзбекистон);
– Православӣ (Епархияи Тошканд ва Осиёи Марказӣ);
– Католикӣ (калисои Римии католикӣ);
– Лютеранӣ (калисои Немисии лютеранӣ);
– калисои Армании апостол;
– Пятидесятникҳо (насрониёни инҷили пурра);
– Баптистҳо (калисои баптистҳои Евангел — насронӣ);
– калисои Новоапостол;
– адвентистҳои Рўзи ҳафтум;
– “Голос божий”, шоҳидони Иегово;
– калисоҳои протестантии корейсҳо;
– яҳудӣ;
– баҳоӣ;
– Ҷамъияти шинохтани Кришна;
– Буддоӣ.

“Ҷамъияти китоби Инҷили Ўзбекистон” ташкилоти динӣ ба ҳисоб рафта, аз дигар конфессияҳо алоҳида фаъолият мебарад, мақоми конфессияи динӣ надорад.



*Сўҳбати мизи мудаввари Патриархи Москва ва тамоми Рус Кирилл*



*Мақсади мо — сулҳу осоиш, ҳамкорӣ ва тараққиёт*

Дар солҳои истиқлол садҳо калисо, синагога ва хонаҳои ибодат, хусусан, дар Тошканд, Самарқанд, Навоӣ ибодатхонаҳои православӣ, дар шаҳри Тошканд костёли католикӣ, дар Самарқанд калисои армании апостол, дар Тошканд ибодатхонаи буддоӣ аз нав барпо карда шуд.

Маҷмуаҳои ёдгории қадимии Ҳазрати Имом, Имом Бухорӣ, Баҳоуддин Нақшбанд, Ҳаким Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ, Шоҳи Зинда, Қосим Шайх, Занги ота таъмир ва аз нав бунёд карда шуданд.

Қуръони карим, маҷмӯаи ҳадисҳо, баъзе қисмҳои Аҳди Нав ва Аҳди Қадими таркиби Библия, масалан, “Ҳикматҳои Сулаймон”, “Таърихи пайғамбарони Рут, Естер ва Юнус” ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва чоп карда шуданд.

Ӯзбекистон сеюмин мамлакатест, ки дар он барои инсонҳои чашмашон оҷиз Қуръони карим дар алифбои Брайл нашр шудааст.

## ИДОРАИ МУСУЛМОНОНИ ӮЗБЕКИСТОН

Идораи мусулмонони Ӯзбекистон (ИМӮ) соли 1995 ташкил ёфтааст. Ҳоло дар таркиби ИМӮ беш аз ду ҳазор масҷид, нӯҳ то мадраса—омӯзишгоҳии миёнаи махсуси динӣ, Донишкадаи исломии Тошканд, мадрасаи олии Мири Араб, мактаби олии илмии ҳадис, мактабҳои илмии Ақоид, Калом, Ҳадис, Фиқҳ, Тасаввуф, фонди хайрияи Вақф ва нашриёти “Мовароуннаҳр”,



### НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар охири солҳои 1920 сиёсати динии ба атеизм асосёфтаи сохти шӯроҳо авҷ гирифта буд. Моҳи апрели соли 1929 қарори Шӯрои Комиссарони РСФСР “Дар бораи иттиҳодияҳои динӣ” қабул шуд. Тибқи он дар иттиҳодияҳои динӣ гузаронидани ҷамъомад, ташкили зиёратҳои муқаддас, машғул шудан бо хайрия, китобхона ташкил кардан ва монанди инҳо манъ мешавад. Дар пленуми XI-уми Шӯрои Марказии партияи коммунистӣ (б) 29 июни соли 1929 қарор “Дар бораи рӯҳониён ва мактаби мусулмонӣ” қабул шуд, ки дар он аз ҷумал таъкид шуда буд: “Ислом мисли динҳои дигар дар роҳи инкишоф ва мустаҳкам шудани ғояҳои маданияти сотсиалистӣ ва пролетарӣ, умуман, дар роҳи сохтмони сотсиализм мамоният аст”.

ки расман дар республика ба рӯйихат гирифта шудаанд, фаъолият мебаранд.

Бино ба Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 16 апрели соли 2018 “Дар бораи ба куллӣ тағйир додани фаъолияти соҳаи динию маърифӣ” ИМӮ ҳамчун яке аз муассисаҳои Академияи байналмилалии исломии Ӯзбекистон муқаррар гардид.

Раиси ИМӮ—муфтӣ дар маҷлиси Шӯрои уламоҳо бо роҳи овоздиҳии кушода ба муддати панҷ сол интихоб мешавад.

Дар таркиби ИМӮ ҳайъати робитаҳои байналмилалӣ, фатво, таълим ва тайёркунии кадрҳо, масъалаҳои занону духтарон, ҳуқуқшиносӣ, китобхона, инчунин экспертизаи маҳсулоти динӣ ва тафтиш ва монанди инҳо мавҷуданд.

Идораи мусулмонони Ӯзбекистон (ИМӮ) ҳоло барои инкишофи туризм дар мамлакат ҳиссаи худро мегузорад. Дар Стратегияи ҳаракатҳои мамлакат барои солҳои 2017—2021 бошиддат инкишоф додани индустрияи туризм, вусъати инфрасохтори туризм, зиёд кардани саҳми он дар иқтисодиёт алоҳида қайд шудааст. ИМӮ ҳам ба инкишофи ин соҳа ҳиссаи худро мегузорад. Дар кишварамон беш аз 7300 объектҳои мероси маданӣ мавҷуд, аксарияти онҳо ба рӯйихати ЮНЕСКО дохил карда шудаанд. ИМӮ барномаҳои зиёрати қадамҷойҳои муқаддас ва ёдгориҳои шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошкандро тартиб додааст.



*Идораи мусулмонони Ӯзбекистон*



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

20 октябри соли 1943 дар шаҳри Тошканд Қурултойи 1-умини уламоҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон баргузор шуд. Дар он дар бораи ташкили Садорати динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон қарор қабул карда шуд. Дар ин асно раҳбар ва муфтии Садорати динӣ Эшони Бобохон интихоб шуд. Ба таркиби Садорати динӣ қозиёни панҷ республика — Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ҳамчун намояндагони Садорати динӣ дохил шуданд.

Ғайр аз ин зиёратгоҳҳои ба таъмир мўҳтоҷи кишварамон, Сузук ота дар шаҳри Тошканд, Дошқинҷон бобо дар Хоразм, Абўлмуъин Насафӣ дар Қашқадарё, Абўисо Тирмизӣ дар Сурхондарё, ҳафт пир дар Бухоро ва монанди инҳо тағйир карда, ба марказҳои ғизои маънавию рўҳӣ табдил дода мешаванд. Инчунин ИМЎ аҷдодони бузургамон, ки номҳояшон бо ин зиёратгоҳҳо вобастаанд, мероси илмию маънавии онҳо, оид ба ҳаёти ибратнокашон китобҳоро низ чоп карда меоянд.



Халқҳои минтақаи моро риштаҳои ҳазорсолаи дўстию ҳамсоягии нек пайваст карда меоянд. Моро таърих, дин, маданият ва анъанаҳои умумӣ муттаҳид менамоянд.

***Шавкат Мирзиёев***

## ЭШОНИ БОБОХОН ИБНИ АБУДЛМАҶИДХОН

Эшони Бобохон аввал дар хона аз падараш, баъд дар мадрасаи Мири Араби Бухоро аз устодони машҳур таҳсил мегирад. Бо кўшишот, ақлу заковаташ донишманди тафсир, ҳадис, ақоид, фиқҳ шуда ба камол мерасад. Якчанд сол дар масҷиди ҷомеъи Мўйи Муборак имом-хатибӣ, дар мадраса мударрисӣ мекунад.

Дар соли 1943 раиси назорати динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон, муфтӣ интихоб мешавад. Ҳамон солҳои ба сафари ҳаҷ рафтани намояндагони мусулмонон ба роҳ монда мешавад. Мадрасаи Мири Араб аз нав ба фаъолият сар мекунад. Дар бораи масҷидҳо низом тартиб дода шуд, ба китобхонаи раёсати динӣ асос гузошта, алоқаҳои байналмилалӣ вусъат ёфт. Эшони Бобохон соли 1957 вафот намуд ва дар паҳлўи қабри Исмоил Қаффол Шошӣ дафн карда шуд.



*Эшони Бобохон ибни Абдулмаҷидхон (1856-1957)*

## ЗИЁВУДДИНХОН ИБНИ ЭШОНИ БОБОХОН

Зиёвуддинхон ибни Эшони Бобохон соли 1908 дар шаҳри Тошканд таваллуд ёфтааст. Ў аз уламоҳои намоёни давр сабақ гирифтааст. Дар дувоздаҳсолагӣ Қуръони каримро пурра хатм намуда,

ҳофиз-ул-қуръон гардидааст. Дар мадрасаи Кӯкалдоши Тошканд, донишгоҳи Азҳари Қоҳира, баъд дар шаҳрҳои Макка, Мадина таҳсил гирифт. Соли 1957 раиси Садорати мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон интихоб шуд ва то охири умраш дар ин вазифа пурсамар кор кард.



*Зиёвуддинхон ибни Эшони Бобохон (1908-1982)*

## ШАМСИДДИНХОН БОБОХОНОВ

Факултети забони англисии Донишкадаи забонҳои хориҷии Тошкандро хатм кардааст. Дар дорулфунуни Азҳари Қоҳира таҳсил гирифт. Солҳои 1982—1989 раиси Садорати динии мусулмонини Осиёи Миёна ва Қазоқистон, муфтӣ шуда кор кард. Аъзои ҳақиқии Академияи шоҳии Ӯрдун, соҳиби Мукофоти байналмилалии Ибни Сино аст. Соли 2003 вафот намуд.



*Шамсиддинхон Бобохонов (1937-2003)*

## ШАЙХ МУҲАММАД СОДИҚ МУҲАММАД ЮСУФ

Шайх Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф дар давоми солҳои 1989—1992 ба Садорати динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон раҳбарӣ намудааст. Тамоми умри худро дар роҳи хизмат ба болоравии динию маърифатии ҷамъият сарф кардааст. Ин хизматҳои ӯро аҳли олами ислом эътироф намудааст. Шайх Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф аъзои як қатор ташкилотҳои исломии байналмилалӣ:

— Маҷлиси муассисии иттиҳодияи олами исломи шаҳри Макка;

— Иттиҳодияи тасаввуфи дунё;

— Шӯрои уламоҳои мусулмонони дунё;

— Иттиҳодияи исломии тамоми дунё дар шаҳри Исломобод;

— Иттиҳодияи масҷидҳои дунё;

— Академияи тафаккури исломии тобеи ташкилоти Оли Байт дар Ӯрдун будааст.



*Шайх Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф (1952-2015)*

Олим дар давоми ҳаёташ беш аз сад китоб на-вишт, ки маънавият ва маърифати халкро бой карда, ба болоравии сатҳи дониши динии мардум хизмат менамоянд.

Маҷмӯаи “Ҳадис ва ҳаёт”-и ӯ, “Тафсири Ҳилол”, ки шарҳи маъноҳои Қуръони карим ба ҳисоб мера-вад, “Силсилаи тиллоӣ”, “Оилаи бахтёр”, “Тарбияи рӯҳӣ”, “Хазинаи одоб”, “Кифоя” ва дигар китобҳояш хазинаи маънавии халқамон аст.



*Мухторҷон Абдуллоҳ Бухорӣ (1928-2002)*

## МУХТОРҶОН АБДУЛЛОҲ БУХОРӢ

Мухторҷон Абдуллоҳ Бухорӣ соли 1928 дар шаҳри Қӯқанд таваллуд ёфтааст. Дар мадрасаҳои Мири Араби Бухоро, Бароқхони Тошканд, дар кул-лияи шариати ҷомеъи Дамашқи Сурия таҳсил ги-рифтааст. Дар солҳои 1993—1997 раиси Идораи му-сулмонони Ӯзбекистон, муфтӣ шуда кор кард. соли 2002 вафот намудааст.

## АБДУРАШИД ҚОРӢ АБДУМӮЪМИН ҚОРӢ ӮҒЛИ БАҲРОМОВ



*Абдурашид қорӣ (1953 -2011)*

Абдурашид қорӣ соли 1953 дар шаҳри Андиҷон таваллуд шудааст. Илмҳои нахустини Қуръонро аз падараш Абдумӯъмин қорӣ омӯхта, дар 16-солагӣ Қуръони каримро пурра ёд намуд. Ӯ дар мадрасаи Мири Араби Бухоро ва Донишкадаи исломии Тош-канд таҳсил гирифт. Дар солҳои 1997—2006 дар лавозими раис, муфтии Идораи мусулмонони Ӯзбе-кистон фаъолият нишон дод. Дар солҳи 1997—2006 дар мубориза и ИМӮ бар зидди экстремизми таҳти ниқоби динӣ фаъол иштирок намуд.

Дар байни аҳолӣ дар соҳаи дину маърифат корҳои тарғиботию ташвиқотиро бурдааст. Бо кӯшиши вай маърӯзаҳои ҷумъагӣ дар масҷидҳои республика ба

тартиб даровварда шуд. Тезисҳои ҷумъа аз тарафи шўъбаи фатвои ИМЎ тайёр карда, ба масҷидҳо тақсим шуд.

## УСМОНХОН ТЕМУРХОН ЎҒЛИ АЛИМОВ

Усмонхон Алимов 1 январи соли 1950 дар вилояти Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ў дар мадрасаи Мири Араби Бухоро, Донишкадаи исломии Тошканд, Донишгоҳи Қаровиюни Марокаш таҳсил гирифтааст. 8 августи соли 2006 ба лавозими раис, муфтии Идораи мусулмонони Ўзбекистон интихоб шуд.

Дар даври Усмонхон Алимов мебинем, ки дар соҳаи дини ислом бисёр корҳои хайр ба анҷом расонида шудааст. Масалан, маҷмўаи Ҳастимом ва дигар зиёратгоҳҳо таъмир шуданд. Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон, Академияи исломии байналмилалии Ўзбекистон, мадрасаи олии Мири Араб, мактаби олии илми Ҳадис дар Самарқанд, мактабҳои илмии Ақоид, Калом, Фиқҳ, Тасаввуф ташкил карда шуданд. Усмонхон Алимов муаллифи “Тафсири Ирфон”, “Сўраган эдингиз”, “Суннат ва Ҳадис” ва боз даҳҳо асарҳо ба ҳисоб меравад.



*Усмонхон Темурхон ўғли Алимов*

Бо заковат инсон ба мартабаи баландӣ мерасад, бо дониш бузургвор мешавад.

***Юсуф Хос Ҳоҷиб***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Сектаҳо барои расидан ба мақсадҳои худ чӣ гуна роҳро пеш мегиранд?
2. Фаъолияти сектаҳо ба инкишофи ҷамъият ва сулҳу осоиш чӣ гуна таъсир расониданаш мумкин?
3. Барои тағйир ёфтани манзараи динии замони ҳозира кадом омилҳо рол мебозанд?
4. Дар Ўзбекистон кадом конфессияҳо фаъолият мебаранд?
5. Дар бораи фаъолияти Идораи мусулмонони Ўзбекистон маълумот гирд оваред.

# § 24 МИССИОНЕРӢ ВА ПРОЗЕЛИТИЗМ ДАР АСРҲОИ XX—XXI

**ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:**

1. Ташкилотҳои байналмилалии миссионерӣ, ки дар асрҳои XX–XXI ба вуҷуд омадаанд.
2. Миссионерӣ ҳамчун аслиҳаи бозиҳои геосиёсӣ
3. Таъсири манфии миссионерӣ ва прозелитизм ба тифоқии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ.

## ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МИССИОНЕРӢ, КИ ДАР АСРҲОИ XX—XXI БА ВУҶУД ОМАДААНД

Дар ибтидои асри XX барои истифода аз фаъолияти миссионерӣ ба мақсадҳои сиёсӣ ташкилотҳои байналмилалӣ ташкил меёфтанд.

Дар конференсияи миссионерии Эдинбург, ки дар Шотландия баргузор шуд, стратегияи насронӣ

**БАРОИ МАЪЛУМОТ**

Агар соли 1970 дар 2200 то миссияи хориҷӣ 240 000 нафар миссионери профессинал фаъолият бурда бошад, дар соли 2000 дар 4800 миссияи хориҷӣ 420 000 нафар миссионер корҳои тарғиботӣ бурдааст. Дар соли 1970 барои фаъолияти миссияҳои хориҷӣ 3 миллиард доллари ШМА сарф шуда бошад, соли 2000 ин нишондиҳанда ба 12 миллиард расид. Ба сафи марказҳои намоёни миссионерӣ “Мактаби миссияҳо ва умумиҷаҳонии насронӣ” (Бирмингем), “Маркази Генри Мартин” (Кембриҷ, Британияи Кабир), Донишгоҳҳои Григориян ва Урбаниан (Ватикан), “Маркази омӯзиши миссияҳои хориҷӣ”-ро (Ню-Хейвен, ШМА) дохил кардан мумкин.

намудани халқҳои дунё муҳокима шуд, оид ба тайёркунии миссионерон, ба роҳ мондани ҳамкориии иттиҳодияҳои мухталиф барои тарҷумаи Инҷил ба якчанд забонҳо аҳду паймон карда шуд. Ин конференсия барои ташаккули замонавии миссионерӣ омил гардид.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон сохти мустамликавӣ барбод шуда, бо мақсади нигоҳ доштани калисоҳо дар колонияҳо аз миссионерҳо истифода мешавад. Аз ҷумла, соли 1969 дар қитъаи Африка 16 ҳазор нафар миссионери мард ва 30 ҳазор миссионери зан будаанд.

Миссионерон дар ҳудуди муайян барои фаъолияти худро ба роҳ мондан минтақаҳои муҳимро муқаррар карда мемонданд. Аз ҷумла, диққату эътибори миссионерҳои насронӣ ба ҳудуде, ки онҳо "оинаи 10-40" номида буданд, равона карда шуда буд. Ин ҳудуд дар паҳнои шимолии воқеъ дар байни параллели 10 ва 40-и соҳилҳои уқёнуси Атлантика, Осиёи Хурд ва Марказӣ, нимҷазираи Арабистон, то соҳилҳои уқёнуси Ороми Осиёи Ҷанубӣ тӯл кашидааст.

Агар бевафоӣ макунӣ, аҳли вафо хоҳӣ ёфт.

***Алишери Навоӣ***

**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ**

Соли 1910 дар Шотландия конференсияи миссионерии Эдинбург гузаронида шудааст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

*Ҳудуде, ки дар байни параллели 10 ва 40-и соҳилҳои уқёнуси Атлантика, Осиёи Хурд ва Марказӣ, нимҷазираи Арабистон, то соҳилҳои уқёнуси Ороми Осиёи Ҷанубӣ тӯл кашидааст, "зонаи моҷароҳо" аст.*

***Алфред Мехен, сиёсатшинос.***

Ҳоло шиддатнокии иҷтимоию сиёсӣ, аксарияти моҷароҳои мусаллаҳона дар кишварҳои воқеъ дар дохили "оинаи 10–40" рӯй дода истодаанд. Ба фикри шумо сабаби ин ҳол чист? Фикратонро асоснок намоед.

Аксарияти мамлакатҳое, ки дар ин ҳудуд ҷойгиранд, аҳолиашон ба динҳои ислом, конфутсий ва ҳиндуизм эътиқод мекунанд. Айнан дар ҳамин ҳудуд захираҳои дар дунё бузургтарини газ, нефт, уран, роҳҳои транскоммуникатсияи дорои аҳамияти стратегии байниминтақавӣ, халиҷ ва гулӯгоҳҳо ҷойгиранд.

Дар солҳои 1990 ба муносибати пароканда шудани собиқ лагери сотсиалистӣ дар давлатҳои акнун мустақилшудаи Европаи Шарқӣ ва ҳудуди собиқ Иттифоқи Шӯравӣ фаъол шудани ҷамоаҳои гуногуни протестантӣ мушоҳида шуд. Тарғиботчиёни ин гуна ҷамоаҳои динии барои аҳолии маҳаллӣ анъанавӣ набуда барои нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ дар назди ҷамъият ва давлат ҳеҷ гуна масъулият нагирифтанд ва ҳис ҳам накарданд, лекин фақат барои зиёд кардани сафи худ машғул шуданд. Масалан, дар Россия то охири соли 2000 беш аз 4500 калисои протестантӣ аз рӯйихати расмӣ гузашта буд.

Бахтро дар остонаи каси дигар ҷустан худ сарчашмаи бебахтист.

***Абдулло Қаҳҳор***

Ҳоло ташкилотҳои миссионерии протестантии Украина дар байни давлатҳои ИДМ панохдиҳандаи калонтарин шуда мондааст. Дар қонунҳои ин мамлакат барои бевиза даромадан имкониятҳо дода шудааст. Инчунин барои расонидани кӯмаки хайрия ба ташкилотҳои динӣ аз хориҷи кишвар ва мустақилона паҳн намудан рухсат дода шудааст. Дар масъалаи тарғиботи динӣ ягон маҳдудият гузошта нашудааст, бинобар ин конфессияҳои нави динӣ, хусусан, ба ҷамоаҳои протестантии евангелия имкониятҳои нав кушодааст.

Ҷамоаҳои динии ноанъанавӣ эҳтимолияти сар задани низоъҳои байни конфессиявиро сарфи назар карда, барои зиёд намудани сафи худ ҳаракат менамоянд, ки ин ба оқибатҳои вазнин оварданаш мумкин. Ҳаракатҳо барои дар асоси омили динӣ баран-





*Миссионерҳо дар қитъаи Африка*

гехтани чудоихо байни шаҳрвандони ба як миллат мансуб, бо як забон гуфтугӯйкунанда, давлате, ки таърихи умумӣ ва ягона дорад, барои ҷамъият таҳдиди хеле хатарнок аст.

Масалан, дар оқибати вайрон кардани мувозинати таркиби дин дар байни аҳолии таҳҷоии як қатор кишварҳои минтақаи Африка ва Осиё айнан бо айби миссионерон ва прозелитҳо дар байни намояндагони динҳои гуногун доиман моҷароҳо сар зада истодаанд.

Аз ҷумла, дар ҳудудҳои ҷанубии Республикаи Судан воқеъ дар қисми шимолу шарқии Африка, ки захираҳои асосии нефт ҷой гирифтаанд, дар давоми асри гузашта аз ҷониби миссионерҳои католикӣ ва протестантӣ аҳолӣ фаъолона насронӣ карда шуданд.

Соли 2011 давлати дар қитъаи Африка калонтарин ҳисобшудаи Республикаи Судан ба ду давлат—

Инсон бояд худаш ба худаш итоат карданро ва ба қарорҳои худ итоат намуданро омӯзад.

***Ситсерон***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Вақте ки Ситсерон “Инсон худаш ба худаш итоат карданаш лозим” мегӯяд, шумо аз он чӣ фаҳмидед? Агар “ба қарорҳои худ итоат намуданро бояд омӯзад” гӯяд? Фикратонро дар асоси принсипи “Бар зидди фикр бо фикр, бар зидди ғоя бо ғоя, бар зидди ҷаҳолат бо маърифат” вобаста намуда, фаҳмонед.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Дар асоси донишҳои гирифтаатон расмҳои зеринро эзоҳ диҳед.













Судане, ки аксарияти аҳолиаш мусулмонон ва Республикаи Судани Ҷанубӣ қисми асосии аҳолиаш насрониҳоянд тақсим шуда рафт. Ҳудудҳои шимолии насронишудаи Индонезия — Суматра ва дар ҳудудҳои Сулавеси Молукко ба таври муттасил байни мусулмонон ва прозелитҳои насронӣ дар асоси низоъҳои динӣ задухӯрдҳо, қотилиҳо, амалҳои террористӣ рӯй медиҳанд.

Дар соли 2017 дар Индонезияе, ки аз рӯйи аҳолии мусулмон дар ҷойи якум аст, 27324 нафар миссионерҳои насронӣ фаъолият бурдааст. Дар баъзе ҷамоаҳои динии нав пайдошуда ҳолатҳои назорат кардани шуури пайравон, хор кардан ва ҳатто ба худкушӣ расонидан мушоҳида мешавад.

Сафи ҷамоаҳои нави динӣ, ки барои минтақаи Осиёи Марказӣ ноанъанавӣ аст, асосан аз ҳисоби аҳолии мусулмон, ки асосӣ аст ва аз ҳисоби ононе, ки аввал дар дини православ насронӣ буданд, васеъ мешавад. На дар ҳамаи давлатҳои дунё миссионерӣ бо қонун манъ шудааст, дар он кишварҳо миссионерҳо имконияти бемалол тарғиб кардани ғояҳои ҷамоаҳои нави диниро доранд. Корҳои тарғиботу ташвиқот махсус, ба воситаи барномаҳои телевизионию радиоӣ, шабакаи интернет, эълону рекламаҳо бурда мешавад.

Дар Ӯзбекистон (соли 2017) намояндагони баъзе конфессияҳои динӣ, аз ҷумла, аз ҷониби аъзоёни ҷамоаи норасмӣ ҳолатҳои ба ҳудуди республика даровардани адабиётҳои динӣ ва паҳн намудан, буклет, маҷалла, дискҳои электронии аз экспертизаи динӣ нагузаронида, дар байни аҳолӣ паҳн намудан барин кирдорҳои хилофи қонун ба назар расиданд.

Аксарияти шахсони динашонро (эътиқод) дигар карда (прозелитҳо) ин гуна ақидаҳои диниро чуқур нафаҳмида, қабул намудаанд, онҳо зери таъсири

Нафси мо он қадар пурзӯр аст, ки онро ҳам ботинан, ҳам зоҳиран ба қоидаҳои қатъӣ дохил карда, ҷилавгирӣ кардан мумкин.

***Маҳатма Гандӣ***

Агар хонию фикр накунӣ роҳ гум мекунӣ. Агар фикр кунию нахонӣ, зери шубҳаю гумон монда меравӣ.

***Конфутсий***

миссионерон эътиқодашонро тағйир додаанд. Миссионерон фаъолиятҳои худро бо усулҳои зерин ба амал мебароранд?

— бо баҳонаи омӯзондани забонҳои англисӣ, корейсӣ ба ҷавонон курсҳои таълим кушодан ва дар ин ҷойҳо дини худро тарғиб кардан;

— истифодаи баҳонаи барои кор ба хориҷа фиристодан ё бо шаҳрванди хориҷӣ оила барпо намудан;

— ҷалб кардани бачаҳо ва наврасон дар фасли тобистон ба лагерҳои истироҳатии ҳудудҳои кӯҳсор бурдан ва дар он ҷойҳо таъсир расонидан;

— ёрии хайрия расонидан (пул, дору, либос, маҳсулоти озуқаворӣ тақсим кардан), барои таъмири хона кӯмак додан ва дар асnои он кори миссионерӣ бурдан;

— бо баҳонаи расонидани ёрии бепули тиббӣ ба бемор таъсир расонидан;

— бепул хӯрокӣ тақсим кардан;

— ба оилаҳои ниёзмандии ёрии иҷтимоӣ буз, гав харида додан, дар рӯзҳои ҷашн ба бачаҳо ҳадя додан, дар хонаҳои “Мурувват” ва “Саховат” столҳои ҷашнӣ ташкил намудан.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Бо сабаби фаъолияти миссионерон дар солҳои 70-уми асри XX дар шаҳри Сан-Франсиско дар натиҷаи ташкилоти “Ибодатхонаи халқ”, ки ба он Ҷим Ҷонс асос гузошта буд, 912 нафар, дар штати Техаси ШМА дар оқибати фаъолияти сектаи “Авлоди Довуд”, ки аз тарафи Девид Кореш ташкил шуда буд, қариб 100 кас, аз аъзоёни сектаи “Дарвозаи осмон”, ки дар ШМА пайдо шуд, беш аз 60 нафар, беш аз 1000 нафар аъзои сектаи “Ҳаракати аз нав барпо кардани даҳ амри Худованд”, ки дар Уганда ба вуҷуд омада буд, ба ҷони худ қасд карданд.

Дар ҳудудҳои аз нигоҳи экологӣ мураккаби Хоразм ва Республикаи Қароқалпоқистон дар доираи барномаҳое, ки гӯё мақсадҳои хайрнок доранд, аз қабили “беҳтар намудани оби ошомиданӣ”, “мустаҳкам намудани саломатии фарзанд ва модарон” дар байни аҳолӣ барои бурдани фаъолияти миссионерӣ кӯшишҳо ба назар расиданд.

Дар мамлакати мо ҳаракатҳои миссионерӣ, яъне рафтор барои аз як конфессияи динӣ ба дигараш гузаронидани диндорон (прозелитизм), инчунин дигар ҳар гуна фаъолият дар асоси санадҳои қонунӣ манъ карда шуда, барои ба ҷавобгарӣ кашидани ин гуна шахсон асос шуда метавонанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Аввалин ташкилоти байналмилалии миссионерӣ кай ва дар куҷо ташкил шуд?
2. Ҳоло пайравони кадом дин дар фаъолияти миссионерӣ пешқадамӣ карда истодаанд?
3. Ҳоло диққату эътибори миссионерони насронӣ ба кадом ҳудуд нигаронида шудааст?
4. Ба фикри шумо, фаъолияти миссионерӣ ба кадом оқибатҳои зарарнок оварда мерасонад?
5. Ба расмҳои додашуда бодиққат назар кунед ва дар бораи фаъолияти миссионерон, таъсири он ба ҳаёти инсон ҳикоя кунед.
6. Аз Кодексҳои Республикаи Ўзбекистон дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои кирдорҳои ноқонунии вобаста ба миссионерӣ ва прозелитизм чӣ гуна нормаҳо муқаррар шудаанашро муайян кунед.

# § 25 МАДАНИЯТИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ДИНӢ ВА МУЛОҚОТИ БАЙНИКОНФЕССИЯВӢ

## ДАР ДАРСИ ИМРӮЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Зарурати ташаккул додани маданияти таҳаммулпазирии динӣ.
2. Тарғиб шудани маданияти таҳаммулпазирии динӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ (ВАО) ва нашрҳо дар Ӯзбекистон.

Ҷараёнҳое, ки дар солҳои 80-уми асри XX рӯй доданд, баъзе ашхоси ақидапараст (фундаменталист) дин ва назарҳои диниро ба манфиати худ истифода бурданӣ шуда, зери ниқоби ҳимояи дини ислом бо корҳои вайронгарӣ машғул шуданд. Ғояҳои партияҳои равияи динӣ, ҳокимияти диниро паҳн карданӣ шуданд. Аз рӯҳияти мардуми дучори мушкилоти иқтисодӣ гардида истифода бурда, байни ҳукумат ва халқ нифоқ андохтанӣ шуданд. Дар Намангон, Андиҷон ва Тошканд ҳар гуна митингбозиҳо авҷ ги-

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Маънои луғавии таҳаммулпазирӣ нисбати дигар кас, гарчанд он ба шумо чандон писандомез нест, босабр, пуртоқат будан аст. Калимаи таҳаммулпазирӣ (толерантӣ) қариб дар ҳамаи забонҳо мазмуни якхела ва пуркунанда дорад. Мафҳуми таҳаммулпазирӣ маънои сабру қаноат, тоқат намудан, нисбат ба дигар нуқтаи назар ва ҳаракатҳо муносибати эҳтиромона доштан, мурувватнок будан, ҳиммат, бахшояндагӣ, меҳрубонӣ, ҳамдард буданро дорад.

рифтанд. Дар ниҳояти кор башараи ҳаққонии диндорони қаллоб намоён шуд.

Дар солҳои 80-уми асри XX ба зидди дини ислом, ки аз қалби халқамон ҷой гирифта, ба тарзи зисти ҳаррӯзаамон табдил ёфтааст, мубориза авҷ гирифт. Он ҳамчун бидъат ва хурофот сиёҳ карда шуд.

Аммо шиори даҳриёнаи “дин афюн аст” имону эътиқоди аз қалб ҷой гирифтаи халқамонро пажмурда карда натавонист.

Раҳбарияти онвақтаи республика барои таъмин кардани тифоқии байнимиллӣ, таҳаммулпазирии динӣ ва сулҳу субот ҳамаи чораву тадбирҳоро, имкониятҳоро ба кор андохт. Барои бартараф намудани муаммоҳои солҳо ҷамъшуда ҳамаи қувваро муттаҳид намуда, зарурати аз як гиребон сар бароварданро таъкид кард. Дар ин роҳ ҳамаи корҳои зарурӣ амалӣ гардиданд.

Халқе, ки эҳсоси муқаддасаш поймол, дилаш ранҷур гардида буд, аз кушода шудани роҳҳои васеъ, эътибор ба таълимоти диниро бо мамнуният пешвоз гирифт. Дар айни вақт дар ҳудуди Ӯзбекистон намояндагони беш аз 130 миллату қавм, ки маданият ва анъанаҳои худро доранд, ҳаёт ба сар мебаранд.





*Воқеаҳои соли 1989*



**ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ**

Нияти “Феъли фарох давлати поянда диҳад”-ро чӣ гуна мефаҳмед?

Байни мафҳуми “дилфарохӣ”, “фарохии феъл” ва “таҳаммулпазирӣ” чӣ гуна вобастагӣ ҳаст?



Аз он ҷойе, ки як рӯз ҷанҷол шудааст, чил рӯз барака меравад.

***Зарбулмасали халқӣ***

«Худо аз дўстӣ кардан бо касоне, ки бо шумо дар дин ҷангидаанд ва аз сарзамини худ берунатон рондаанд ё дар берун ронданатон ҳамдастӣ кардаанд, шуморо манъ мекунад».

***Қуръони карим, оятҳои 8, 9-уми сураи “Мумтаҳана”, тафсири Абўлайси Самарқандӣ***

Дар чунин вазъият дар мамлакатамон мустаҳкам кардани муҳити таҳаммулпазирии байнидинӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин шуда монд.

Вақте дар бораи таҳаммулпазирӣ ҳарф мезанем, ин ҷиҳат фазилати азалии халқамон буданашро таъкид кардан айни муддао аст. Олими энсиклопедист Абўрайҳон Берунӣ зимни омўхтани таълимоти насронӣ маълумотро оид ба Библия даровварда шудани чор Инҷил оварда, фарқи байни онҳоро таҳлил кардааст. Бино ба ақидаи ў қароргоҳи митрополити Хуросон дар шаҳри Марв ҷой гирифта будааст. Ин маълумот аз хусуси дар як макон дар муҳити осуда зиста, ибодат намудани аҳолии мусулмон ва насронӣ далолат медиҳад.

Ҳоло намояндагони динҳои мухталиф, ки дар Ўзбекистон фаъолият мебаранд, низ ғояҳои таҳаммулпазирии диниро пуштибонӣ мекунанд. Масалан, раҳбари собиқи епархияи Тошканд ва Осиёи Миёна, митрополит Владимир ин фикрро баён карда буд: “православия ва ислом динҳоеанд, ки ду хел ҷаҳонбиниро дар худ ифода намудаанд. Аз ин сабаб мунозираҳо оиди илоҳиёт, баҳсҳои оиди таълимоти нозу-

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Имом Абўмансури Мотуридӣ (870-944) ояти 40-уми сураи “Ҳаҷ”-и Қуръони каримро тафсир намуда чунин гуфтааст: “Вайрон кардани калисо ва синагогаҳо манъ карда мешавад. Онҳо аз ин сабаб дар диёри мусулмонҳо вайрон нашуда, амон мондаанд. Доир ба ин масъала дар байни аҳли илм ихтилоф вуҷуд надорад”. Зимнан бино ба фикри олими мазкур дар як ҷамъият дар муҳити сулҳу осоиш зистани намояндагони динҳои мухталиф муаммо намешавад.

ки насронӣ ва мусулмонҳо умуман зарур нест ва он зарар расониданаш мумкин. Мо фарқи якдигарамонро тезутунд накарда, нисбати маданият ва эътиқоди ҳамдигар аз нуқтаи назари эҳтиром бояд муносибат дошта бошем”. Ӯ дар чандин мақолаҳои илмиаш, дар конференсияҳои байналмилалӣ ҳамеша ба масъалаи ташаккул додани ҳурмати ҳамдигарии мусулмонон ва православҳои диёрамон таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар кишварамон дар муҳити сулҳу осоиш зиндагӣ карданро намояндагони конфессияҳои мухталиф мехоҳанд ва аз ин манфиатдоранд. Аз ин боис намояндагони ҳамаи динҳо дар кишварамон тадбирҳояшонро бахшида ба мулоқоти байниконфессиявӣ мунтазам мегузаронанд.

Дар яке аз ин тадбирҳо намояндаи ҳар як конфессия оид ба фаъолияти худ сухан ронда, барои сарназадани низоъҳои байни миллатҳо ва байни конфессияҳо боз чиҳо бояд карданро таъкид намуд.

Директори иҷроияи ҷамъияти Инҷили Ӯзбекистон С. Митин гуфта буд, ки “Таҳаммулпазирии динӣ ва

Агар дар диёри мусулмонҳо калисо ва ибодатхонаҳо вайрон карда шуда бошанд, онҳоро дар ҷояшон боз барпо намудан мумкин.

***Бурҳониддин Марғинонӣ***

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар таърих зикр шудааст, ки дар шартномаи “Сулҳи Ҳудайбия” сиёсати сулҳхоҳонаи мусулмонон дар асоси оятҳои Қуръони карим буданаш қайд гардидааст. Ин сулҳ гарчанд зоҳиран бар зиёни мусулмонон баста шуда бошад, аслан аз сулҳпарварии дини ислом ва гирифтани пеши роҳи хунрезӣ далолат медиҳад.

*“Ва агар ба сулҳ майл кунанд, ту низ ба сулҳ майл кун ва бар Худо таваккал кун!”*

***Қуръони карим, ояти 61-уми сураи “Анфол”.***

устувории қонун як қисми таҳкурсиест, ки ба давлати аҳолиаш гуногун хеле зарур аст”.

Чизи мукаммал зиёд ва камро намепазирад.

***Абӯрайҳон Берунӣ***

Гуфтаҳои намояндаи калисои апостоли арманҳо “Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ба дини худ дигаронро тела дода даровварад, ё дигар эътиқодҳоро паст занад”, Фридрихи Бузург “Нисбати ҳамаи динҳо бо сабру тоқат дар муносибат бояд буд, чунки ҳар як инсон ба ҳаёташ бо роҳи худ муваффақ мешавад” аз дастгирӣ шудани принсипҳои таҳаммулпазирии динии намояндагони конфессияҳои мухталиф далолат медиҳанд.

Намояндагони конфессияҳои гуногуне, ки дар Ӯзбекистон фаъолият мебаранд, дар байни аҳолии эътиқодашон мухталиф дар бобати мустаҳкам кардани сулҳу осоиш ва риштаҳои дӯстӣ ҳиссаи худро мегузоранд. То имрӯз бахшида ба масъалаҳои моҳияти

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ҳикояи зеринро бо принсипҳои сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бипайвандед.

*Сафир ба ҳузури шоҳи Кастилия ташриф оварда, мактубу ҳадяҳои Темурбек, сангҳои қиматбаҳо ва тибқи одат канизакҳои ӯ фиристодаро тақдим намуд. Давлатпаноҳи азимушшаън мактуб ва тӯҳфаҳои фиристодаи Темурбекро қабул карда, суханони хаттӣ ва шифоҳии ӯро шунида, бо нияти мустаҳкам кардани муносибатҳои дӯстона амр кард, ки барои вай тӯҳфаҳо тайёр намуда, фиристонанд. Ва қарор кард, ки магистри илоҳиёт Фра Алфонсо, Поес де Санта Мария, Руи Гонсалес де Клавихо ва посбони шахсии шоҳ Ҳомес де Салазар ба ҳузури Темурбек ба сафирӣ, ба воситаи онҳо мактуб ва тӯҳфаҳо фиристода шаванд.*

***Руи Гонсалес де Клавихо, аз рӯзномаи “Сайёҳат ба Самарқанд, ба қасри Амир Темур”***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Дар даври Ҷанги дуюми ҷаҳон оҳангари тошкандӣ оилаи Шоаҳмад Шомаҳмудов бачаҳои бепарастор ва ятимро ба фарзандӣ қабул кардааст. Онҳо: Ҳабиба, Вова, Шухрат — рус, Ҳамидулло — украин, Рафиқ, Раҳматулло — тотор, Холида — молдован, Самуғ — чуваш, Йӯлдош, Эргаш — яҳудӣ, Ҳалима — қазоқ, Қорабой, Неъмат, Муаззам, Улуғбек — ӯзбек.

Ҷасорати маънавие, ки халқамон дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон нишон дода шудааст, дар мисоли оилаи Шомаҳмудовҳо фаҳмонед. Фикратонро дар асоси мафҳумҳои “тифоқии байнимиллӣ”, “таҳаммулпазирии динӣ”, “арзиши миллӣ ва умумиинсонӣ” эзоҳ диҳед.



## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Аҳолии мамлакатамон ҳоло аз 32 млн. зиёд буда, аз онҳо 80 фоизро ӯзбекон, 4,9 фоизро тоҷикон, 3,8 фоизро русҳо, 3,6 фоизро қазоқҳо ва 7,7 фоизро дигар миллатҳо ташкил медиҳанд. Давлати аҳолиаш сермиллат ба бисёрконфессиявӣ асос мешавад. Ҷамъ дар байни беш аз 130 миллат ва қавм ғайр аз ислом, ба дини насронӣ, яҳудӣ, буддоӣ ва дигар конфессияҳо эътиқодмандон ҳастанд.

иҷтимоии таҳаммулпазирии динӣ дар диёрамон, шаклҳои намоён кардани он, аҳамияти он дар тараққиёти ҷамъият чандин тадқиқотҳо амалӣ карда шуданд.

Аз ҷиҳати таърихӣ омӯхтани муносибатҳои дар асоси ҳурмати якдигар сохта шудани намояндагони конфессияҳо дар Ўзбекистон дар давоми асрҳо ташаккул ёфтани анъанаҳои таҳаммулпазирии диниро дар кишварамон нишон медиҳад ва он барои дар тафаккури ҷавонон мустаҳкам шудани ин гуна фазилатҳо хизмат мекунад.

Намояндагони соҳаи динӣ фаъолияти худро ба ҷиҳати асосии муносибатҳои дин ва давлат — ба корҳои сиёсат дахолат накардани дин, ҳар як дин, дар навбати аввал принсипҳои ҷиҳатҳои маънавию ахлоқиро дар худ таҷассум бояд карда бошад, такя карда, ба амал баровarданаш ба мақсад мувофиқ аст.

Яке аз омилҳое, ки эҳтимол дорад ба сулҳу суботи мамлакат таҳдид кунад, ин миссионерӣ мебошад. Сарфи назар аз қонунан манъ шудани он фаъолияти миссионерӣ дар амал бар зидди принсипҳои таҳаммулпазирии динӣ буда, ба низоъҳои байнидинӣ сабаб шуданашон мумкин. Аз ин рӯ фаъолияти онҳоро

> ... Душманӣ бо гурӯҳи дигар водоратон накунад, ки беадолатӣ кунед.
>
> ***Қуръони карим, ояти 8-уми сураи Моида***

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Калимаи *“толерантӣ”-и* Декларатсияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ баъди он, ки ба тоҷикӣ *“таҳаммулпазирӣ”* тарҷума шуд, аз забони мо маҳкам ҷой гирифт. Калимаи русии *“терпимость”*, ба таври дигар *“снисходителность”*, яъне маънои таҳаммулпазирӣ, дилфарох, тоқатпазириро дорад Дар соҳаи дин русҳо *“веротерпимость”-ро* истифода мебаранд. Ибораи *“таҳаммулпазирии динӣ”* дар забони тоҷикӣ айнан ба мазмуни он мувофиқ аст.

таҳлилӣ омӯхта, нисбат бар зидди онҳо тадбирҳо андешидан аҳамияти калон дорад.

Мафҳуми толерантӣ ин на фақат қарзи маънавӣ, балки эҳтиёҷи сиёсию ҳуқуқӣ аст. Манбаъҳои таърихӣ дар диёрамон аз қадимулайём динҳои дорои низоми мураккаб мафкуравии зардуштӣ, буддоӣ, яҳудӣ, насронӣ дар муҳити сулҳу субот фаъолият бурданашон дарак медиҳанд. Ин гуна ҳолатро дар мисоли муносибатҳои байни ҳамдигарии конфессияҳои ислом, насронӣ, яҳудӣ ва дигарон низ дар Ӯзбекистони имрӯза дидан мумкин.

Дар мамлакати аҳолиаш гуногунмиллат ва бисёрконфессия сиёсати татбиқшудаи босуботи давлат дар соҳаи ҳамбастагии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ барои дар амонӣ ва озод зиндагӣ карданни намояндагони миллатҳои гуногун ва ҳамаи конфессияҳои динӣ асос фароҳам овардааст. Воқеияти имрӯза исботи рӯшани он аст.

Мувофиқи Қонун “Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ”-и Республикаи Ӯзбекистон, ки дар асоси Конститутсия қабул шудааст, “Давлат сулҳу тифоқии байни конфессияҳои диниро даст-



Ва аз нишонаҳои қудрати ӯст офариниши осмонҳову замин ва гуногунии забонҳову рангҳоятон. Дар ин ибратҳоест барои доноён.

***Қуръони карим, ояти 22-юми сураи Рум***



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Суханони “Ӯ магар инсон нестӣ”-и матни зеринро шумо чӣ хел фаҳмидед? Вақте ки инсонгарӣ, одамгарӣ мегӯянд, чиро мефаҳмед?

*“Аз назди Набӣ (алайҳис-салом) ҷаноза гирифта гузаштанд. Он вақт он зот аз ҷояшон бархестанд. Одамон “Ё Расулуллоҳ, ин ҷанозаи яҳудие буд” гуфтанд. Он кас “Ӯ магар инсон нест?” гуфтанд.*

***Ривояти Имом Бухорӣ***

гирӣ мекунад. Рафтори даровардани диндорони як конфессияро ба дигараш (прозелитизм), инчунин ҳар гуна фаъолияти миссионерӣ манъ карда мешавад. Шахсони ин қоидаро вайронкарда ба ҷавобгарии дар ҳуҷҷатҳои қонун муқарраршуда кашида мешаванд".

Муносибатҳои байни аҳолии мансуб ба конфессияҳои мусулмон ва дигари Осиёи Марказӣ дар сатҳи ҳам сиёсӣ, ҳам маишӣ ба ду хусусияти асосӣ асос ёфтаанд, инҳо ҳурмати якдигар ва таҳаммулпазирӣ аст. Ин муносибат дар натиҷаи аз имтиҳони ҷараёнҳои таърихии мураккаб мардонавор гузаштани намояндагони дин ташаккул ёфтааст. Дар мамлакат бо мақсади таъмини сулҳ, тараққиёт ва фаровонӣ, мустаҳкам намудани барқарории иҷтимоӣ намояндагони ҳамаи конфессияҳо дар тадбирҳои маънавию маърифии ташкилшуда дар диёрамон ва дар хориҷа иштирок карда меоянд.

Инчунин дар тадбирҳои дастгирӣ кардани тифоқии байнидинӣ дар мамлакат ва чораҷӯйиҳои зидди кирдорҳое ба мисли миссионерӣ, ки сабабгори низоъ ва душвориҳо мешаванд, фаъол иштирок менамоянд. Маърӯзаҳои онҳо дар бораи ислоҳоти амалишуда барои таъмини озодии эътиқод дар мамлакатамон, барқарор кардани тифоқии байнимиллӣ ва байнидинӣ барои аз наздик шинос шудани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ислоҳот аҳамияти калон касб менамоянд. Ин гуна муносибат аз тарафи давлат низ тақдир карда мешавад. Бо ордени "Дӯстлик" тақдир шудани митрополит Владимир далели рӯшани он аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Ба вуҷуд омадани зарурати ташаккули маданияти таҳаммулпазирии динӣ ба кадом омилҳо вобаста аст?
2. Таҳаммулпазирии динӣ дар дини ислом ва дар урфу одатҳои миллиамон чӣ гуна талқин карда мешаванд?
3. Нақши таҳаммулпазирӣ дар нигоҳ доштани сулҳу барқарорӣ дар мамлакат чӣ гуна аст? Фикратонро бо мисолҳо асоснок кунед.

# 26–27-§ ТАЪЛИМИ ДИНӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

## ДАР ДАРСИ ИМРЎЗА БО МАСЪАЛАҲОИ ЗЕРИН ШИНОС МЕШАВЕД:

1. Решаҳои таърихии таълими динӣ дар Ўзбекистон.
2. Мадраса ва семинарияҳое, ки дар Ўзбекистон фаъолият нишон медиҳанд.

## РЕШАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАЪЛИМИ ДИНӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Таълими динӣ дар таърихи Ватанамон гузаштаи дуру дароз дорад. Ҳанўз дар асрҳои миёнаи барвақт дар мадрасаҳои диёрамон, ки фаъолияти калонмиқёс мебурданд, баробари донишҳои динӣ донишҳои дунёвӣ низ омўзонида мешуд. Дар он давр мадрасаҳо вазифаи таълими миёнаи махсуси миёна ва олиро пурра иҷро мекарданд.

Тошканд, Бухоро, Самарқанд, Хива барин шаҳрҳо марказҳои калонтарини илмӣ ба ҳисоб рафта, дар асрҳои XV—XIX ин ҷойҳо ҳамчун марказҳои таҳсилоти олии оламу мусулмон эътироф шудаанд.

Дар даврҳои пас аз истилои Россияи подшоҳӣ мадрасаҳои суст шуданд. Баъзеи онҳо пўшида ҳам

> Илм аст, ки инсонҳоро ба некӣ даъват намуда ва аз бадӣ бармегардонад.
>
> ***Абдулло Авлонӣ***

## ДАР ГУЗАШТАИ НАЗДИК

Дар охири асри XIX дар аморати Бухоро 336, дар хонии Хива 132, дар кишвари Туркистон 348 то мадраса ба рўйихат гирифта шуда буданд.

Эй инсон, аввал илмнок шав, ӯ бароят мисли падар бошад. Пас аз он парҳезгар бош., вай ба ту мисли модар меҳрубон шавад. Худро бар оғӯши онҳо андоз, он дам Парваридгор аз балоюю офатҳо нигаҳ медорад.

***Маҳмуд Замахшарӣ***

шуданд. Дар охири асри XIX –ибтидои асри XX мактабҳои ҷадид ба фаъолият сар карданд. Шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Қӯқандро ба маркази мактабҳои ҷадидӣ табдил доданд.

Дар ибтидои соли 1917 дар Туркистон қариб 100 то мактабҳои усули нав фаъолият намуда, дар онҳо беш аз 4 ҳазор донишомӯз таҳсил мегирифт. Дар ин мактабҳо баробари асосҳои дини ислом забони хориҷӣ, физика, кимё, математика, психология, гигиена, агрономия, иқтисод, ҳисобу китоб барин илмҳои замона омӯзонида мешуданд.

Баъди барпо шудани Иттифоқи Шӯравӣ мубориза бар зидди дин ва мадрасаҳои авҷ гирифт. Аммо дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон давлати шӯро барои ҳимояи манфиатҳои сиёсии худ муносибатро нисбат ба дин каме нарм намуд.

Соли 1943 дар Тошканд Идораи мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон ташкил шуда, вазифаи он аз мувофиқ сохтани фаъолияти ташкилотҳои динии исломии республикаҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон иборат буд.

Соли 1945 дар Бухоро мадрасаи Мири Араб пас аз танаффуси зиёд ба кор сар кард. Баъдтар мадрасаи Бароқхони Тошканд низ фаъолият оғоз намуда, соли

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар замони ҳукмронии манғитҳо дар аморати Бухоро бештар иншоотҳои бузург—дарвозаи Шайх Ҷалол ва хонақоҳ (нимаи дуюми асри XVIII), мадрасаи Домулло Турсунҷон (1796-97), ансамбли Халифа Худойдод (1777—1855), Чорминор (1807), мадрасаи амир (ибтидои асри XX), Ситораи Моҳи Хоса (XIX—ибтидои XX) ва дигар бино ва иншоотҳо барпо карда шуданд.

1971 мақоми донишкадаи исломии Тошканд ба номи Имом Бухориро гирифт. То соли 1900 дар собиқ ҳудуди Шӯроҳо ғайр аз ин ду муассисаҳои таълими исломӣ дигар муассисаҳо набуданд. Онҳо асосан дар ҳузури Садорати динии мусулмонони Осиёи Миёна (САДУМ — Среднеазиатское духовное управление мусулман) барои тайёр намудани имомҳо ихтисосонида шуда буданд.

Пас аз он, ки Республикаи Ӯзбекистон истиқлолро ба даст овард, ба соҳаи таълими динӣ эътибори алоҳида дода шуд. Мадрасаҳо, объектҳои динию маърифии аз рӯйихати давлатӣ гузашта ба тасаррufи Идораи мусулмонони Ӯзбекистон гузаштанд. Ҳоло дар диёрамон муассисаҳои зерини таълими динӣ фаъолият нишон медиҳанд.



*Бинои Донишкадаи исломии Тошканд*

Донишкадаи (институти) исломии Тошканд ба номи Имом Бухорӣ 1-уми октябри соли 1971 кушода шуда, дар мадрасаи Бароқхон ҷой гирифта буд. Соли 2007 ба муносибати пойтахти маданияти исломӣ эълон шудани Тошканд Маҷмӯаи Ҳастимом аз нав сохта шуд ва ин институт ба бинои нав соҳиб гардид. Ҳоло институт дар таркиби маҷмӯаи меъмории Ҳастимом дохил аст.




*Маросими кушодани мадрасаи олии “Мири Араб” дар Бухоро*

Омӯзишгоҳи миёнаи махсуси донишҳои исломии Мири Араб (ш.Бухоро) аз тарафи Шайх Саид Абдулло ал-Яманӣ аз ҳисоби маблағҳои Амир Убайдуллохон дар солҳои 1530—1536 бунёд шуда буд.

Мадрасаи олии Мири Араб (вил. Бухоро) бо ташаббуси Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев соли 2017 ташкил карда шуд. Ин муассисаи таълими олӣ дар ҳудуди зиёратгоҳи Баҳоуддин Нақшбанди ноҳияи Когони вилояти Бухоро ҷойгир аст.

Омўзишгоҳи миёнаи махсуси Кўкалдош (ш.Тошканд) дар солҳои 1569—1570) аз тарафи Бароқхон сохта шудааст. Соли 1999 ин мадраса ҳамчун омўзишгоҳи миёнаи махсус аз нав кушода шуд.

Омўзишгоҳи миёнаи махсуси исломии Саййид Муҳиддин Махдум соли 1992 дар деҳаи Ҷалабеки ноҳияи Олтинкўли вилояти Андиҷон барпо шуд.

Мадрасаи Мулло Қирғиз Охунд дар солҳои 1914—1915 дар вилояти Намангон аз ҷониби Атоуллохон барпо карда шудааст. Соли 2014 ҳамчун омўзишгоҳи миёнаи махсуси исломӣ бо номи “Ҳидоя” аз нав ташкил шуд.

Инсони ҳалолро таъқиб кардан мумкин, аммо онро шарманда карда намешавад.

***Волтер***

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни додашударо хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Мақсад аз эътибор додан ба илму фан ва тарғиб намудани он дар дини ислом чист?

2. Дастгирӣ кардани инкишофи илму фан чӣ натиҷаҳо додааст?

*Дар дунё ба аввалин беморхона соли 707 аз тарафи мусулмонҳо (барои он, ки аз тарафи давлат бо молия таъмин мешуд, онро ҳоло ташкилоти буҷетӣ меноманд) асос гузошта шуд. Дар ин беморхона хизмат кардани ҳамшираҳо ба роҳ монда шуд ва институтҳои тиббиёт ба кор сар карданд. Дар тўли асрҳои зиёд айнан шифокорони мусулмон оид ба санҷидани бемориҳои чашм ва муолиҷаи он мутахассис ба ҳисоб мерафтанд.*

Омӯзишгоҳи миёнаи махсуси исломии Фахриддин ар-Розӣ соли 1992 дар бинои масҷиди “Худойқули Эшон бобо” фаъолияти худро сар кардааст. Соли 1994 ба бинои таърихии “Дошқинҷон бобо”, ки дар шаҳри Урганҷ аст, кӯчид.

Омӯзишгоҳи миёнаи махсуси исломии Муҳаммад Берунӣ соли 1992 дар пойтахти Республикаи Қароқалпоқистон шаҳри Нукус кушода шуд. Омӯзишгоҳ дар бинои масҷиди ҷомеъи “Имом Эшон” ҷой гирифтааст.

Омӯзишгоҳи миёнаи махсуси исломии Ҷӯйбори калон (ш.Бухоро) дар охири асри XVII – ибтидои асри XVIII бо фармони ҳокими шаҳри Бухоро сохта шуд. Мадраса соли 1992 фаъолияташро аз нав сар кард.

Омӯзишгоҳи занонаи миёнаи махсуси исломии “Хадичаи Кубро” (ш.Тошканд) соли 1993 фаъолияти худро оғоз намуд.



*Хатмкунандагони Донишкадаи исломии Тошканд*



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Меъмор Исмоил бин Тоҳир Маҳмуд Исфаҳонӣ бо супориши Мирзо Улуғбек дар соли 1417 дар Бухоро мадраса месозад. Дар дарвозаи чӯбини мадраса ҳадиси шарифи “Кӯшиш ба илм барои ҳар як муслим ва муслима фарз аст” ба забони арабӣ бо ҳарфҳои накшин сабт карда шудааст. Дар ҳалқаи оҳанини дарвоза яке аз меъморони ҷавон, ки ба олим меҳраш зиёд буд, ба рӯҳияти подшоҳ Мирзо Улуғбек хос чунин навиштааст: “Ба одамони аз дурдонаҳои илм баҳрамандшуда Аллоҳ таъоло дарҳои раҳматро мекушояд”.

> Ҳеҷ гоҳ дар омӯхтани илм танаффус набояд бошад, зеро он боиси маҳрумияти бузург мешавад.
>
> ***Бурҳониддин Марғинонӣ***

Бо ташаббуси Президентамон Шавкат Мирзиёев дар соли 2017 дар донишгоҳҳои давлатии Бухоро ва Тирмиз самти таълими таърихи ислом ва манбаъшиносии ислом кушода шуд. Инчунин дар Самарқанд мактабҳои илмии илоҳиёт ва ҳадисшиносӣ, дар Бухоро тасаввуф, дар шаҳри Қаршӣ ақоид, дар Марғилон ҳуқуқи ислом ташкил карда шуданд.

Бино ба фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон аз 16 апрели соли 2018 “Дар бораи чораву тадбирҳои ба куллӣ такмил додани фаъолияти соҳаи динию маърифӣ” Академияи исломии Ўзбекистон дар назди Идораи мусулмонони Ўзбекистон ва дар асоси Донишгоҳи исломии Тошканди дар назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон ташкил карда шуд.

Бино ба фармон Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон дар муассисии Кумитаи оид ба корҳои дини Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон доир ба илмҳои Қуръон, ҳадис, ҳуқуқи ислом, ақида, тасаввуф, иқтисодиёт ва молияи ислом, му-

## БАРОИ МАЪЛУМОТ

Бино ба маълумоти охирини Бюрои маорифи байналмилалӣ Арабистони Саъудӣ ва Яман имрўз мамлакатҳои дар бобати таълими динӣ бештар аз ҳама соати таҳсил ҷудокарда ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, барои таълими динӣ дар 6 соли аввали барномаи таҳсили мактаби таълими умумӣ дар Арабистони Саъудӣ 1458 соат (31 фоизи соатҳои таҳсили умумии то ин вақтбуда), дар Яман 1104 соат (28 фоизи соатҳои таҳсили умумии то ин даврбуда) чудо карда мешавад. Дар айни вақт ин нишондиҳандаҳо нисбат ба кишварҳои дигар се баробар зиёд буданашро бояд алоҳида таъкид намуд.

*Манбаъ: www.islamcenter.uz*



*Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон*

носибатҳои байналмилалӣ, забонҳои хориҷӣ (арабӣ, форсӣ, англисӣ, русӣ, урду, туркӣ) ва дигар соҳаҳои дар миқёси байналмилалӣ зарур кадрҳои бомалакаро тайёр менамояд, муассисаи таълимӣ ва илми тадқиқотии оид ба ташкили низоми яклухти доимии зинаҳои таълими миёнаи махсус, таълими олӣ, таълими баъди таҳсилоти олӣ, такмили ихтисос ва тадқиқи чуқури мероси илмӣ ва ҳифзи он, муассисаи ихтисосии донишҳои динию дунёвӣ ба ҳисоб меравад.

Муассиса фаъолияти ҳамаи муассисаҳои таълими исломиро аз ҷиҳати таълиму меъёрӣ ва таълиму услубӣ таъмин ва мувофиқат менамояд.

Академия аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии Республикаи Ўзбекистон ва дигар манбаъҳои хилофи қонуннабуда таъмин мешавад.

Инчунин, бино ба фармон, хатмкардагони академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон ҳуқуқи бурдани фаъолияти педагогӣ оид ба фанҳои дахлдо-

... Умри одамоне, ки вақтро бо “эҳ, афсўс”, “ кошки” мегузаронанд, умри аз ҳама кўтоҳ аст.

***Наҷмиддин Кубро***

ри соҳа дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои миёнаи махсус ва олиро додааст.

Дар диёрамон семинарияҳои динии калисоҳои насронии инҷили пурра оид ба Православияи Рус ва протестантӣ ҳам амал мекунанд.

Дар даври истиқлол дар Ўзбекикстон дар баробари дини ислом ба фаъолият нишон додани муассисаҳои таълими дигар конфессияҳои динӣ имкониятҳо боз шуданд. Хусусан, аз соли 1998 семинарияҳои Православ ва Протестантӣ ба фаъолият сар карданд.

Семинарияи динии Тошканд дар назди калисои православи рус муассисаи таълимии таҳсилоташ панҷсола ба ҳисоб меравад. Дар он ҷо ходимони дин ва мутахассисони соҳиби маълумоти олии дорои имконияти кор кардан дар калисои русии православии минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар епархияҳо тайёр карда мешаванд.

Дар замони Россияи подшоҳӣ агар семинарияҳои насронии Тошкандро сарфи назар кунем, таърихи семинарияи динии Тошканд муддати калонро дар бар намегирад.

Соли 1990 бо роҳнамоии Архиерей омӯзишгоҳи динии дусолаи Тошканд кушода шуд. Омӯзишгоҳи динии Тошканд дар назди калисои православи Рус, ки пештар ягон база надошт, ба зудӣ ба по хест. Барои машғулият ҷой ёфта, таркиби омӯзгорони доимӣ ташкил карда шуд, донишҷӯён бо хобгоҳ ва хӯроки гарм таъмин гардиданд.

Соли 1998 бо сайъю ҳаракати ҳукумати Республикаи Ўзбекистон як қатор биноҳо, имрӯз ба ҳудудҳои ба собори Свято-Успенск дахлдор ҷудо карда шуд. Пас аз он Семинарияи динии епархияи Тошканд ва Осиёи Миёна кушода шуд, ки ходимони дорои маълумоти олӣ тайёр менамояд.

— Ҳикмати Ҳақро аз илмат афзал бидон.
— Илматро эҳтиёт кун.

***Мотуридӣ***

Қалби одамони бедониш ба хурофот моил мешавад.

***Абӯрайҳон Берунӣ***

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Амир Шоҳмурод ҳамаи мулкҳои партофтаи вақфро (фондҳои диниро), аз ҳисоби андоз ва пардохтҳои дигар тамоми мадраса, масҷидҳои кӯҳна, хонақоҳ, мактаб, мазорҳоро аз нав барқарор карда бевосита худаш дар сохтмони мадраса ва масҷидҳои нав сарварӣ намуд. Ҳангоми таъин намудани мударрисони мадраса, муфтиҳо, имомҳо, қозиён ва дигар мансбадорони динӣ онҳо то чӣ андоза ба нормаҳои ҳуқуқии шариат риоя намуданашонро, ба саводи ҳуқуқии онҳо нигоҳ карда, ба лавозим таъин менамуд. Ононе, ки дар соҳаи худ бисёр солҳо кор кардаанд, қозиён, имомҳо, муфтиҳо ва муддарисони мадрасаи аз ҳуқуқи шариати замон ба дараҷаи зарурӣ бехабар бо фармони Амир Шоҳмурод аз лавозим холӣ карда мешуданд. Вай донишҷӯёни мадрасаро, ки нормаҳои ҳуқуқи шариатро чуқур аз бар карда буданд, аз ҳисоби андозҳо бо додани музди иловагии талабагӣ дастгирӣ мекард. Вай на фақат чараёни таълими васеъи нормаҳои ҳуқуқи исломро ислоҳ намуд, дар ҳамаи вилоятҳои аморати Бухоро дар амал донистани нормаҳои ҳуқуқи исломро талаб кард ва барои ин имтиёзҳо ва мукофотҳои калон ваъда дод. Бино ба таъкиди олими таърихнигор Хумулӣ, Амир Шоҳмурод "дар тамоми шахр ва ҳамаи вилоятҳои аморати Бухоро олимони бузург ва донандагони нормаҳои ҳақиқии ҳуқуқи исломро (мӯҳтасибон) фиристода, аҳолиро дар масҷиду мадраса ҷамъ оварда, ба онҳо нормаҳои ҳуқуқи ислом, ӯҳдадориашонро фаҳмонда дода, боз ҳам боло бурдани донишҳои ҳуқуқи шаръиашонро аз ҳокимони вилоятҳо талаб кард".

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Марказҳои калонтарини илмӣ дар ҳудуди Ӯзбекистон кадомҳоянд?
2. Дар замони Иттифоқи Шӯравӣ дар диёрамон кадом муассисаҳои таълими динӣ фаъолият мебурданд?
3. Дар солҳои истиқлол дар соҳаи таълими динӣ чӣ гуна ислоҳот ба амал бароварда шуд?
4. Дар диёрамон кадом муассисаҳои ғайриисломии динӣ мавҷуданд?

# ТАВЗЕҲОТ

**Ақида** — дар забони арабӣ маънои як чизро бо дигараш вобаста карданро доранд. Дар истилоҳ яке аз номҳои машҳури илми ақоид аст.

**Алтар** — (лот. “баланд”) меҳроб дар ибодатхонаи калисои насронӣ ва қисми баландтарини минбар гузошташуда.

**Апокалипсис (Ваҳинома)** — қисми таркибии “Аҳди нав” буда, онро яке аз муаллифони “Инҷил” Иоанн ба воситаи илҳоми илоҳӣ навиштааст, гуфта эътиқод мекунанд.

**Воҷиб** — бино ба таълимоти мазҳаби ҳанафия, амале, ки дар Қуръони карим амраш аниқ ва ошкоро гуфта нашудааст, аммо иҷрояш шарт аст.

**Габрҳо** — гурӯҳҳои этноконфессионалие, ки дар Эрон эътиқоди дини зардуштиро нигоҳ доштаанд. Габрҳо миллати хурд шуморида мешаванд. Ҳоло онҳо дар Эрон 45 ҳазор нафарро ташкил мекунанд. Онҳо асосан дар Теҳрон, Кирмон барин шаҳрҳо ва атрофи онҳо иқомат доранд.

**Дякон** (юнонӣ “хизматгор”) — дараҷаи пасти рӯҳонӣ дар калисои насронӣ

**Епископ** (юн.қад. “назораткунанда”) — дар аксар калисоҳои насронӣ — иерархи олӣ. Номи умумишудаи ҳамаи архейерейҳо (патриарх, митрополит, архиепископ).

**Закот** (арб. “тоза шудан, покшавӣ) — яке аз панҷ рукни ислом. Баъди расидан ба ҳисоби молу мулк, аз чил як қисми онро (2,5%) ба одамони мӯҳтоҷ ба сифати садақа додан.

**Икона** — расмҳое, ки портрети авлиёҳои насронӣ кашида шудаанд. Онҳо дар калисоҳо ҳамчун маводи ибодат истифода мешаванд.

**Индулгенсия** — гувоҳнома дар бораи бахшида шудани гуноҳҳо, ки аз тарафи калисои католикӣ ба диндорон дода мешавад.

**Калом** (араб. “сухан”, “нутқ”) — номи илми ақида баъди пайдо шудани мўътазилиҳо.

**Каромат** (араб. “бузургӣ”) — бино ба таълимоти ислом қудрати ғайриоддии аз сеҳр фарқкунанда, ки аз тарафи Оллоҳ ба дўстони вай — авлиёҳо ато шудааст.

**Кирха** (немисӣ, “калисо”) — номи калисои лютеранӣ.

**Коллегияи кардиналҳо** — шўрои олии калисои католикии Рим

**Космогония** — астрономия дар бораи ҷисмҳои осмонӣ, пайдоиш ва тағйирёбии онҳо. Дар ин ҷо ба маънои илоҳӣ кардани ҷисмҳои осмонӣ.

**Костел** (поякӣ, чехӣ “калисо”) — истилоҳе, ки нисбат ибодатхонаҳои тобеи калисои католикии Рим истифода мешавад.

**Медиататсия** (лот. “фикр кардан, мулоҳиза”) — ҳолати ба фаъолияти рўҳӣ чуқур дода шудани шахс дар буддоӣ.

**Миститсизм** (юн.қад. “пинҳон, асроромез”) — таълимот дар бораи имконпазирии мулоқоти бевосита бо олами илоҳиёт.

**Митрополит** (юн.қад. “шаҳри асосӣ, пойтахт, одами митрополия) — унвони олии рўҳонӣ дар калисои православии воқеъ дар шаҳрҳои пойтахт.

**Модернизм** — равияе, ки ба воқеияти замона мутобиқшавии динро тарафдорӣ мекунад.

**Монотеизм** (юн.қад. “моно” — “ягона”, “тео” — “илоҳиёт”) — яккахудоӣ.

**Мурид** (араб. “хоҳишманд”) — шогирде, ки ба роҳи тасаввуф даромада, ба муршид даст додааст.

**Мутаассибӣ** — ғояи худро “дуруст “ гуфта, эътироф накардани фикри дигарон ва онҳоро ба вайронкорӣ айбдор намудан.

**Мушрик** — бино ба таълимоти ислом, инсони ба Оллоҳ ширк оварда, одами ба бисёрхудоӣ айбдор шуда.

**Насрониёни инҷили пурра** — яке аз мазҳабҳои калонтарин дар протестантизм, номи дуюми пятидесятникҳо.

**Оят** (араб. “нишона; мўъҷиза”) — қисм, “ҷумла”ҳое, ки сураҳои Қуръонро ташкил медиҳанд.

**Папа** — рўҳонии асосӣ дар равияи католикии насронӣ.

**Порсҳо** — эътиқодмандони зардуштии имрўза дар Ҳиндустон.

**Патриарх** (юн.қад. “падар”, “асосгузор”) — мартабаи олии динӣ дар калисои ортодоксалӣ (православие) буда, дар он сарварони автокефал — калисоҳои мустақил чунин ном гирифтаанд.

**Политеизм** (юн.қад. “поли” — “бисёр”, “тео” — “худо”) – бисёрхудоӣ.

**Сунна** — дар ислом “роҳи пайғамбар”.

**Таваккул** — бино ба таълимоти ислом, иродаи худро ба Оллоҳ бовар карда супурдан.

**Тафсир** (араб. “баён кардан”) — маънои ба худ хос додан ба оятҳои Қуръон.

**Терроризм** (фр. “тарсондан”) — фикри худро бо роҳи зўроварӣ ба дигарон гузаронидан. Дар ин роҳ аз усулҳои суиқасд, тахрибкории террористӣ истифода бурда мешавад.

**Тобеин** (араб. “пайравиён”) — одамоне, ки саҳобаҳои Пайғамбарро дидаанд ва аз паси онҳо рафтаанд.

**Традитсионализм** — равияи анъанавӣ, ки ба принсипи нақл (тақлид) асос намудаанд.

**Фақеҳ** — донишманди илми фиқҳ.

**Фанатизм** — мутаассибӣ.

**Фатво** — ҳукми фиқҳӣ барои ҳалли муаммоҳои нави дар дин пайдошуда, ки ба Қуръон зид нест.

**Фиқҳ** (араб. “фаҳмидан”) — фаннест, ки қонуну қоидаҳои шариатро меомўзонад.

**Фундаментализм** – бозгаштан ба даври аввалини пайдоиши дини муайян ва таълимотест, ки ғояи бо ҳамин роҳ, яъне ба гузашта баргашта ҳал намудани ҳамаи муаммоҳои замона.

**Ҳадис** (араб. “нав; сухан”) — суханони баёнкардаи Муҳаммад (с.а.в.) пайғамбар, ривоятҳо оид ба корҳои анҷомдодаашон.

**Ҳадиси қудсӣ** — маънояш ҳадисҳои аз Оллоҳ таъоло буда, гуфтанаш, яъне лафзаш аз Расулуллоҳ аст.

**Ҳадиси саҳиҳ** (араб. “солим”, “дуруст”) — ҳадисҳое, ки аз тарафи олимон боэътимод, боваринок дониста шудаанд.

**Ҳанифӣ** — ғояи яккахудоӣ, ки дар нимҷазираи Арабистон пеш аз ислом мавҷуд буд.

**Ҳаром** — бино ба таълимоти ислом амали иҷрояш манъшуда дар асоси далелҳои қатъӣ, ки инкор карда намешаванд.

**Ҷиҳод** (араб. “ҷидду ҷаҳд кардан”, “ғайрат намудан”) — сарф намудани қувваҳою ғайрат барои мукаммал иҷро намудани ягон кор. Дар дини ислом ин калима нисбат ба амалиёти инсонҳое, ки барои ҳимояи ватан бар зидди истилогарон ва исёнгарон ба разм баромадаанд, истифода мешавад. Зери истилоҳи “ҷиҳод” чуноне, ки имрӯз гурӯҳҳои мутаассиб талқин мекунанд, набояд ба аҳолӣ ҳуҷум кард.

**Шарр** (араб) — бад, зиштӣ.

**Эволютсионизм** — таълимот дар диншиносӣ оид ба инкишофи зина ба зина, аз содда ба мураккаби ташаккулёбии дин мисли ташаккулёбии дунё.

**Экстремизм** — тарафдори дидани чораву тадбирҳои аз ҳад зиёд тезутунд барои расидани мақсади худ.

**Яҳве** — бино ба таълимоти яҳудия илоҳи пурқудрати ягона, ки дунёро вай офаридааст.

**Яҳудо** — яке аз фарзандони Яъқуб пайғамбар. Авлоди онро “яҳудиҳо” мегӯянд.

**Яшт** — қисми якуми Авесто.

# Мундарича


Сарсухан........................................................................................ 3
§ 1. Ташаккул додани муҳити бехатарӣ ва субот дар Ўзбекистон............... 4
§ 2. Тамоилҳо дар диншиносии муосир.................................................. 10
§ 3. Муносибатҳои давлат ва дин .......................................................... 18
§ 4. Дин ва ҳаёти иҷтимоӣ...................................................................... 23
§ 5-6. Динҳои Осиёи Марказӣ.............................................................. 30
§ 7. Сарчашмаҳои динҳои ҷаҳонӣ. Буддавия ва насронӣ ........................ 34
§ 8–9. Ислом дар асрҳои XX-XXI.......................................................... 38
§ 10–11. Равияҳо ва сектаҳо дар дини ислом дар асрҳои XX-XXI........... 43
§ 12-13. Нақши Ўзбекистон дар мубориза и зидди терроризми
байналмилалӣ ва экстремизм ........................................................ 55
§ 14-15. Тариқатҳо дар асрҳои XX–XXI ................................................ 65
§ 16-17. Дин ва маданият дар асрҳои XX–XXI ....................................... 72
§ 18–19. Анъана ва маросимҳои динӣ дар асрҳои XX–XXI ..................... 83
§ 20-21. Шабакаи замонавии ахборот ва омили дин................................ 90
§ 22-23. Манзараи конфессионалии дунё дар асрҳои XX–XXI............... 100
§ 24. Миссионерӣ ва прозелитизм дар асрҳои XX–XXI......................... 112
§ 25. Маданияти таҳаммулпазирии динӣ ва мулоқоти
байниконфессиявӣ ..................................................................... 120
§ 26–27. Таълими динӣ дар Ўзбекистон ................................................ 129
Тавзеҳот ...................................................................................... 138

Zohidjon Mahmudovich ISLOMOV,
Durbek Obidjonovich RAHIMJONOV,
Jasur Xotamjonovich NAJMIDDINOV,
Nargiza Kamaritdinovna ISMATOVA

O‘quv nashri

# DUNYO DINLARI TARIXI

O‘rta ta’lim muassasalarining 11-sinfi uchun darslik

*(Tojik tilida)*

*Birinchi nashr*

Toshkent – «Yangiyul Poligraph Service» – 2018

Nashriyot litsenziyasi AI №185, 10.05.2011 y.

Тарҷумон – Ш. Салимов
Муҳаррир – А. Шукуров
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – Ҷ. Азимов

Аз оригинал-макет ба чоп 01.08.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Гарнитураи «Times New Roman».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,0. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53.
Теъдоди нашр 7648 нусха. Супориши № 4957.

Дар чопхонаи ҶММ «Yangiyul Poligraph Service» чоп карда шуд.
112001, вилояти Тошканд, шаҳри Янгийўл, кўчаи Самарқанд, 44.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора дода**

| Р/т | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Китоби дарсӣ ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали боло аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қаҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад. Аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |